**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

**РАҚИБ АБУЛҲАЕВ**

# ИНКИШОФИ ОБЁРӢ ВА АЗХУДКУНИИ ЗАМИНҲОИ БЕКОРХОБИДА ДАР ТОҶИКИСТОН

**(СОЛҲОИ 1961-1991)**

**Душанбе- 2026**

ББК 63.4 (тоҷик) 7- +8 А- 83

*Ба хотираи бародари зиндаёд Ходими Шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, журналисти оташинсухан Ҷамоли Абдулҳай бахшида мешавад.*

**Муаллиф: Рақиб Абулҳаев**
Муҳаррири масъул: Убайдулло Насрулло Каримзода д.и.т., профессор
Муқарризон: Фозил Абдурашитов д.и.т., Намоз Ҳотамов, д.и.т., профессор.

**А-83 Рақиб Абулҳаев. Инкишофи обёрӣ ва азхудкунии заминҳои бекорхобида дар Тоҷикистон (солҳои 1961-1991).-Душанбе: 2026, 200саҳ.**

*Таҳқиқоти навбатии пажуҳишгар ва яке аз ҷӯяндагони таърихи халқи тоҷик дар асри XX доктори илмҳои таърих, профессор, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Рақиб Абулҳаев ба яке аз масоили мубрам, яъне ҷараёни азхудкунии заминҳои наву бекорхобида, иншооти дар он солҳо барои инкишофи хоҷагии кишоварзӣ ниҳоят зуруру муайянкунанда ирригатсияю мелиоратсия, тайёр кардани кадрҳои механизаториву муҳандисӣ, муҳоҷирати ба нақша гирифташудаи деҳқонони минтақаҳои кӯҳиву баландкӯҳ ба водиҳои фарох ва ғайра бахшида шудааст. Дар ин асар олим кӯшиш ба харҷ додааст, ки ширкати фаъолонаи намояндагони миллату халқиятҳои гуногунии собиқ Иттиҳоди Шуравиро дар азнавсозии соҳаҳои мухталифи хоҷагии кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, истифодаи техникаи замонавӣ ва ба меҳнаткашони Тоҷикистон омӯзонидани таҷрибаи истеҳсолӣ дар асоси маводу ҳуҷҷатҳои боварибахш бо қалам ифода намояд. Дар ин кори таҳқиқотӣ муаллиф инчунин хусусиятҳои махсуси сохтмонҳои ирригатсионӣ ва дар водиву мавзеъҳои мухталифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати солҳои 60-80-уми асри XX азхудкунии заминҳои наву бекорхобидаро аниқу равшан ба қалам додааст. Ва дигар ин ки то ин дам дар таърихнигоии Тоҷикистон оид ба ин масъалаҳо асарҳо ба забони тоҷикӣ ангуштшумор ба назар мерасиданд. Бинобар ин, муаллиф лозим мешуморад, каме ҳам бошад ин* ***ҷойи*** *норавшанро равшан намояд.*

# МУНДАРИҶА

**Сарсухан ........................................................................ 4**

**Боби I. Бунёди иншоотҳои обёрикунанда .....................11**

**Боби II. Мавқеи обёрии мошинӣ дар азхудкунии заминҳои нав ..........................................................59**

**Боби III. Азхудкунии заминҳои нав ва бекорхобида.....89**

**Боби IV.Муҳоҷирати ба нақша гирифташудаи дохилӣ...............................................................127**

**Боби V. Тайёр намудани кадрҳои хоҷагии об.............165**

**Хотима ..............................................................193**

## САРСУХАН

Монографияи навбатии муаррих профессор Рақиб Абулҳаев "Инкишофи обёрӣ ва азхудкунии заминҳои бекорхобида дар Тоҷикистон (солҳои 1961-1991)" давоми мантиқии ду китоби қаблие, ки бо ҳамин ном солҳои (1929-1941) ва (1946-1960) –ро дар бар гирифта, нашр гардида ба дасти аҳли илм ва хонандагони сершумор расидаанд, маҳсуб аст.

Асари мазкур, ки баъд аз чоп ба муҳокимаи васеи аҳли илму ҳаводорони таърихи нимаи дуюми асри XX халқи тоҷик ва Тоҷикистон пешкаш мешавад ва давраи солҳои 60-80-умро дарбар мегирад, бо чандин хусусиятҳо ва давраҳои аз якдигар фарққунанда шомил аст. Ин давраи таърихӣ сифатан нави масъалаҳои барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрами инкишофи минбаъдаи хоҷагии кишоварзӣ ва ба ин васила баланд бардоштани ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии қабл аз ҳама меҳнаткашони деҳот, сохтмонҳои бузурги ирригатсионӣ, мелиоративӣ, азхудкунии заминҳои наву бекорхобида шомиланд. Дар солҳои қаблӣ сохтмонҳои ирригатсионӣ, мелиоративӣ ва азхудкуии заминҳои нав бо иштироки васеи меҳнаткашон амалӣ мегардид. Дар заминҳои обёришавандаи хоҳ кӯҳна ва хоҳ нав, дар водиҳои ҷумҳурӣ ба воситаи обёрии худҷоришаванда ба роҳ монда мешуд. Солҳои 60-ум ва 80-уми асри XX дар иншооти бузурги ирригатсионӣ кӯшишу ғайрати беҳад зиёд карда шуд, инчунин ба ҳар як гектар замини нави обёришаванда, қувваю харҷи калони маблағро талаб мекард.

Хусусияти дигари иншоотҳои ирригатсиониву азхудкунии заминҳои нав дар давраи номбурда боз аз он иборат буд, ки корҳои ба ин васила вобаста мунтазам ба ҷониби кӯҳсор рӯ ниҳода, азхудкунии заминҳои дар доманакӯҳҳо ҷойгирифта оғоз мегардад,

ки ин вазъият ба мутахассисон душвориҳои навбатиро ба бор меовард. Инчунин, вазнинии кор боз аз он иборат буд, ки ин мавзеъҳо ба воситаи кӯҳҳои осмонбӯс аз сарчашмаҳои обтаъминкунии заминҳои бекорхобидаю навкорам канда буданд. Аз ин рӯ, лозим буд, ки ба воситаи сохтмонҳои аз лиҳози техникӣ душвори нақбҳои калони обгузар маҷрои дарёҳоро ба водиҳои фарохи азхудшаванда равон гардонанд. Бинобар ин, яке аз воситаҳои дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мавзеи баландкӯҳ истифодаи методи обёрии мошинии заминҳо амалӣ мегардад. Баробари ин корҳои аз лиҳози техникӣ зиёди меҳнаталабро сари вақт ва бо сифати баланд иҷро кардан на танҳо техникаи пурқуввати замонавӣ, инчунин мутахассисони касбии баланд ва махсус аз байни халқи маҳаллӣ тайёр карда зарур буд. Муаллиф оид ба ин масъалаҳо дар асараш ботафсил, боварибахш ва аз лиҳози илмӣ асоснок қаламдод кардааст.

Маълум, ки дар шароити имрӯзаи кишвари Осиёи Марказӣ ва минҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистони офтобӣ вазъияти истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ ва махсусан соҳаи аз ҳама муҳим ва даромадноки пахтакорӣ аз обёрӣ, беҳтар намудани мелиоратсияи замин ва сохтмонҳои ирригатсионӣ вобастагии диалектикӣ дорад. Аз ин ҷо, дар ҳафтсолаи инкишофи хоҷагии халқи мамлакат ба хотири минбаъд рушду нумуъ додани истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ, махсусан барои пешбурди ирригатсия аҳаммияти беандоза дода мешуд, ки оид ба ин масъалаи мубрим ва муайянкунандаи пешравии соҳаи хоҷагии халқ таҳқиқотчӣ ба таври васеъ таҳлилу таҷдид кардааст.

Дар аввали солҳои 60-уми асри XX дар натиҷаи сохтмони калони энергетикӣ, обёришавии заминҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба давраҳои пеш

инкишоф меёфт. Хусусияти махсусаш аз он иборат аст, ки агар дар солҳои 50-ум сохтмони ирригатсионӣ дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон бо суръати тез ва андозаи калон гузашта бошад, аз аввали солҳои 60-уми ҳамин аср сар карда, бо сабаби ташаккул ёфтани комплекси территориявӣ-истеҳсолии ноҳияҳои Ҷанубии Тоҷикистон ин ҷараён бо суръати тез ва миқёси калон дар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубӣ рӯйи кор меояд. Бояд изҳор намуд, ки дар солҳои 60-ум ва 70-ум дар ноҳияҳои Марказӣ ва Ҷанубии Тоҷикистон корҳои намоёни ирригатсионӣ асосан дар водиҳои Ёвону Обикиик, Бешкент, Вахш ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ идома меёфт.

Баробари чунин корҳои сохтмонӣ, инчунин иншооти нақбии Вахшу Ёвон, ки дар он замон аз лиҳози дарозӣ дар миқёси собиқ Иттиҳоди Шуравӣ калонтарин иншооти гидротехникӣ ном баровардa буд, босуръат пеш мерафт. Кори сохтмони нақбро метросозони шаҳри Маскаваи СМУ-11 "Главметрострой"ба уҳда гирифтанд.

Дар солҳои 60-уми асри XX тресги "Яванводстрой" яке аз иншооти муҳимми комплекси ҳудудию истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ маҳсуб буд. Ин сохтмон, ки хусусияти умумииттифоқӣ, моҳияти бузурги иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ дошта, намояндагони шаҳрҳои Маскав, Ленинград, Сибир, Урал ва умуман фарзандони зиёда аз 42 миллату халқиятҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ кору фаъолият мекарданд. Дар ин асари муҳаққиқ аҳаммияти стратегӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва хусусиятҳои хоси чунин иншооти бузурги гидротехникӣ ва саҳми муҳандис-техникҳо ва коргарони мамлакат дар бунёди он аз нигоҳи илмӣ таҳлилу таҳқиқ карда шудааст.

Дар нақшаҳои минбаъда инкишофи ирригатсия ва мелиоратсия дар водии Вахш, обёрии сунъии дараи Қараултеппа, Тошработ, Қарабурӣ, Ойкӯл, Бешдара, Полвонтуғай ва заминҳои водии Бешкент дар назар дошта мешуд. Дар навбати худ инкишофи обёрии мошинӣ (сунъӣ) дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон ба афзоиши энергетика мусоидат мекард. Ҳамин тавр, солҳои 60-80-уми асри XX дар ҷумҳурӣ ба душвориҳои муайяни ба пешомада нигоҳ накарда, меҳнаткашони ҷумҳурӣ дар кори амалӣ кардани сиёсати аграрӣ, аз ҷумла дар сохтмони гидротехникӣ ва инкишофи ирригатсия, бо роҳи табиӣ ва сунъӣ обшор кардани заминҳои кишт ба муваффақиятҳои калон ноил гаштанд, ки ин масъала дар асри номбурда таҳлили илмиашро ёфтааст.

Муҳоҷирати дохили ҷумҳурӣ дар тӯли солҳои нимаи дувуми асри XX шакл ва методҳои гуногунро гирифт. Яке аз самтҳои маъмули он муҳоҷирати ба нақшагирифтаи хоҷагии кишоварзӣ мебошад. Зарурати чунин самти муҳоҷирати дохилӣ ҳангоми азхудкардани заминҳои бекорхобида ва навкорам зоҳир гардид. Зеро табиист, ки барои сари вақт киштукори ин заминҳо қувваи зиёди корӣ шарт ва зарур буд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистони кӯҳӣ ҳамеша дар раванди рушди соҳаҳои кишоварзӣ камзаминӣ эҳсос карда мешавад, бинобар ин, ҳар сол бо хароҷоти зиёд ва душвориҳои муайян ҳазорҳо гектар заминҳои наву бекорхобида азхуд ва обшор карда мешаванд. Аз ин рӯ, ҳанӯз соҳои 60-уми асри XX заминҳои ҳамвор мавриди истифода қарор гирифта, танҳо талу теппаҳо боқӣ монда буданду халос. Баҳри истифодаи чунин мавзеъҳо аз ноҳияҳои кӯҳиву наздикӯҳӣ ҳар сол ба водиҳо миқдори муайяни деҳқонон ба таври ихтиёрӣ ҳамчун муҳоҷири дохилӣ оварда мешуданд.

Муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ ва тарҳрезии соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 60-80-и асри XX махсусиятҳои худро доро буд. Дар солҳои 40-50, дар баробари имкониятҳои дохилӣ, муҳоҷирати хоҷагии кишоварзӣ ба ноҳияҳои пахтакор, чун ёрии дӯстона, аз ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Федератсияи Россия ташкил карда шуд. Дар нимаи дуюми ҳамин аср муҳоҷирати дохили ҷумҳурӣ аз ҳисоби захираҳои худӣ, алалхусус чун солҳои пешина, аз мавзеъҳои кӯҳиву доманакӯҳ ба роҳ монда шуд. Ташкил кардани муҳоҷирати дохилии хоҷагии кишоварзӣ бо ҳама пастиву баландиҳояш, муваффақияту нобаробариҳояш дар маҷмуъ як таҷрибаи ибратбахши таърихӣ аст, ки ба наслҳои имрӯзу фардо хизмат хоҳад кард.

Дар он давра, дар бисёр минтақаҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ ҷараёни корҳо бо суръат сурат мегирифт. Масалан, азхудкунии дашти Дилварзин дар айни авҷ ва ҷӯшу хурӯш идома меёфт. Инчунин, корҳои азими коркард ва обёрӣ дар дигар мавзеъҳои Ленинобод (ҳоло Суғд) ва ноҳияҳои марказиву ҷанубии Тоҷикистон бо суръати тез ва бомуваффақият ба пеш мерафт.

Дар ин муддат, ба ҳаллу фасли масоили тадорукоти муҳоҷирати дохилиҷумҳурии хоҷагии кишоварзӣ "Маркази идоракунии муҳоҷиргардонӣ ва коргарӣ"-и назди Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул буд. Ба душвориҳои он замон нигоҳ накарда, раванди ба заминҳои нав ва бекорхобида кӯчонидани деҳқонон қариб дар тамоми қаламрави Тоҷикистон идома дошт. Ин масъала дар асоси ҳуҷҷату маводҳои муътамади бойгонӣ ва матбуоти даврагӣ дар китоб таҳлили илмӣ карда шудааст.

Ҷараёни азхудкунии заминҳои навро дар Тоҷикистон дар ҳамин муддат ба ду давра тақсим бояд

кард. Давраи аввал охири солҳои 50 ибтидои солҳои 70 ва давраи дуюм ибтидои солҳои 70 ва солҳои 80-уми асри XX-ро дарбар мегирад. Бояд зикр кард, ки азхудкунии заминҳои наву бекорхобидаи ин давра нисбат ба солҳои 40-50-ум хусусиятҳои махсус дошт:

- аввалан, дар ин вақт Ҳизби коммунистӣ ва давлати шуравӣ барои корҳои обёрӣ ва хоҷагӣ нисбатан маблағи зиёд ҷудо мекарданд;
- дуюм баробари инкишофи саноат дар он давра пойгоҳи моддӣ- техникии ташкилотҳои обёрикунанда қавӣ гардиданд;
- сеюм, дар ин ҷабҳаи хоҷагии кишоварзӣ таркиби синфи коргари касбӣ – сохтмончӣ, муҳандисон, техникҳо ҳам аз ҷиҳати сифат ва ҳам шумора тағйир ёфтанд;
- чорум азхудкунии заминҳои наву бекорхобида дар он замон хусусияти комплексӣ гирифта буд. Бояд зикр кард, ки азхудкунии заминҳои наву бекорхобида он вақт нисбат ба солҳои 40-50-ум хусусиятҳои махсус дошт, ки оид ба ин масъала муаллифи китоб бо мисолу далелҳои раднопазир ақидаронӣ кардааст.

Таҷрибаи таърихӣ бармалло нишон дод, ки аз худ кардан ва обёрии қисми тоҷикистонии Мирзочӯл яке аз мураккабтарин сохтмони хоҷагии оби Тоҷикистон дар давоми солҳои 60-70-ум буд. Дар иҷрои чунин фазифаи муҳим саҳми калонро комсомолон ва ҷавонон, ки ба ин ҷо аз тамоми қаламрави Тоҷикистон ва дигар минтақаҳои собиқ Иттифоқ омада буданд, саҳми бориз гузоштанд. Ба муваффақиятҳои нисбӣ нигоҳ накарда, дар ҷумҳурӣ ақибмонии фарҳанги заминдорӣ, корҳои ирригатсионӣ-мелиоративӣ, ба таври сарфакорона истифода набурдани заминҳои нави обёришаванда ба назар мерасид.

Дар солҳои 60 - ум ва аввали 70-ум барои инкишофи хоҷагии кишоварзӣ ва, қабл аз ҳама соҳаи асосии он пахтакорӣ дар ҷумҳурӣ мавқеи калонро азхудкунии водиҳои Ёвону Обикиик, ки дар қисми рости соҳили дарёи Вахш қарор доранд, ишғол мекард.

Дар солҳои 80-ум вобаста ба қабули барномаи озуқаворӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ хусусияти иқтисодӣ ва сиёсиро ба худ гирифта, зиёд кардани истеҳсолоти мева ва ангур ба миқдори ду маротиба афзун бояд кард. Яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала ба таври васеъ дар гардиши истеҳсоли заминҳои камҳосили лалмӣ ва онро ба таври васеъ ба роҳи соҳаи технологияи саноаткунонӣ бурдан зарур аст. Боғдорӣ ва ангурпарвариро ба яке аз соҳаҳои пешбари истеҳсоли хоҷагии кишоварзӣ табдил додан, сабаби ба роҳи саноатӣ ворид кардани заминҳои лалмӣ маҳсуб меёфт.

Муаллиф дар ин асар ба ҷузъ дигар масъалаҳои соҳаи замину заминдорӣ, ирригатсия, мелиоратсия, инчунин ба масъалаи тайёр ва баланд бардоштани савияи касбии коргарони ин самт диққати махсус додааст.

Бояд чунин масъаларо ёдрас намуд, ки асарҳои илмии то ин дам навиштаи муаллиф, бо унвони "Инкишофи обёрӣ ва азхудкунии заминҳои бекорхобида дар Тоҷикистон (солҳои 1929- 1941)" ва "Инкишофи обёрӣ ва азхудкунии заминҳои бекорхобида дар Тоҷикистон (солҳои 1946-1960)", ки дар онҳо масъалаҳои таърихнигорӣ ва сарчашмашиносии мавзуъ то андозае таҳлил ёфтаанд, имкон дод, ки китоби нави "Инкишофи обёрӣ ва азхудкунии заминҳои бекорхобида дар Тоҷикистон (солҳои 1961-1991)" аз такрори он худдорӣ карда шавад.

# БОБИ I.
# БУНЁДИ ИНШООТҲОИ ОБЁРИКУНАНДА

Дар сиёсати аграрии Ҳизби коммунистию Ҳукумати Шуравӣ мелиоратсияи замину инкишофи обёрӣ ҳамчун омили ҳалкунандаи ҳамаҷониба рушди навъҳои мухталифи истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ мақоми асосиро соҳиб буд. Дар шароити хушк ва гарми Осиёи Марказӣ ва минҷумла Тоҷикистон вазъияти истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ ва махсусан соҳаи пешбарандаи он, яъне пахтакорӣ ба обёрӣ, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои корам ва сохтмонҳои гидротехникӣ сахт вобаста буд. Дар Тоҷикистон ҳазорҳо гектар заминҳо ба чандин навъҳои мелиоратсия, аз ҷумла ба обёрӣ эҳтиёҷ дошт. Ба таври самаранок истифода бурдани он бечунучаро ба мелиоратсияи замин, чорабиниҳои комплексии ирригатсионӣ-хоҷагӣ ва чорабинии техникӣ, ки мақсад ва муайянкунандаи он беҳтар намудан ва дурудароз ба ҳолати истеҳсолӣ нигоҳ доштани замин мусоидат мекард.

Дар натиҷаи инкишофи ҷамъият ва суръати тези прогресси илмӣ-техникӣ ва афзудани талабот ба истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ, зарурияти васеъ намудани корҳои мелиоративӣ, минҷумла сохтмонҳои калони обёришаванда ба миён омад.

Дар нақшаи солҳои ҳафтсолаи инкишофи хоҷагии халқ дар мамлакт ба ҷузъ масъалаи рушди хоҷагии кишоварзӣ, инчунин диққати асосиро ба пешравии ҳамаҷонибаи минбаъдаи обёрӣ дода мешуд. Масалан, дар ин муддат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон обшор кардани наздики 160 ҳазор гектар замин изофатан ба нақша гирифта шуда буд. Инчунин, дар ин муддат ба итмом расонидани корҳои обёрӣ кардани заминҳои чунин мавзеъҳои калон, ба мисли дашти

Дилварзин дар майдони 16 ҳазор гектар, поёноби дарёи Хоҷабоқирғон дар майдони 10 ҳазор гектар, ноҳияи Фархор 16 ҳазор гектар, мавзеъҳои Кофир, Қумсангир, Тошработ, Қараланг, Ӯртабуз, майдони умумии 22 ҳазор гектар, инчунин ноҳиҳои Ӯротеппа ва Ғончӣ дар майдони 15 ҳазор гектар барои обёрӣ кардан пешбинӣ карда шуда буд.[1]

Мубрамии соҳаи инкишофи обёрӣ онро нишон медиҳад, ки дар нақшаи солҳои ҳафтсола ба ин соҳа давлат 168 миллион сӯм, яъне аз се ду ҳиссаи маблағи ба хоҷагии кишоварзӣ ҷудо кардаро равона намуда буд.[2]

Дар аввали солҳои 60-уми асри XX бо сохтмони иншооти калони энергетикӣ обёришавии заминҳо дар ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба давраҳои пеш дар миқёси васеъ инкишоф меёфт. Хусусияти махсусаш аз он иборат аст, ки агар дар солҳои 50-уми ҳамин аср сохтмони иншооти ирригатсионӣ дар ноҳияҳои Шимолии Тоҷикистон бо суръати тез ва миқёси калон гузашта бошад, аз аввали солҳои 60-уми ҳамин аср сар карда, бо сабаби ташаккул ёфтани комплекси территориявӣ-истеҳсолии ноҳияҳои Ҷанубии Тоҷикистон ин ҷараён босуръат ва дар миқёси васеъ рӯи кор меояд. Бояд зикр намуд,ки дар солҳои 60-70-ум дар ин ноҳияҳои Тоҷикистон корҳои намоёни ирригатсионӣ асосан дар водиҳои Ёвону Обикиик, Бешкент, Вахш ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ идома меёфт.

---

[1] Внеочередной Х11 съезд Коммунистической партии Таджикистана. Стенотче.т- Сталинабад,1959. - С. 29.

[2] Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 гг.).-Душанбе: Дониш, 1968. – С.279.

Дар ибтидои солҳои 60-ум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои васеъ ба роҳ мондани корҳои ирригатсионӣ-мелиоративӣ тайёрии зиёди муҳандисию техникӣ гузаронида мешуд. Чунин амалиёти суръатнок онро нишон медиҳад, ки ба корҳои ирригатсионӣ-мелиоративӣ соли 1961-ум нисбат ба соли 1953 маблағгузорӣ 17 маротиба афзуда буд.[3]

Анҷумани Х1V ҳизби Коммунистии Тоҷикистон (сентябри соли 1961) оид ба иншооти ирригатсионӣ ва, аз ҷумла иншооти ирригатсионии Ёвону Обикиик аҳаммияти махсус дод. Анҷуман Вазорати хоҷагии оби ҶШС Тоҷикистон, ташкилотҳои ҳизбӣ ва шуравиро вазифадор намуд, ки ба ақибмонии иншооти ирригатсионӣ хотима дода, сари вақт заминҳои нави обёришаванда ба кор даровarda шавад.[4]

Иншооти водиҳои Ёвону Обикиик азимтарин иншооти ирригатсионӣ буда, аз ҷониби дигар яке аз мушкилтарин сохтмони гидротехникӣ ба шумор мерафт. Ба ин иншооти муҳимми хоҷагии об барои азхудкунии навбат ба аввали заминҳои бекорхобида мебоист 40,8 ҳазор гектар заминҳои обӣ афзун мешуд. Маблағгузории умумӣ зиёда аз 110 миллион сӯмро (бе саҳмгузории совхозҳо) ташкил мекард.[5]

Бо супориши махсуси ҳукумати Тоҷикистон соли 1958 Вазорати хоҷагии оби ҷумҳурӣ вазифаҳои нақшавӣ ва хоҷагиро кор карда баромад. Ва дар ин

---

[3] Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Минбаъд БДТН ҶТ), Ф. 36, р11, д. 69, в. 21.

[4] Х1V съезд Коммунистической партии Таджикистана. Стенотчет.- Душанбе, 1962. -С.146-147.

[5] Бойгонии давлатии маркази Ҷумҳурии Тоҷикистон (Минбаъд БДМҶТ.).- Ф.1613, р.1, д. 340, в.1.

ҳуҷҷат лоиҳаи иншооти системаҳои ирригатсионӣ ва азудкардани заминҳои бекорхобидаи ин водиҳо ба нақша гирифта шуда буд.

Бояд махсус таъкид кард, ки тартиб додани лоиҳаи чунин иншооти ирриатсионӣ ниҳоят душвор буда, кору кирдори муассиссаҳои илмӣ таҳқиқотӣ ва муҳандисони пуртаҷрибаро талаб мекард. Аз ин рӯ, дар ҷараёни лоиҳакашӣ чанде аз муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии Иттиҳоди Шуравӣ фаъолона иштирок намуданд.

Вазифаҳои муҳимму асосии лоиҳакаширо кормандони илмию таҳқиқотии Пажуҳишгоҳи умумииттифоқии “Гипроводхоз”-и Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби ИҶШС ба анҷом расониданд. Муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ баҳри ҳамаҷониба омӯхтани масъалаҳои ин сохтмони ирригатсионӣ мутахассисони таҷрибаноки худро ба Тоҷикистон мефиристониданд. Бо ин мақсад соли 1959 экспедитсияи илмӣ ташкил карда шуд, ки ба он мутахассисони санҷида дар самтҳои мухталиф, аз ҷумла топографҳо, геодезистҳо, геологҳо, хокшиносон, геофизикҳо, гидрологҳо, лоиҳакашон ва мисли онҳо беш аз 150 мутахассисон сафарбар шуданд. Ба чунин вазифаи масъулиятноки лоиҳакашӣ Я. А. Юлиш сарварӣ мекард. Ба аъзоёни экспедитсия лозим омад, ки борҳо аз дараҳои кӯҳӣ ва силсилакӯҳҳои душворгузари Қаротоғу Ҷетимтов убур намоянд. Ба ҷузъ ин, таҳқиқотро парокандагии объектҳои ҷустуҷӯйӣ дар Бойғозӣ, даштҳои Ёвон ва заминҳои навкорами Обикиик низ душвор мегардонд.[6]

---

[6] Ҳамроев М. Таърихи обёрии водии Вахш ( солҳои 1930- 1990). -Душанбе: “ИрФон”, 2003. - С.127-128.

Пас аз кору кирдор ва ҷустуҷӯйҳои ниҳоят зиёду заҳматталаби таҳқиқотӣ лоиҳаи обёрии водиҳои Ёвону Обикиик ба итмом расонида шуд, ки сипас онро комиссияи махсуси созмондодаи Вазорати хоҷагии кишоварзӣ, мелиоратсия ва хоҷагии оби Тоҷикистон маъқул шуморида, тасдиқ кард. Дар ин лоиҳа пешбинӣ шуда буд, ки дарғоти Бойғозӣ 55 метр боло бардошта шавад.

Мувофиқи ин лоиҳа оби каналҳои калон бо қубурҳои сементии болопӯшида ҷорӣ шуда, ба воситаи онҳо ба майдонҳои обёришаванда тақсим мегашт. Обдиҳӣ барои обёрии заминҳое, ки болотари шохаҳои росту чапи канали асосӣ ҷорӣ буданд, ба воситаи истгоҳи шашнасоса таъмин карда мешуд. Яке аз онҳо дар водии Обикиик бунёд мегардид.[7]

Водии Ёвон дербоз диққати мутахассисони соҳаи хоҷагии кишоварзӣ ва хоҷагии обро ба худ ҷалб карда буд, зеро он ҳам аз лиҳози фаровонии замин ва ҳам аз лиҳози ҳосилнокии он аз дигар водиҳои ҳамсоя дар қафо намеистод. Олимон ва мутахассисон пас аз ҷустуҷӯйҳои зиёд ва самаранок ба хулосаи ягона омаданд, ки шароити обуҳаво ва ҷойгиршавии ҷуғрофии ин водӣ барои кишти ҳосилноки пахта ва дигар навъҳои хоҷагии кишоварзӣ ниҳоят муосид аст, аммо барои он ки ин водии асрҳои аср бекорхобидаро ба макони истеҳсоли навъҳои гуногуни хоҷагии кишоварзӣ мувофиқ гардонда шавад, корҳои зиёд ва ниҳоят меҳнаталаби ирригатсионӣ ва мелиоративиро дар муддати нисбатан кӯтоҳ ба анҷом расонида мешуд. Бахри ҳалли чунин мақсаду маром, яъне обшор гардонидани водиҳои Ёвону Обикиик қарор карда шуд,

---

[7] Ҳамроев М. Таърихи обёрии водии Вахш ( солҳои 1930- 1990). - С.129.

ки ҳатман дар назди дарёи Вахш, дар деҳаи Бойғозӣ туннели обгузар бунёд карда, садҳо километр канал ва шабакаҳои пӯшидаи обгузар ва бо шумораи зиёд иншооти гидротехникӣ бунёд карда шавад. Тавре ки гуфта шуд, чунин лоиҳа аз ҷониби институти “Гипроводхоз”-и Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби Иттиҳоди Шуравӣ коркард карда шуда буд.

Дар иншооти чунин гидроузели калон коллективҳои бисёр ташкилотҳо, заводу корхонаҳои мамлакати шуроҳо ширкат варзиданд. Бо ҳамин гидроузели Бойғозӣ дар назди дарёи Вахш ҳамон солҳо ҳамчун сохтмони умумихалқӣ ном гирифта буд.

Обёрикунии заминҳои водиҳои Ёвону Обикиик, ки моҳи апрели соли 1961 оғоз ёфта буд, бо қувваи Саридораи сохтмону васлкунии №1, №3, №14, Идораи маҳаллии трести “Таджикцелинстрой” ва дигар ташкилотҳо иҷро карда мешуд.[8]

Сохтмони гидротехникиро идораи сохтмону васлкунии №3-и Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамуд.

Баробари афзудани ҳаҷми кор талабот нисбат ба қувваи корӣ зиёд мешуд. Ин масъала дар он сурат ҳалли худро меёфт, ки ба ин сохтмони гидротехникӣ барои кор кардан аз ҳар гӯшаву канори Иттиҳоди Шуравӣ, сохтмончиён, муҳандисон ва техникҳо меомаданд. Масалан, дар аввали ташкил шудани идораи сохтмонӣ-васлкунии № 3 (июли соли 1962) дар он ҳамагӣ 25 одам кор карда бошад, аллакай пас аз ним сол ( 1-ми январи соли 1963) шумораи ин коллектив ба 160 одам расид, ки аз он 131 коргар, 12 коркунони

---

[8] БДТН ҶТ.- Ф. 954, р.9, д.13, в.22.

муҳандис - техникӣ ва 17 хизматчиёнро дар бар мегирифт[9].

Баробари чунин корҳои сохтмонӣ, инчунин сохтмони нақби Вахшу Ёвон, ки дар он замон аз лиҳози дарозӣ дар миқёси собиқ Иттиҳоди Шуравӣ калонтарин иншооти гидротехникӣ ном бароварда буд, босуръат пеш мерафт. Кори сохтмони нақбро метросозони "Главметрострой" шаҳри Маскав ба уҳда гирифтанд.

Дар солҳои 60-уми асри XX трести "Ёвонводстрой" яке аз мавзеъҳои муҳимми комплекси территориявӣ - истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ маҳсуб буд. Ин сохтмон ки хусусияти умумииттифоқӣ дошта, инчунин моҳияти бузурги иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ - иҷтимоӣ дошт намояндагони шаҳрҳои Маскав, Ленинград, Сибир, Урал ва умуман фарзандони зиёда аз 42 миллату халқиятҳои собиқ Иттифоқ кору фаъолият мекарданд. Сарвари низоми обёрии Ёвону Обикиик дар зарфи якчанд сол Я.В. Васерблай ба ҳисоб мерафт, ки ӯ дар чунин сохтмони аҳаммияти бузурги хоҷагии халқ дошта худро ҳамчун роҳбар ва ташкилотчии беҳамто нишон дод.

Сохтмони гидроузели Бойғозӣ соли 1968 ба охир расид. Ба комплекси иншооти гидроузели ин сохтмон таркиши муайян самте дохил мешуд, ки барои барпо кардани сарбанд ва дар дарёи Вахш бунёд намудани дарғоти мустаҳкаму обпартодор як қисми кӯҳи Қаротоғро барканда, пеши обро мебаст. Ин воқеа дар амалияи ҷаҳонии сохтмони гидротехникӣ ва бо чунин роҳ дар шароити кӯҳии Тоҷикистон ва боз дар солҳои 60-уми асри XX бунёд намудани дарғот ҳодисаи ягона ва беназире буд. Дар натиҷаи ҳаматарафа андешидани

---

[9] Ҳамон ҷо, д.75, в.. 19.

тадбирҳои мухталифу зиёди пешакӣ ва корҳои бисёрсола рӯзи деринтизор яъне 29 –уми марти соли 1968 дар соҳили рости дарёи Вахш сардори истгоҳи мина Г.А. Василев тугмачаи мошинчаи таркишро пахш кард. Таркиши аз ҳад пурқувват заминро ба ларза овард. Дар макази таркиш қувваи он ба андозаи 9 балл ба қайд гирифта шуд.[10]

Пас аз соли 1968 бомуваффақият анҷоми дар он вақт яке аз калонтарин дар тамоми Иттиҳоди Шуравӣ иншооти гидротехникӣ ба мисли дарғоти Бойғозӣ ва ба водии Ёвон ҷорӣ гаштани оби дарёи Вахш, вазифаи навбатии ирригаторон сохтан ва ба кор даровардани низоми обёрии водиҳои Ёвону Обикиик ба шумор мерафт. Мебоист нақбҳои ирригатсионии водии Ёвон ба воситаи кӯҳи Қаротоғ ва кӯҳи Четимтови водии Обикиик сохта шуда, даштҳои асрҳои аср беобро шодоб карда, соҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ инкишоф дода мешуд. Бояд зикр кард, ки сохтмони дуюми Ёвон ва Обикиик ба мутахасисон душвориҳои зиёд ба пеш овард. Аммо ба ин душвориҳо нигоҳ накарда, коргарону муҳандисон, ки намояндагони гуногуни Иттиҳоди Шуравӣ буданд, дар наиҷаи меҳнати зарбдорона ин нақбро дар охири солҳои 60-уми асри XX бомуваффақият ба анҷом расонида, заминҳои ташналаби водиҳои Ёвону Обикиикро ба воситаи дарёи Вахш шодоб намуданд.

Маълум, ки системаҳои ирригатсионӣ, ки оби дарёи Вахшро ба воситаи нақбҳои зеризаминӣ ба водиҳои Ёвону Обикиик бурд, ба осонӣ ба даст наомадааст. Ба ақидаи мо иҷроиши ин лоиҳаҳои ниҳоят заҳматалаб қабл аз ҳама ба дӯши комсомолону

---

[10] Ҳамроев М. Таърихи обёрии водии Вахш ( солҳои 1930- 1990.).- С.137-138.

ҷавонони ҳамон замон, ки намояндагони гуногуни мамлакати шуроҳо буда, ба иқлими гарми ин водиҳо бо зуддӣ одат накарда буданд, афтода буд. Коллективи трести "Ёвонводстрой"дар сафи худ 1106 ҷавононро дарбар мегирифт, ки 325 нафари онҳо аъзои комсомол буданд. Коллективи ҷавонону комсомолон дар тамоми иншоотҳои гуногуни ирригатсионӣ, муассисаҳои маданӣ –маърифатӣ намунаи шуҷоат ва қаҳрамонӣ нишон дода, дар сафи пеши истеҳсолот меистоданд. Танҳо соли 1969 мувофиқи нақшаи давлатӣ "Ёвонводстрой"вазифадор гашта буд, ки барои сохтмонҳои муҳим ба мисли барпо намудани 2403 ҳазор сӯм дар иншооти 284 км шабакаҳои обёрӣ, ду неругоҳи насосӣ, 14700 метри квадратӣ хонаҳои истиқоматӣ, хонаҳои бачагонаи совхозӣ, мактабҳои нав, ба нақби Обикиик бурдани шабакаи об, ба охир расонидани гидроузели Бойғозӣ ва дигар вазифаҳо гузошта шуда буд.

Соли 1969 дар системаи обёрии Ёвону Обикиик 3500 одам бомувоффақият заҳмат мекашиданд, ки аз байнашон 788 нафар синашон ба 30 расида буд. Дар байни ҷавонон 170 шахс соҳиби унвони зарбдори меҳнати коммунистӣ буда, 372 ҷавонон баҳри ба даст овардани чунин дар он вақт унвони баланди истеҳсолӣ мубориза мебурданд ва 2317 шахс дар мусобиқаи умумииттифоқии сотсиалистӣ ширкат меварзиданд.[11]

Ҳамин тавр, дар охири солҳои 60-уми асри XX меҳнаткашони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ёриву мадад ва дастгирии доимии намояндагони ҳалқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ сохтмони асосии низоми ирригатсионии Вахшу Ёвон ва Ёвону Обикиик, яъне

[11] БДТН ҶТ.-Ф. 331, р . р.4, д.62, в. 2.

нақбҳои ирригатсионӣ ва каналҳои асосии обгузарро ба итмом расониданд.

Аз нимаи дуюми солҳои 60-уми асри XX дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сохтмони ирригатсионӣ давраи нав оғоз ёфт. Ин ҷараён ба он алоқаманд буд, ки дар ин давра дар натиҷаи истифодаи техника ва технологияи навтарин тунелҳои калони ирригатсионӣ бунёд гардиданд, ки онҳо на танҳо дар таҷрибаи корҳои обёрии заминҳои бекорхобидаи ватанӣ, балки байналмилалӣ ҳамто надоранд.

Бинобар ин, дар ин давра дар ҶШС Тоҷикистон ба таври васеъ корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ бурда мешуд, омили муайянкунандаи он сермаҳсул гардидани хоҷагии кишоварзист. Оид ба чунин масъала муваффақиятҳое ба даст оварда шуд, ки аз ин пеш мислаш дида намешуд. Масалан, дар охири солҳои 60-ум майдони заминҳои аз лиҳози ирригатсионӣ тайёр карда шуда ба 495,5 ҳазор гектар расида, 18761 км каналҳои обёрикунанда бунёд шуданд, ки 3546 км каналҳои байнихоҷагӣ, 5380 км. заҳбур, 8882 иншооти гидротехникӣ, 223 истгоҳи обкашӣ (насосӣ)-ро ташкил мекарданд.[12]

Дар ин давра шабакаҳои нави обёришаванда ба мисли Вахш, Фархору Чӯбек, Мастчоҳ, Самғор, Мирзочӯл, Марғедар ба кор даромаданд. Ба ғайр аз ин, системаи кӯҳнаи обёришавандаи Хоҷабоқирғон, Исфара, Ашт, Панҷ ва ғайра куллан азнавсозӣ карда шуданд.

Яке аз омилҳои муҳимми инкишофи корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ дар Тоҷикистон, чун дар дигар мавзеъҳои мамлакат прогресси илмӣ-техникӣ маҳсуб аст. Дар натиҷаи қавӣ гардидани прогресси

---

[12] БМД ҶТ.- Ф.27, р.12, д.324, в.105.

илмӣ-техникӣ ташкилотҳои хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар вақт техника ва технологияи навтаринро иваз мекарданд. Масалан, соли 1953 Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби ҷумҳурӣ ҳамагӣ 105 экскаватор дошт, соли 1962 шумораи он ба 260 адад расид.[13]

Тобистони соли 1960 дар ноҳияи Панҷакент системаи обёрии Марғедар ба истифода дода шуд, ки ба колхози ба номи Рӯдакӣ ва совхози нави "Марғедар" имконияти киштукори чунин навъҳои хоҷагии кишоварзӣ, ба мисли ангур, меваҷот, табак, сабзавот ва ғалладона ба вуҷуд омад.

Дар ибтидои солҳои 60-ум сохтмони обанбори Мӯъминобод дар ноҳияи Кӯлоб оғоз шуд, ки минбаъд он 12 ҳазор гектар заминҳои ноҳияҳои Кӯлоб ва Восеъро бо об таъмин мекард. Канали асосии Роҳатӣ низ ба анҷом расонида шуд, ки 4 ҳазор гектар заминҳои лалмиро обшор менамуд.

Дар ҳамин солҳо ба ҷузъ сохтмони системаи обёрии Ёвону Обикиик, дар ноҳияҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи калон сохтмонҳои обёрикунанда идома меёфт. Ба чунин сохтмонҳо дар ноҳияи Қурғонтеппа мавзеи Гулистон, ки дар майдони 6,2 ҳазор гектар, дар мавзеъҳои Қумсангири ноҳияҳои Колхозободу Панҷ дар майдони 8,4 ҳазор гектар, дар мавзеъи Казангузари ноҳияи Данғара дар майдони 1,3 ҳазор гектар, қисми тоҷикии дашти Дилварзин 28 ҳазор гектар, қисми ҷанубии водии Бешкент 5 ҳазор гектар замин ва ғайра дохил мешуданд.

Ба ҷузъ ҳамаи ин, сохтмони обанбори Каттасой, ки дар ноҳияи Ӯротеппа сохта мешуд, ғунҷоишаш 40 млн. метри кубӣ обро ташкил мекард ва он имконият

[13] БМД ҶТ.- Ф.1613, р.1, д. 343, в. 32.

дод, ки майдони 69 ҳазор гектар заминро обшор намуда, боз 5,2 ҳазор гектар заминҳои нави обиро азхуд карда шавад.[14]

Дар бораи афзудани ҳаҷми корҳои ирригатсионӣ чунин омил шаҳодат медиҳад, ки танҳо дар солҳои 1961-1965 ҳаҷми маблағи сохтмони хоҷагии об 234 млн. сӯмро ташкил мекард, ки ду маротиба нисбат аз маблағҷудокунии ин соҳа дар панҷсолаи қаблӣ зиёдтар аст.[15]

Дар нимаи аввали солҳои 60-ум дар водии овозадори Вахш сохтмонҳои калони ирригатсионӣ дар мавзеъҳои Ғараутӣ, Қумсангир, Гулистон, Ӯртабуз ва Каралангн дар майдони 30 ҳазор гектар замин барои обёрӣ дар авҷ буд. 24 ҳазор гектар замин ба воситаи насосҳои барқӣ об дода мешуд.[16]

Дар иншооти хурду калони гидротехникии водии Вахш дар солҳои 60-ум намояндагони тамоми халқияту миллатҳаи мамлакати шуроҳо сари вақт ёрии ҳамаҷонибаи худро мерасониданд. Онҳо даст ба даст гирифта, дар сохтмонҳои ирригатсионӣ ба мардуми маҳаллӣ ёриву мадад мерасониданд, дар амал ин иншоот ба сохтмонҳои умумихалқӣ табдил ёфта буд. Аз чунин шаҳрҳои калон Маскав, Ленинград, Тошкент, Боку, Киев, Минск ва дигар марказҳои саноатӣ когарони касбӣ, муҳандисон, техникҳои соҳаи

[14] БМД ҶТ,Ф.1613, р.1, д. 343, в.34.

[15] “Сельское хозяйство Таджикистана”. 1968. № 1. С. 9.

[16] Касимов А., Хамраев М. Развитие орошения земель советского Таджикистана.- Душанбе: «ИрФон», 1985.- С 154.

ирригатсионӣ ва ғайра мунтазам ба Тоҷикистон меомаданд.[17]

Бояд махсус изҳор кард, ки дар ҳамин давра коллективи идораи сохтмону васлкунии водии Вахш корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд. Дар тамоми ноҳияҳои ин водӣ сохтмончиёни гидротехникӣ неругоҳҳои обкашӣ, обпартоҳо, каналу коллекторҳо барпо намуданд. Махсусан, онҳо дар вақти сохтмони канали даҳкилометраи мавзеи Қумсангир ва дигар иншооти гидротехникӣ саҳми босазое гузоштанд.

Дар солҳои 60-ум корҳои обу хоҷагӣ оид ба азхудкунӣ ва обшор кардани заминҳои нав дар ноҳияҳои вилояти Кӯлоб бо қувваи Идораи сохтмону васлкунии Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об бо ширкати заҳматкашони колхозу совхозҳо бомуваффақият ҷараён дошт. Дар натиҷа мавзеъи Караланги-Патта обшор карда шуд. Дар мавзеи ноҳияи Арал бо мақсади сари вақт бо об таъмин кардани заминҳои кишт шуда, обанбори Селбур бо ғунҷоиши 22 млн метри кубӣ, ки бояд 3000 гектар заминҳои лалмиро обшор намояд сохтмонаш идома ёфт.

Соли 1960-ум дар қисми тоҷикии Мирзочӯл воқеаномаи (эпопея) меҳнатӣ яъне сохтмони неругоҳҳои насосӣ (обкашӣ) аз лиҳози калонӣ натанҳо дар миқёси Иттифоқ ва ҳатто дар ҷаҳон маълуму машҳур буд, аз ҷониби Идораи сохтмону васлкунии № 22 ва 26 сохта шуд.

Сохтмонҳои ирригатсионӣ ва азхуднамудани заминҳои нави Мирзочӯл ба роҳи саноаткунонӣ ворид карда шуда буд, он имконият фароҳам овард, ки дар

---

[17] Абдурашидов Ф.М. Развитие ирригации и освоение новых земель в Вахшской долине (1960-1985 гг.).- Душанбе, 2009.- С.13.

муддати нисбатан кӯтоҳ чунин як кори ҳаҷман калон ва масъулиятнок амалӣ гардад. Аллакай соли 1965 сохтмони ду канали калон бо бетон андова шуда ба сомон расид.[18]

Тресті "Таджикцелинстрой" аз лиҳози техникӣ ва ҳаҷми кор пеш мерафт. Дар як давраи нисбатан кӯтоҳ шумораи экскаваторҳо қариб ду маротиба афзуда, парки мошинҳои боркаш низ васеъ мегашт.

Трест дар чунин сохтмонҳои обу хоҷагӣ: неругоҳҳои обкашӣ ва иншооти ирригатсионии Самғор ва мавзеи Хоҷабақирғон, системаи обёришавандаи ноҳияи Масчоҳи нав, обанбори Катта-Сой бо ғунҷоиши 55 млн метри кубӣ, ки соли 1966 ба охир расида, ба истеҳсолот супурда шуд. Инчунин, аз ҷониби трест корҳои зиёде доир ба ирригатсияю мелиоратсияи дашти Мирзочӯл ба анҷом расида буд.

Иншооти бузурги обёрикунанда дар ноҳияҳои Шимолии Тоҷикистон азхудкардани чӯли Дилварзин ба ҳисоб мерафт. Дар зарфи солҳои 1954-1970 навбати якуми азнавсозии каналҳои калони асосӣ ва сохтмони иншооти гидротехникӣ ба анҷом расонида шуд. Дар зарфи солҳои 1962-1965 филиалҳои трести "Таджикцелинстрой" корҳои ба чашм намоён, аз ҷумла бо семент ҳамвору андова кардани канали асосии ба номи "Тоҷикистони шуравӣ"-ро ба анҷом расониданд. Дар тамоми иншооти обёрикунанда коллективи №2 трести "Таджикцелинстрой», кадоме ки Б. Гавриков сарварӣ мекард, бо масъулияти баланд ва истеҳсоли намунавӣ кор мекарданд. Бригадаи бетонрезҳо Нурмуҳаммадов, Абдуллоев, Ҳасаналиев, Шарипов,

[18] БМД ҶТ. - Ф.408, р.10, д2, в.10.

Куглеев, Дамилов, Тошев ва дигарон ташаббуси бузурги меҳнатӣ нишон медоданд.

Дар ҷараёни сохтмони системаҳои обёришаванда дар чӯли Дилварзин аз 60 шаҳрҳои Иттифоқ ба ин иншоот мол ва ҳар гуна таҷҳизот фиристонида мешуд. Дар ин чӯл маҷмааи ба кор андохташаванда мувофиқи нақша бояд дар зарфи 36 моҳ ба анҷом расонида мешуд, дар натиҷаи меҳнати самараноки коргарон он дар муддати 28 моҳ яъне пеш аз муҳлат иҷро карда шуд.[19]

Ташкилотҳои хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳои шимолӣ дар солҳои 60-уми асри XX дар кори бо об таъмин кардани ҳам заминҳои пештар обёришаванда ва заминҳои нав азхудшуда, ҳолати мелиоративии онҳоро беҳтар кардан ва иншооти нави ирригатсионӣ бунёд кардан корҳои зиёдеро ба сомон расониданд. Маблағи давлатӣ барои инкишофи ирригатсия ва беҳтар намудани ҳолати мелиоратвии замин сол аз сол афзун мегардид. Агар соли 1961 ба ин мақсад 3,83 млн сӯм ва соли 1965 6,10 млн сӯм маблағ ҷудо карда шуда бошад, соли 1966 ин маблағ ба 7, 98 млн сӯм омада расид.[20]

Дар охири солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-ум бо мақсади саривақт ба танзим даровардани пеши шасти селҳои баҳорӣ ва ба ин васила азхудкардани ҳазорҳо гектар заминҳои наву бекорхобида, дар баъзе мавзеъҳои Тоҷикистон якчанд обанборҳо, ба мисли обанбори Мӯъминобод, Селбур, Каттасой ва ғайра сохта шуданд.

---

[19] Коммунист Таджикистана, 1973, 15 июн.

[20] Бойгонии Вазорати хоҷагии об ва мелиоратсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Минбаъд БВХО ва М ҶТ). - Ф.27, оп.12, д.211,, в. 66.

Тавре ки маълум аст дар Тоҷикистон соҳаи пешбарандаи хоҷагии халқ дар он давра заминҳои обёришаванда маҳсуб меёфт, аз ин рӯ, ғунҷоиши умумии обанборҳои Мӯъминобод, Селбур, Каттасой, ки 77, 27 млн. метри кубиро ташкил мекард, асосан ба соҳаи ирригатсия истифода бурда мешуд.[21]

Обанбори Мӯъминобод дар назди шаҳрчаи Мӯъминобод ва ноҳияи Кӯлоб ҷойгир аст. Ин обанбор барои ҷараёни дарёи Сурхоб чун воситаи захира намудани об хизмат карда, барои обёрӣ кардани наздики 10 ҳазор гектар заминҳои водии Яхсу равона карда шудааст. Ғунҷоиши обанбор 55 млн. метри кубиро ташкил мекунад.

Обанбори Селбур инчунин барои дар вақти камчинии об барои заминҳои киштшаванда равона карда шуда, баҳри обшор кардани 6,7 ҳазор гектар заминҳои ҳосилхези мавзеи Ӯротеппа солҳои тулонӣ хизмат мекунад. Истифода бурдани он аз моҳи июн оғоз ёфта, то моҳи октябр идома меёбад. Обҳои дар ин ҷо ҷамъ шуда соли 1978 25,05 млн. метри кубиро ташкил мекард.[22]

Дигар обанбори бузурги Тоҷикистон баҳри Норак аст, ки он аҳаммияти умумии хоҷагии халқ дошта, қисми асосии комплекси территорӣ-истеҳсолии ноҳияҳои Ҷанубии Тоҷикистонро ташкил мекунад. Обанбори Норак яке аз масъалаҳои муҳимми ба тартиб ва танзим даровардани масъалаи умумии ҷараёни дарёи аз ҳама калони Осиёи Миёна Амударё бомуваффақият иҷро намуд. Дарозии ин дарёи азамат, ки саргаҳи он аз Панҷ то баҳри Арал тӯл мекашад, 2570 км буда, аз

[21] Ҳамон ҷой.- д. 837, в. 35.
[22] БВХОваМ ҶТ. Ф.27, оп.12.д. 837, .в. 37.

якҷоя шудани дарёҳои Панҷу Вахш 1445 км.-ро ташкил мекунад. [23]

Масъалаи ба таври оқилона ва сарфакорона истифода бурдани ҷараёни Вахш барои инкишофи гидроэнергетика ва ирригатсия ҳоло солҳои 30-юми асри сипаригашта ба амал омада буд. Аз ин рӯ, баҳри ҳалли ин масъалаи аҳаммияти хоҷагии халқ дошта, ба Тоҷикистон аз ноҳияҳои маркази Иттиҳоди Шуравӣ махсус экспедитсияи ҷустуҷӯӣ ташкил карда шуд. Аввалин экспедитсияи ҷустуҷӯӣ бо сарварии Каминский ба Тоҷикистон омада, ҷои сохтмони гидроузели Норакро муайян кард.[24]

Соли 1936 аз дараи Пулисангин гидроэнергетики машҳури Иттиҳоди Шуравай академик Александров дидан кард. Баъд аз ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ кардани ин мавзеъ ӯ ба чунин хулосаи қатъӣ омада, ибрози ақида кард: “Ин ҷо дуюм ДнепроГЭС мешавад.”[25]

Дар солҳои 30-юми асри XX экспедитсияи на он қадар калони муҳандисони ташаббускори шуравӣ садҳо километри соҳилҳои дарёи Вахшро тай карда, давраи аввали ба фоидаи гидроэнергетика истифода бурдани онро муайян кард. Соли 1938 бошад бо чунин мақсад кашшофони “Саогидропроект”ба ин ҷо омаданд.[26]

Аммо дар кори ба таври муфассалу комил коркарда баромадани лоиҳаи азхудкунӣ ва ба манфиати хоҷагии халқи Тоҷикистон истифода бурдани манбаҳои гидроэнергетикӣ ва ирригатсионии

---

[23] Ҳамон ҷо.- д. 351, в. 105.

[24] Коммунист Таджикистана. 1979. 24 окт.

[25] Ҳамон ҷо.

[26] Нурек. Душанбе, 1981.- С. 9.

ҳавзаи дарёи Вахш, муваққатан оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ мамониат расонд. Пас аз бомуваффақият ба итмом расидани ҷанг ва барқарор кардани хоҷагии халқ, дар нимаи дуюми солҳои 50-уми асри сипаригашта, дар натиҷаи коркардани лоиҳаи ташаккули комплкси территорявӣ-истеҳсолии ноҳияҳои Ҷанубии Тоҷикистон, масъалаи лоҳакашӣ ва истифодаи захираҳои гидроэнергитикӣ ва ирригатсионии ҳавзаи дарёи Вахш аз нав ба миён меояд. Барои тартиб додани лоиҳаи сохтмони азими гидроэнергетикии дараи Пулисангин якчанд гурӯҳи ҷустуҷӯӣ, бисёр институтҳои лоиҳакашӣ ва нақшагирӣ, олимони намоён ва муҳандисону сохтмончиёни гидротехникӣ ширкат варзиданд.

Дар академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1960 оид ба мавзуи "Силсилаи неругоҳҳои барқи Вахш ва моҳияти он дар Осиёи Миёна" ҷамъомади махсус доир гардид. Дар ин маҷлис бо иштироки намояндагони машҳури аҳли илми мамлакати шуравӣ масъалаҳои бахшида ба иншооти неругоҳи барқи обии Норак ва обанбори калон муҳокима карда шуд. Дар ин форуми боэътимод сухан дар хусуси ба таври комплекси азхудкардани дараи Пулисангин, бо роҳҳои оптималӣ сохтани иншооти бузурги гидротехникӣ ва моҳияти хоҷагии халқӣ, маданӣ-маишии он барои ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар таърихи сохтмони гидротехникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1961 давраи нав оғоз ёфт. Маҳз дар ҳамин сол коргарон, муҳандисон бо сарварии ташкилотҳои ҳизбӣ ва шуравӣ, бо иштироки фаъолонаи намояндагони миллату халқиятҳои мамлакати бузурги шуроҳо кори комплексиро дар дараи Пулисангин оғоз намуданд. Бояд махсус зикр

кард, ки ин иншооти саноатӣ-аграрӣ дар таърихи гидротехникии ҷумҳурӣ аз сохтмонҳои дигар дар ҳамон вақт аз ҳама калонтарин буда, аҳаммияти иҷтимоӣ-маданияш берун аз ҷумҳурӣ мебаромад. Сохтмони НБО Норак, обанбори дар ҷаҳон аз ҳама баланди 300-метра ишооти бузург буда, калиди ташаккули комплекси территориявӣ-истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ маҳсуб меёфт.

Сохтмони чунин иншооти беҳамто ва нодир, ки раванди ниҳоят душвор ва меҳнатталаб дошт, дар ҷараёни бунёди он бечунучаро хатоиҳои субъективӣ ва объективӣ, саҳву иштибоҳо дучор омада, бунёди он қариб 13 сол давом кард. Ба ҳамаи ин душвориҳои пеш омада нигоҳ накарда, синфи коргар бо ёриву мадади ҳамаҷониба ва иштироки бевоситаи намояндагони халқу миллати мамлакати паҳновари шуроҳо тамоми вазифаҳои дар пеш гузоштаро бо сарбаландӣ иҷро намуд.

Сохтмони сарбанди обанбори Норак, ки аз 5 майи соли 1967 оғоз ёфт, наздики 4500 шабонрӯз идома ёфта, на танҳо дар таҷрибаи ватанӣ, балки дар таҷрибаи ҷаҳонии иншооти гидроэнергетикӣ саҳифаи муҳимро боз кард. Дар натиҷа соли 1979, як солу се моҳ аз муҳлати муайяншуда пеш НБО Норак бо қувваи 2700 ҳазор киловатт ба кор даровarда шуд. Кӯшишу ғайрати бисёрсолаи коллективи калони интернатсионалӣ, бунёдкунандагони гидроузели дар Осиёи Миёна калонтарин ҷомаи амал пӯшид.

Дар давраи иншооти дастгоҳи нодири гидротехникӣ дар харитаи Тоҷикистон шаҳри беҳамтои замонавии кормандони НБО-и Норак ба вуҷуд омад. Зиёда аз ду ҳазор мардуми таҳҷоии Норак соҳиби чунин ихтисосҳо, ба мисли бетонрез, ронандаи экскаваторҳо, васлкунандагон ва техникy муҳандисҳо

шуданд. Дар давоми солҳои меҳнати якҷоя дар ин корзори аср коллективи пурқувват ва муттаҳиди намояндаи зиёда аз 40 миллату халқиятҳо ба вуҷуд омад.

Дар дараи Пулисангин дар ҷараёни кор лоиҳаҳои ҷасурона, дастовардҳои илмию техникии ватании аз ҷониби умум эътироф шуда, дар кори амалӣ истифода бурда мешудаанд, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ба онҳо монанд ва қиёсшаванда дида намешавад. Дар ҷои ба заминларзаи 9 бала тоқатовар дар ҷаҳон баландтарин сарбанди сангу хокрез, ки ба он 52 млн. кубометр масолеҳи бинокорӣ гузошта шуд, бунёд гардид. Обанборе сохта шуд, ки дар он 10,5 млрд. метри кубӣ об ғун мешуд. Комплекси иншооти зеризаминӣ сохта шуд, ки дарозии умумиаш 36 км-ро ташкил мекард.[27]

Доир ба мавқеъ ва моҳияти НБО-и Норак барои иқтисодиёт сухан гуфта, набояд доир ба манфиати бузурги ирригатсионии он фаромӯш кард. Чунин обанбори аз лиҳози ғунҷоиши об бузург барои танзими ҷараёни дарёҳои Вахшу Ому хизмат мекунад. Инчунин, на танҳо обёрии заминҳои Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистонро беҳтар мекунад, инчунин садҳо ҳазор гектар заминҳои навро барои кишти пахта ва дигар соҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ имконият медиҳад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки 9 агрегати НБО-и Норак пеш аз муҳлат ба кор даромад. Ин муваффақият ба осонӣ ва худ ба худ ба даст наомадааст. Барои сохтмони неругоҳ ва обанбори пуриқтидор, аз лиҳози техникӣ наздики 300 заводҳо, даҳҳо институтҳои лоҳакашӣ ва

---

[27] Коммунист Таджикистана. 1979. 24 окт.

институтҳои илмӣ-таҳқиқотии мамлакати шуроҳо ёрии амалӣ расониданд.[28]

Ин иншооти аср дар ҳамон вақт барои норакиҳо мактаби меҳнату шуҷоат буд, зеро онҳо солҳо дар қитъаи корҳои асосӣ ва механикунонида кор мекарданд. Дар коллективи онҳо бригадири бригадаи комплексӣ Муҳаммад Шарифов, бригадири васлкунандагон Б.Т Трегубов, бриадири харрот А. В. Титов, бригадирҳои ронандаи экскаваторҳо А.А. Лисенко ва Файзулло Ашӯралиев, машинисти экскаваторҳо Абдуллоев Муродалӣ ва Раҳимов Сафар фаъолияти намунавӣ нишон медоданд.

Дар ҷараёни кор ба масъалаи таъмини номунтазам ва таваққуфи ҷиддӣ оид ба таъмини моддиву техникии иншоот роҳ додан, шароити душвор дар обанбор, обқабулкунакҳо ва нақб шароити номусоид ба чашм мерасид. Ба шароиту вазъияти тайёр шудани чунин иншоот вақти ба кор даровардани агрегати 9-уми неругоҳи барқӣ вобастагӣ дошт. То он даме, ки масъалаи дастрас кардани метал ва чӯбу тахта ҳал карда мешуд, андак вақт аз даст дода шуд.

Дар солҳои сохтмони маҷмаи гидротехникӣ дар байни коллективҳои меҳнатӣ якчанд ташаббусу пешниҳодҳои муҳим баҳри ҳарчи кӯтоҳтар намудани вақти сохтмон ба вуҷуд омаданд. Барои дарёб кардани шаклҳои муфиди мусобиқаи нави меҳнатӣ доим кофтуковҳо идома ёфта, дар охир "Эстафетаи коргарӣ" ба майдон омад. Бояд изҳор намуд, ки дар он вақт бе роҳбарӣ ва мадади ҳизби коммунистӣ дар Норак ва заводҳои ба он таҷҳизотдиҳанда, "Эстафетаи коргарӣ"

---

[28] Коммунист Таджикистана. 1979. 24 окт.

наметавонист дар миқёси ҷумҳурӣ ва мамлакати шуроҳо ин қадар маълуму машҳур гардад.

Дар ин ҷо бамаврид аст, ки сухани бригадири васлкунандагон, дорандаи мукофоти давлатии Иттиҳоди Шуравӣ А. Шалниковро хотирнишон кард: “Имрӯз норакиҳоро ҳамчун меҳмони қадрдон дар форумҳои гуногуни босалоҳият, ки таҷрибаи “Эстафетаи коргариро” ҷамъбаст мекунанд, бо обрӯйи калон пешвоз мегиранд. Аммо ҳашт сол муқаддам мо ташаббускорони ин шакли мусобиқаро ба инобат намегирифтанд. Имрӯз бошад ҳамкории колективҳои гуногун ба анъана даромада, омили ҳаррӯзаи ҳаёти мо гардидааст”.[29]

Ҳамин тавр, сохтмони неругоҳи барқи обии Норак ва обанбор давраи навро дар таърихи гидроэнергетика, ирригатсия ва дигар самтҳои хоҷагии халқ кушод.

Пленуми майи (соли1982) КМ ҲКИШ, ки масъалаи барномаи озуқавориро дар Иттиҳоди Шуравӣ мавриди муҳокима қарор дода, барои азхудкардани заминҳои нав ва ба таври васеъ ба роҳ мондани корҳои обёрикунӣ, махсусан дар мавзеъҳои марказӣ ва ҷанубии мамлакат, аз ҷумла ташаккули маҷмуаи территорявӣ-истеҳсолии Тоҷикистон ва васеъ намудани корҳои ирригатсия ва мелиоратсияи замин диққати асосӣ дода шуд.

Ибтидои солҳои 80-ум дар Тоҷикистон оид ба нақшагирии сохтмони иншооти бузурги хоҷагии об дар миқёси васеъ ба роҳ монда шуд. Ба чунин иншоот метавон сохтмони поёноби Кофарниҳон, ки он моҳияти муҳимми хоҷагии халқро доро буд ва метавонист бисёр

---

[29] Коммунист Таджикистана.1979. 24 окт.

масоили хоҷагии оби ҷанубии Тоҷикистонро ҳаллу фасл намояд ба забон бояд гирифт.

Захираҳои обии дарёи Кофарниҳон кайҳо боз диққати олимон, коркунони муҳандисӣ-техникӣ ва мутахассисони ирригатсия ва мелиоратсияро ба худ ҷалб карда буд. Корҳои ҷустуҷӯйӣ доир ба аниқ кардани роҳҳои ба таври сарфакорона истифода бурдани захираҳои об ва барпо намудани иншооти гидротехникӣ дар ин ҷо солҳои 50-ум оғоз шуда буд. Аммо аз сабаби набудани шароити зарурӣ сохтмони чунин иншооти бузург аз сол ба сол ба қафо гузошта мешуд. Имконияти ҳақиқӣ, яъне таҳҷизоти сохтмонӣ, коркунони муҳандисӣ-техникӣ, мутахассисон ва кор карда баромадани лоиҳаи сохтмон танҳо дар ибтидои солҳои 80-ум муяссар гардид.

Анҷумани XIX Ҳизби коммунистии Тоҷикистон (январи соли 1981) дар назди Кумитаи банақшагирӣ (Госплан), АИ ҶШС Тоҷикистон, вазоратҳо ва корхонаҳои ҷумҳурӣ вазифа гузошт, ки дар муддати кӯтоҳтарин нақшаи мушаххаси лоиҳа ва инкишофи маҷмуаи хӯроквории ҷумҳуриро дар зарфи солҳои 1981-1985 ва то давраи соли 1990 иҷро намоянд, инчунин дар анҷуман оиди омода кардани корҳои ирригатсионӣ-мелиоративӣ диққати ҷиддӣ дода шуд. Ба нақша гирифта шуд, ки дар зарфи панҷсолаи ёздаҳуми тараққиёти хоҷагии халқ корҳои сохтмонии иншооти обанбори Кофарниҳони Поён оғоз карда шавад.[30]

Сохтмони обанбори Кофарниҳони Поён на танҳо барои ҳалли масъалаҳои азхудкардани даҳҳо ҳазор гектар заминҳои ҳосилхези навкорам ва дигар масоили иҷтимоӣ кӯмак мерасонд, инчунин мақсад сари он буд,

---

[30] XIX съезд Коммунистической партии Таджикистана. Стен. отчет. -Душанбе, 1987.-С.35,272.

ки дар натиҷаи афзудани шумораи аҳолии вилояти Қӯрғонтеппа, ҷараёни истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ механиконида шуда, ба изофа гаштани қувваҳои коргарӣ оварда мерасонд. Аз ин рӯ, қисми муайяни аҳолӣ, ки ба корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ сафарбар карда нашудаанд, ба сохтмони чунин иншооти азими ирригатсионӣ ба кор андохтан аз аҳаммият холӣ набуд.

Барои тартиб додани лоиҳаи техникии обанбори Кофарниҳони Поён мутахассисони институти "Союзгипроводхоз"-и Маскав шурӯъ намуданд. Дар поёноби Кофарниҳон, ки суръати об тез буд, ба нақша гирифа шуд, ки сарбанди баландиаш 78 м.бунёд карда шавад. Дар натиҷа обанбори бузург, ки дарозиаш ба 20 км. мерасид ва оби ғунгашта дар он метавонист 80 ҳазор гектар заминҳои лалмиро обшор намояд.

Баҳори соли 1986 дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон иншооти обанбори Кофарниҳони Поён оғоз гардид, ки ғунҷоияш 900 млн. кубометр обро ташкил мекард. Сохтмони чунин обанбори калон имконият медод, ки заминҳои ин мавзеъ ба маркази истеҳсоли на танҳо пахта, инчунин боғдорӣ, ангурпарварӣ ва дигар навъҳои истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ мубаддал гардад.

Мувофиқи лоиҳа навбати якуми обанбор бояд соли 1993 ба анҷом расонида шуда, ғунҷоиаш 360 ҳазор млн. метри кубиро ташкил кунад. Обёрӣ симо ва иқлиму обу ҳавои биёбонҳои беодами Курҷалолқум, Гулзор, Қаросир, Ҷордагал, Каниздеҳро дигаргун менамуд. Сохтмони обанбори Кофарниҳони Поён ба уҳдаи кормандони идораи "Ёвонводстрой", дар ҷараёни иншооти обёришаванда гузошта шуд ва таҷрибаи бой пайдо кард. Умуман, гидроузел аз сарбанд, иншооти обҷамъкунӣ ва неругоҳи электрикии қувваaш 120 ҳазор киловат иборат буд.

Мисолҳои оварда шуда шаҳодат медиҳанд, ки яке аз хусусияти махсуси сохтмони хоҷагии об дар Тоҷикистон дар ин давра инкишофи неруи барқ, обёрии мошинӣ ва пайваста сохтмони обанборҳои калон мебошад, ки онҳо метавонанд масъалаҳои зиёди ирригатсионӣ ва мелиоративиро ҳаллу фасл намоянд. Чунин масъаларо ба эътибор гирифта, дар охири панҷсолаи ёздаҳум дар институти "Таджикгипроводхоз" шуъбаи ба нақшагирии сохтмони обанборҳо таъсис дода шуд. Ин институт дар тартиб додани лоиҳаи техникии обанбори Кофарниҳони Поён фаъолона ширкат намуд.

Соли 1985 дар асоси лоиҳаи тартиб додаи институти "Таджикгипроводхоз"дар вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) дар дарёи Исфанӣ обанбор ба кор оғоз намуд. Ба ҷузъ ин коллективи институт лоиҳаи обанбори Балҷувонро кор карда баромад, ки ғунҷоишаш 300 млн. метри кубӣ об дошта, 28 ҳазор гектар заминҳои қаблан ҷуфткардаи вилояти Кӯлобро шодоб мекард.[31]

Дар ноҳияҳои кӯҳии Ӯротеппа ва Ғончии вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) ҳазорҳо гектар заминҳои ҳосилхези азхуднашуда мавҷуд буд, ки бо роҳи ба ин мавзеъҳо гузаронидани оби дарёи Зарафшон ин заминҳоро барои истеҳсоли хелҳои гуногуни маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ истифода бурдан мумкин аст. Мутахассисони ташкилотҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ аз нуқтаи назари илмӣ роҳҳои азхудкардан ва обшор намудани чунин заминҳоро кор карда баромаданд. Бо чунин мақсад сохтмони гидроузели калон ва 26 километрии нақби ирригатсисонӣ имконият медиҳад, ки наздики 100 ҳазор

---

[31] Коммунист Таджикистана.1979. 24 окт.

гектар замини нав ва ҳазорҳо гектар заминҳои куҳнаро обшор намояд. Ба ҷузъ ин сохтмони иншооти зикр гашта имконият медиҳад, ки бисёр масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ- маданӣ ҳал карда шавад. Баъд аз сохтмони иншооти номбурда яке аз масъалаи муҳимми иҷтимоӣ, яъне аз ноҳияҳои қувваи коргарии афзун ба ин ҷо муҳоҷир кардан имконият пайдо мешавад.

Коллективи институти лоҳиякашии "Таджикгипроводхоз" бо ҳамкории дигар институтҳои лоҳиякашӣ, пеш аз ҳама ноҳияҳои марказии мамлакат, методи беҳтарин ва муносиби қисми дарёи Зарафшонро ба ноҳияҳои Ӯротеппа ва Ғончӣ равон карданро кор карда баромад.

Аммо афсӯс, ки бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ин масъалаи муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маданӣ иҷро карда нашуд. Имрӯз, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми душвориҳои давраи ҷангӣ ва пас аз ҷангиро ҳаллу фасл намуда, вазифаю ҳадафҳои пешомадаро сарбаландона иҷро карда истодааст, дарояндаи наздик масъалаи дар боло номбаркардаро низ бо сарбаландӣ ба иҷро хоҳад расонд.

Дар оянда кор карда баромадани сохтмони якчанд обанборҳо ва, махсусан дар ноҳияҳои Марказӣ ва Ҷанубии Тоҷикистон, ба масъалаи барпо кардани маҷмуаи энергетикӣ дар Вахш сахт алоқаманд аст. Тавре ки маълум аст дар нақшаи ташаккули маҷмуаи территориявӣ-истеҳсолии ҷанубии Тоҷикистон сохтмони якчанд неругоҳҳои барқӣ ба назар гирифта шудааст. Дар назди ҳар як неругоҳи барқӣ обанборҳо ба вуҷуд омада, ба ҷузъ дигар масоили хоҷагии ҳалқ ҳаллу фасл мешаванд, инчунин масъалаҳои хоҷагии об чӣ дар Тоҷикистон ва чӣ дар ҷумҳурияҳои Осиёи Марказӣ ба иҷро мерасанд. Имрӯз дар замони истиқлолияти ҷумҳурӣ бо ибтикори Президенти

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони калонтарин дар ин кишвар неругоҳи барқи обии Роғун, обанбор ва сарбанди дар ҷаҳон калонтарин бунёд мегардад.

Душвории бо об таъмин кардани заминҳо ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ ва махсус дар ҷумҳурияҳои Ӯзбекистону Туркманистон дида мешавад, обанбори Роғун якҷоя бо обанбори Норак имконият медиҳад, ки ба ҳалли ин масъала кӯмак расонад. Масалан, имконият медиҳад, ки зиёда аз чор милн. гектар заминҳои аз об танқисӣ мекашидагиро як дараҷа таъмин намояд ва иловатан 350 ҳазор гектар заминро азхуд кард.[32]

Лоиҳаи маҷмуаи неругоҳи барқи обии Сангтӯда, чун дигар неругоҳҳои электрикии Вахш дар институти "Средазгипропроект" тайёр карда шудааст. Каме поёнтар аз неругоҳи Сангтӯда, сохтмони НБО-и Шӯробод дар назар дошта шуда буд, ки он ба ҷараёни сохтмони энергертикӣ ва ирригатсионии маҷмуавии Вахш хотима дод.

Пленуми октябрии (соли 1984) КМ ҲКИШ масъалаи "Барномаи дурнамои мелиоративӣ, баланд бардоштани маҳсулнокии истифодаи заминҳои тахту ҳамворгашта, фонди истеҳсолии мамлакатро пурқувват кардан"-ро мавриди муҳокима қарор дод. Ва ин форуми ҳизбӣ як давраи васеи инкишофи ирригатсия ва мелиоратсияро дар мамлакат оғоз намуд. Дар ҳуҷҷатҳои пленум ба таври мухтасар самти асосии аз ҷониби мелиортсия сермаҳсул кардани ҳосилнокии хоҷагии кишоварзӣ нишон дода шудааст. Дар он зикр карда шудааст, ки аз давраи пас аз пленуми майии КМ ҲКИШ (соли 1966) майдони заминҳои мелиоратсия карда шуда аз 17 то ба 33 млн. гектар афзудааст. Аз

[32] Коммунист Таджикистана, 1987. 29 дек.

ҷумла, 19 млн. гектар заминҳои обёришаванда ва 14 млн. гектар заминҳои хушк карда шуда, онҳо дар он давра се ҳиссаи маҳсулоти хуроквории мамлакатро медоданд.[33]

Пленуми октябрии КМ ҲКИШ маҳсулнокии заминҳои обёришавандаро ба эътибор гирифта тавсия дод, ки суръати сохтмонҳои ирригатсиониро дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Кавказ тезонида шавад.

Дар солҳои 80-уми асри XX дар Тоҷикистон иншооти ирригатсионӣ хусусияти нисбатан калонро ба худ гирифт. Ин иншооти бузурги ирригатсионии обёрӣ ва азхудкунии дашти Данғара буд. Калиди асосии иншооти ин ҷо сохтмони нақби ирригатсионии Данғара буд, ки дарозиаш 14 км.-ро ташкил мекард.

Иншооти азими хоҷагии об инчунин яке аз бахши асосии ташаккули комплекси территорявӣ - истеҳсолии ҷанубии Тоҷикистон хизмат мекунад. Дар миқёси собиқ Иттифоқ нақби ирригатсионии Данғара яке аз калонтарин иншооти гидротехникӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар кори лоиҳакашии иншооти обёрӣ ва азхудкунии дашти Данғара мутахассисони институти лоиҳакашии “Таджикгипроводхоз” ҳанӯз дар охири солҳои 50-ум ба кор оғоз карда буданд. Аввалин муҳандисони асосии лоиҳа Пудов В.Н., Колесников А.И. Чкалов В.П. буданд, ки дар зарфи чандин сол ҳаёт, таҷриба ва дониши худро ба кори инкишофи минбаъдаи корҳои ирригатсионӣ-мелиоративӣ дар Тоҷикистон бахшида буданд.[34]

---

[33] Коммунист. 1984. № 16. С. 12-13.

[34] Сельское хозяйство Таджикистана. 1986.№ 7.- С. 11.

Иниститутҳои лоиҳакашии мамлакати шуроҳо роҳҳои гуногуни азхудкунии дашти Данғара ва вобаста ба он нақби ирригатсионии аз ҷиҳати гидрогеологӣ калон ва ниҳоят мураккабро кор карда баромаданд.

Соли 1968 корҳои ҷустуҷӯӣ дар нақби ирригатсионӣ оғоз ёфт. Дар назди ташкилоти умумииттифоқии “Гидроспетстрой» вазифаи дар шароити ниҳоят душвори геологӣ барпо кардани иншооти нодири гидротехникӣ меистод.

Дар ин ҷо моҳи октябри соли 1969 аввалин таркишҳо дар ҷои даромад ва пештоқи минбаъда, ки корҳои ниҳоят душвор ва заминӣ дар пеш буда ба амал омад. Дар ибтидо чунин корҳо аз ҷониби идораи сохтмони тоҷикистонии “Гидроспетстрой» бурда мешуд. Сохтмони иншооти serизаминӣ соли 1970 ва тирамоҳи соли минбаъда нақби асосии он оғоз ёфт. Нақби ирригатсионии Дарғара бо нодирии хеш диққати мутахасисонро ба худ ҷалб намуд. Дар таърихи сохтмонҳои гидротехнкии ватанӣ ба ин монанд иншоот дида намешуд. Ва ҳатто дар таҷрибаи ҷаҳонӣ низ ба чунин иншооти калони гидротехникӣ баъзан наздик дида мешуду халос. Ба ин андеша чунин факту рақамҳо шаҳодат медиҳанд: дарозии нақб бе коркарди ёрирасон 13 813 м., бо ёрирасон зиёда 17 км.-ро ташкил мекард. Дар пеш вазифа меистод, ки 1,5 млн. кубометр ҷинсҳои кӯҳиро бароварда, 150 ҳазор кубометр бетон рехта, 20 ҳазор тонна конструксияи металӣ ва арматур васл карда шавад. Баҳри иҷрои чунин вазифаҳои зиёду сангин моҳи апрели соли 1972 идораи махсусгардондашудаи иттиҳодияи умумиитифоқии “Гидроспетстрой»-и Данғара, ки

сонитар дар шаҳрчаи коргарии Себистон ҷойгир шуд, ташкил гардид.[35]

Шароити гидрогиологӣ ва геологии маҳал, норасоӣ ва саривақт таъмин накардан бо маҳсулоти сохтмонӣ, нарасидани кадрҳои баландихтисос, кормандони муҳандисӣ- техникӣ, вазъияти номусоиди маданӣ- маишӣ, баъзе камбудиҳо дар лоҳиакашӣ, дуруст ба мақсади асосӣ истифода набурдани моликияти давлатӣ ва чандин дигар камбудиҳои ҷойдошта сабаби ба амал омадани баъзе душвориҳо дар рафти кор гардиданд.

Ба ҳамаи чунин камбудиҳо нигоҳ накарда, дар назди коллетиви сохтмончиён, кормандони муҳандисӣ-техникӣ, вазифаи муқаддас, яъне корҳои нақбканиро бо тамоми қувва тезонида мешуд. Қабл аз ҳама лозим буд, ки кадрҳои баландихтисос нақбканон, васлгарон, бетонрезон ва дигар мутахасисони корҳои кӯҳканиро дар вақташ таъмин кардан шарт ва зарур буд.

Ба коргарони чунин иншооти нодир лозим буд, ки якчанд масъалаҳои душвори техникиро ҳаллу фасл намоянд. Ба ҷузъ душвориҳои ба пеш омада, дигар душворӣ дар он зоҳир мегашт, ки когарони маҳаллӣ таҷрибаи иҷро кардани чунин корҳои мураккабро надоштанд. Дар ҳолати корҳои тайёрӣ дар шахтаи дуюм сохтмончиён ба монеаи ҷиддӣ дучор гаштанд. Ҷинсҳои кӯҳӣ ноустувор буданд. Дар чунин вазъият коллективи сохтмончиён маҷбур шуданд, ки нақбканиро муваққатан боздошта, дар ҷустуҷӯй ва ҳалли техникии масъалаи муҳим шаванд. Барои чунин ҷои хавфнокро гузаштан ба сохтмончиён лозим буд, ки хоки мулоимро дар доираи чоҳ ях кунонида сипас ба кори минбаъда шуруъ намоянд. Дар иҷрои чунин

[35] Коммунист Таджикистана, 1986. 31 окт.

вазифа ба сохтмончиён лозим буд, ки якуним сол вақти худро сарфи ин кор намоянд. Ин воқеа ҳам яке аз сабабҳои кашол ёфтани муҳлати сохтмон гардид.

Ба инкишофи минбаъдаи корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ, сохтмони иншооти бузурги гидротехникӣ аз ҷумла нақби Норак қарорҳои пленуми XV апрелии ( соли1974) КМ ҲК Тоҷикистон мусоидат намуд. Дар ин форуми ҳизбӣ вазъияти обёрии заминҳои нав дар ҷумҳурӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, камбудиву норасоиҳоро дар фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ, шуравӣ ва хоҷагии об нисбат ба масъалаи роҳбарӣ ба корҳои ирригатсионӣ, мелиоративӣ ва азхудкардани заминҳои нав нишон дода шуд. Масъала дар сари он аст, ки аз ҷониби онҳо доир ба сарфакорона ва ба ҷойи таъиншуда истифода набурдани маблағи давлатӣ, техника, ҷо ба ҷо намудани кадрҳо камбудиҳои роҳдода, ба дароз гардидани муҳлати ба истифода додани иншооти ирригатсионӣ оварда расонд. Чунин кабудиву норасоиҳо сабаби вақти муқарраршуда аз худ накардани заминҳои нав шуданд.

Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об, тресті ”Таджикцелинстрой”, ташкилотҳои маҳаллии ҳизбӣ ва шуравӣ сари вақт ва ба таври лозимӣ ба сохтмони иншооти хоҷагии об назорат карда натавонистанд, ки бисёри онҳо ба вақти муайянгардида ба кор адохта нашуда, сифати паст доштаанд. Баъзан сохтмонҳои ирригатсионӣ ва азхудкардани заминҳои нав, ба таври комплексӣ сурат намегирифт, ба истифода додани хонаҳои истиқоматӣ ва маданӣ-маишӣ низ ақиб мемонд.

Соли 1975 ҷойгир намудани участкаи бешиддати нақби Данғара ба воситаи қаторкӯҳҳои Вахш кормандони тресті “Гидроспетстрой» оғоз намуд. Бо

ҳамин навбати дуюми сохтмони нақби ирригатсионӣ сар шуд.

Моҳи апрели соли 1975 коллективи бисёрмиллати сохтмончиён сарбанди нақбро ба охир расониданд. Сохтмони нақби ирригатсионии Данғара дар таҷрибаи гидротехникии ватанӣ ва иншооти техникӣ, сохтмони ниҳоят душвор ба назар мерасид.

Дар солҳои 70-ум ва давраи минбаъда дар ҷараёни сохтмони чунин гидротехникаи аз амал таҷриба ва кордонии коргарон ва кормандони муҳандисӣ-технакӣ беист меафзуд. Аз шаҳрҳои гуногуни мамлакат мунтазам омадани техникаи нав, истифодаи методҳои прогрессивии меҳнат бригадаҳои нақбканонро водор мекард, ки ба кори худ масъулиятона рафтор намуда, роҳҳои маҳсулнокии истеҳсолотро дарёбанд. Дар сохтмон бисёр пешқдамони истеҳсолот ба воя расиданд, аз байни онҳо метавон номи аъзоёни бригадаи интернатсионалии Игор Савичро ба забон гирифт. Ин бригадаи нақбканҳо ветерани иншооти ирригатсионии Данғара буда, тамоми аъзоҳои коллектив таҷрибаи бойи корҳои кӯҳӣ ҳосил карда будаанд, ки дар бисёр сохтмонҳои ноҳияҳои гуногуни мамлакат ба даст оварда буданд. Бисёрии онҳо дар сохтмонҳои шаҳрҳои Донбас, Масква, Киев, Боку ва иншооти ирригатсионии Норак босамар кор кардаанд.

Соли 1979 пас аз ба кор даровардани ҳаммаи агрегатҳои неругоҳи барқӣ норакиҳо ба ёриву мадади кӯҳканҳои Данғара омаданд. Техникаи пуриқтидор ва гурӯҳи калони сохтмончиёни таҷрибаи бой дошта, барои тез кардани суръати сохтмони ин иншооти гидротехникӣ мусоидат кард.

Дар сохтмони нақб ва дигари тресги "Кӯлобводстрой" набудани мувофиқат ва алоқаву

ҳамкорӣ ба фаъолияти институти лоиҳакашии "Таджикгипроводхоз", сохтмончиёну фармоишгарон таъсири манфӣ мерасонд. Чунин методи кори трест ва фармоишгарон, инчунин вуҷуд надоштани нақшаи интизом, талаботи зарурӣ ва назорати ҳамешагӣ ба рафти сохтмон, корҳои ба охирнарасида дар ин трест кам нагардида, баръакс дар охири соли 1979 ба 3,0 милн. сӯм зиёд шуд.[36]

Аммо ба баъзе камбудиҳои ҷой дошта нигоҳ накарда сохтмони ирригатсионии Данғара бо муваффақият пеш мерафт. Охири моҳи марти соли 1980 шаҳри Душанбе бесабаб ҷои гузаронидани маҷлиси илмӣ - техникии умумииттифоқӣ оид ба баланд бадоштани самаранокии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти баланд бардоштани мелиоратсия ва хоҷагии оби мамлакати шуроҳо интихоб нашуда буд. Дар ин маҷлис сухани ҷиддӣ дар соҳаи сохтмони ирригатсионии Данғара ва таҳлили таҷрибаи ғунгаштаи кормандони он мерафт. Иштироккунандагони маҷлис ба андешаи ягона омаданд, ки рушди минбаъдаи истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ, бечунучаро ба инкишофи мелиоратсия алоқаи зич дорад.

Дар ин ҷамъомад дар соҳаи хоҷагии об андеша ронда, зикр карда шуд, ки дар оянда бояд диққати асосиро сарфакорона ва аз нигоҳи иқтисодӣ захираҳои оби мамлакатро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст, зеро аҳолӣ, хоҷагии қишлоқ, саноат ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ сари вақт бо об таъмин карда шавад.

Дар маҷлис диққати асосӣ ба масъалаи инкишофи ирригатсия ва мелиоратсия дар Тоҷикистон дода шуд. Баромадкунандагон таҷрибаи бойи

---

[36] БВХО ва МҶТ. - Ф.25, р.12, д.164, в. 66-67.

ғункардаи ирригаторҳоро дар азхуднамудани заминҳои наву бекорхобидаи дашти Дилварзин, водии Ёвону Обикиик, Ашти Калон, Бешкент, Қародум ва заминҳои Данғара зикр намуданд. Дар ин иншоот ирригаторону мелиораторон бо олимони ҷумҳурӣ ва мамлакат, ки тавсияҳои онҳо доир ба самаранок истифода бурдани заминҳо, иншооти душвори гидротехникӣ барпо кардан, аз ҷумла нақби ирригатсионии Данғара аҳаммияти калон дошт, ҳамкории зич намуданд.[37]

Анҷумани XXV1 Ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ дар назди ташкилотҳои ҳизбӣ, шуравӣ, хоҷагии кишоварзии мамлакат, аз ҷумла Тоҷикистон доир ба инкишофи минбаъдаи обёрӣ, мелиоратсияи замин ва самаранок истифода бурдани захираҳои об вазифаҳои масъулиятнок гузошт. Мувофиқи "Нақшаи асосии инкишофи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар солҳои 1981-1985 ва то давраи солҳои 90-ум" тарҳрезишуда, "азхудкунии дашти Данғара идома меёфт"[38].

Анҷумани XIX Ҳизби коммунистии Тоҷикистон роҳу воситаҳои мушаххаси инкишофи минбаъдаи ирригатсия, мелиоратсия ва азхудкунии заминҳои навро дар ҷумҳурӣ дар давраи панҷсолаи ёздаҳум ва умуман дар солҳои 80-ум муайян кард.

Қарорҳои анҷумани XXI Ҳизби коммунистии Иттифоқи Шуравӣ ва анҷумани XIX Ҳизби коммунистии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатии коргарон, кормандони техникӣ ва тамоми коллективи сохтмончиёни нақби ирригатсионии Данғараро баланд кард. Аллакай тобистони соли 1981 дарозии маҷрои

---

[37] Коммунист Таджикистана, 1980. 1 апрел.
[38] Материалы XXV1 съезда КПСС.- М., 1981-С.194.

нақби Данғара ба 5,0 ҳазор м. расид. Ҳаҷми душвори кор дар қитъаҳои сохтмон иҷро гардид. Корҳои шарафноки иттиҳодияи умумииттифоқии “Гидроспетстрой” дар тамоми қаламрави Тоҷикистон маълуму машҳур гардид.

Дар давоми якчанд сол сохтмончиёни нақби Данғара бисёр душвориҳои ба пеш омадаи давраи корҳои тайёриро паси сар карданд. Ба ин ақида якчанд рақам шаҳодат медиҳанд. Агар соли 1980 ҳисоби миёнаи якмоҳаи кандани нақб аз 70-80 метри дарозӣ зиёд набуд, соли 1981 ин шумора ба 140-150 омада расид.[39]

Аҳаммияти ниҳоят калон доштани нақби ирригатсионии Данғара ва бо мақсади ҳарчи тезтар ба охир расонидани сохтмонаш дар назди “Главтаджикводстрой” ва ташкилоти идоракунии махсуси “Гидроспетстрой” вазифа гузошта шуда буд, ки дар муддати наздик камбудиҳои ҷойдошта бартараф карда шавад.

Кумитаи банақшагирӣ ва Вазорати сохтмони Тоҷикистон вазифадор карда шуданд, ки чораҳои самаранок андешида, барои ба нақб сари вақт фиристонидани маводи сохмонӣ ва мошини мураккабро таъмин намоянд. Кумитаи иҷроияи Кӯлоб ва кумитаи иҷроияи ноҳияи Данғара, бояд ба таври доимӣ ёрии зарурӣ расонанд. Инчунин, барои пурра таъмин кардани сохтмон бо коргарон ва махсусан механизаторон, ба онҳо шароити зарурии маданӣ ва маишӣ таъмин кардан супориш дода шуд, то ки меҳнати истеҳсолии онҳо баланд гардад.[40]

---

[39] Коммунист Таджикистана, 1980. 1 апрел.
[40] Ҳамон ҷо, 31 окт.

Колективи ташкилоти идоракунии “Гидроспетстрой” дар тамоми учаскаҳои коргарӣ байни бригадаю звеноҳо мусобиқаи сотсиалистиро васеъ ба кор андохта, натиҷаҳои чашмраси истеҳсолиро ба даст даровarданд. Дар байни бригадаи кӯҳканҳо бригадаи Игор Савич пешқадам буд. Дар ин бригада сохтмончиёни ботаҷриба ба мисли Депутати Шурои Олии Иттиҳоди Шуравӣ Искандар Шарипов, усто Виктор Сачев, Талбак Шарипов ва бисёр дигарон, ки дар рафти кор соҳиби панҷ ва шаш мутахассис гаштанд. Дар идора ҳар моҳ як маротиба натиҷаи мусобиқаи сотсиалистӣ ҷамъбаст шуда, ғолибон бо мукофотҳо сарфароз мегаштанд.[41]

Мусобиқаи сотсиалистӣ дар дигар идораҳои сохтмони ирригатсионии Данғара низ авҷ мегирифт.

Вақте ки 31 марти соли 1983 дар самти нақби ирригатсионии Данғара таркиши сахт ба амал омад, дар хусуси ғалабаи меҳнатии сохтмончиёни гидротехникӣ хабар дод. Пас аз таркиш ба нақби нақбканҳо аз бригадаи В.Тсарков идораи “Таджикспетстрой» ворид шуданд. Аз дигар тарафи нақби ба суи онҳо метросозони Белоруссия, бо бригадаи набқкан рӯ ба рӯ шуданд. Ҳамин тавр, дар охири марти соли 1983 ба дарозии 4692 метр зери замин роҳ кушода шуд.[42]

Дар кори сохтмони нақби Данғара меҳнаткашони ҷумҳурияҳои иттифоқӣ Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Белорусия ва ғайра ёриву мадади зиёд расониданд. Ба Данғара нақбканон аз Шарқи Дур, аз Норилск, Тула, Қалмиқия ва ғайра

---

[41] Коммунист Таджикистана, 1983. 2 апр.
[42] Коммунист Таджикистана, 1983. 2 апр.

омаданд ва ҳамаи онҳо меҳнати зарбдоронаи шабонарӯзӣ нишон доданд. Сохтмони нақби ирригатсионии Данғара ба иншооти соф интернатсионалӣ табдил ёфт, ки дар он ҷо намояндагони 30 миллату халқиятҳо даст ба даст дода заҳмат мекашиданд. Қаҳрамони асосии сохтмон нақбканони бригадаи Владимир Тсарков ва Василий Савченко буданд, ки бори нахуст дар вақти кушодани гузаргоҳи дутарафа бо ҳам вохӯрданд.

Кор дар дигар қитъаҳо бо тамоми қуват мерафт. Натиҷаи беҳтаринро бригадаҳои Юрий Попков, Гарика Чимбелман, Николай Якунов, Геннадия Валиев ва бисёр дигарон ба даст оварданд.[43]

Пас аз пленуми апрелии (соли1985) КМ ҲКИШ Ҳизби коммунистии Тоҷикистон ва ҳукумати ҷумҳурӣ, ташкилотҳои маҳалии ҳизбӣ ва шуравию хоҷагии кишоварзӣ ба масъалаи ба таври комплексӣ ҳал кардани сохтмонҳои хоҷагии об, аз ҷумла иншооти нақби ирригатсионии Данғара ва дар ҳудуди вай азхудкардани заминҳои наву бекорхобида диққати ҷиддӣ доданд.

Дар кори сохтмони нақби ирригатсионии Данғара ва мелиоратсияи замин саҳми комсомолону ҷавонон ниҳоят калон аст. Қариб дар ибтидои сар кардани кори сохтмони нақби ирригарсионии ин корзори муҳим ҳамчун иншооти зарбдори комсомолии ҷумҳуриявӣ эълон гардид. Бо даъвати ҳизбу давлат дар кори иншооти азими гидротехникӣ на ин ки аз ҷумҳуриамон, балке аз тамоми гӯшаву канори мамлакати шуроҳо дастаҳои зиёди комсомолону ҷавонон бо ихтисосҳои гуногун ба ин ҷо омаданд.

---

[43] Правда.1993.1 апр.

Ҳаминро бояд ёдрас шуд, ки дар байни коркунони маҳаллӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ-касбӣ як дигаргунии сифатӣ ба амал омад, яъне як зумра сохтмончиён - кӯҳканҳо пайдо шуданд, аммо онҳо маълумоти муҳандисӣ надоштанд. Доир ба ин масъала масковиягӣ, хатмкардаи Донишгоҳи ба номи Патрис Лумумба Куликов С., ки барои иштирок ба сохтмони нақби Данғара омада буд, дар мизи мудаввари маҷаллаи "Агитатори Тоҷикистон" соли 1985 дар баромадаш гуфта буд: "Дар ин ҷо дар ду соли кориам бо ҷавонони тоҷик дӯстӣ пайдо кардам. Бисёре аз онҳо собиқаи корҳои зеризаминии 10 сола ва аз он ҳам зиёд доранд. Онҳо таҷрибаи зиёди кӯҳканӣ доранд. Аммо ҳамкорони ман Наврӯз Бобоев, бародарон Раҷаб ва Сабзалӣ Шоназаровҳо ва ба онҳо монанд ҷавонон маълумоти махсуси кӯҳӣ надоранд. Умуман, дар идораи сохтмонӣ аз байни намояндагони миллати таҳҷоӣ муҳандисон хеле каманд. Вақте ки савол медиҳам, ки чаро нахондед, мегӯянд, дар ҷумҳурии мо то имрӯз ягон мактаби олие нест, ки мутахасисони соҳаи корҳои кӯҳиро тайёр намояд".[44]

Дар охири моҳи октябри соли 1986 шоҳроҳи 14 километрии зеризаминӣ, барои оби Вахшро ба заминҳои ташналаби дашти Данғара баровардан кушода шуд. Барои таъмини чунин ғалабаи бузург ҳазорҳо авлод, одамони синну соли гуногун, ихтисос, миллат, коргарон, коркунони муҳандисӣ-техникӣ, хизматчиён, садҳо заводҳо, ташкилотҳо, корхонаҳо, муассисаҳои илмии мамлакати шуроҳо саҳми худро гузоштанд.

Кумитаи Марказии Ҳизби коммунистӣ, Раёсати Шурои Олӣ ва Шурои Вазирони Ҷумҳурии

[44] Агитатор Таджикистана. 1985, № 18. С. 16-17.

Тоҷикистон, иштироккунандагони давраи аввали ба кор сар кардани комплекси нақби ирригатсионии Данғараро табрик намуданд.

Ба муносибати сар додани оби Вахш ба дашти Данғара 4 ноябри соли 1986 дар баромади пештоқи назди деҳаи Оқсу митинги тантанавии меҳнаткашони ноҳия доир гардид, ки дар он нақбканҳо, васлкунандаҳо, лоиҳакашҳо, ба кор андохтагон, коркунони совхозҳо, намояндагони ҳизбӣ, шуравӣ, ташкилотҳои иттифоқи касаба, комсомол ва собиқадорони сохтмонҳои гидротехникӣ ҷумҳурӣ ширкат варзиданд.

Сохтмончиёни комплекси хоҷагии оби Данғара дар кори дигаргунии сохтори иҷтимоии аҳолии маҳаллӣ кӯмак расонданд. Дар марказ ва гирду гӯшаи ноҳияи Данғара ҳама вақт нарасидани кадрҳои ихтисосманд ҳис мешуд. Ба шарофати сохтмони нақб аз байни мардуми маҳалӣ васлгарони моҳир, бетонрезон, нақбканон, сохтмончиён ва ғайра ба майдони истеҳсолот баромаданд. Аз байни онҳо метавон номҳои васлгар Шамсуллоев Т.,бетонрезон  Шарипов К, Табаров Х. ва бисёр дигаронро ном гирифт.[45]

Сохтмони нақби Данғара, ба ҷузъ якчанд вазифаҳои хоҷагиву иқтисодӣ, барои ҳаллу фасл кардани чандин вазифаҳои иҷтимоӣ ва  техникиро низ иҷро намуд. Дар ҳамин муддат идораи махсусгардонидаи Данғара “Гидроспетстрой” аз як ташкилоти наонқадар калон ба корхонаи калони истеҳсолӣ табдил ёфт. Аз байни мардуми таҳҷоӣ коргарони баладихтисос ба воя расид, ки он таркиби иҷтимоии синфи коргарро дигар намуд.

---

[45] Коммунист Таджикистана. 1986. 30 сент.

Зиёда аз сад корхонаву ташкилотҳо, муассисаҳо, лоиҳакашӣ, конструкторӣ, ҷустуҷӯйӣ, сохтмонро бо таҷҳизот, бо мошинҳо, механизмҳо, қисмҳои эҳтиётӣ, материалҳо, лоиҳаи ҳуҷҷатҳо ва ғайра таъмин мекарданд.

Бисёр мутахассисон бо меҳнати фидокоронаи хеш на танҳо дар байни коллекиви комплекси иншооти Данғара эътибор пайдо карданд, инчунин дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ обрӯяшон афзун гардид. Масалан, бригадири бетонрезон Манон Абдураҳимов соҳиби ордени "Байрақи Сурхи Меҳнат" ва медали "Барои меҳнати шоён" гардид. Ӯ ҳарду ин мукофотҳоро барои меҳнати диловаронааш дар сохтмони нақби ирригатсионии Данғара шарафманд шудааст.

Ин ғалабаи аввали сохтмончиёни нақби ирригатсионии Данғара аз ҷониби ҳизбу ҳукумат баҳои сазовор дода шуд. Ҳоло дар пеш навбати дуюм ва сеюми сохтмон истодааст. Аммо барои пурра ба кор андохтани навбати дуюму сеюми ин иншоот шароитҳои вазнини ҳарбӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаб гардид.

Дар мавзеи ҷанубии Тоҷикистон солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-уми асри XX баҳри обёрӣ ва азхудкардани дашти поёноби водии Кофарниҳону Бешкент муборизаи мардумӣ оғоз меёбад. Обёрии водии Бешкент дар он вақт яке аз корҳои бузурги ирригатсионӣ ва мелиоративӣ дар солҳои панҷсолаи даҳум ва ёздаҳум дар ҷумҳурӣ маҳсуб меёфт. Бояд зикр кард, ки ҳанӯз солҳои 50-ум ташкилотҳои ҳизбӣ, шуравӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ, институтҳои ҷустуҷӯӣ ва лоиҳакашӣ масъалаи обёриву азхудкунии ин водии хушку беамалро ба миён гузошта буданд. Аммо дар натиҷаи сохтмонҳои зиёду калони аҳаммияти хоҷагии халқдоштаи ҷумҳурӣ, нокифоя вуҷуд доштани

пойгоҳи моддӣ-техникӣ, кадрҳои баландихтисосу муҳандисӣ ва техникӣ имконияти ба таври комплексӣ обёрӣ ва азхудкардани ин водӣ вуҷуд надошт. Дар ин давра танҳо имконияти бурдани корҳои ҷустуҷӯӣ ва тартиб додани лоиҳаи техникӣ ва иқтисодӣ вуҷуд дошту халос.

Аз охири солҳо 50-ум сар карда, ташкилотҳои обу хоҷагии ҷумҳурӣ бо ёриву мадади муттахассисони шинохтаи Иттифоқи Шуравӣ, як иншооти на он қадар пуриқтидори ирригатсионӣ сохта шуд, ки он ба ибтидои азхудкунии заминҳои бекорхобидаи водии Бешкент асос гузошт. Моҳи майи соли 1959 ба муносибати иншооти ирригатсионии 30 километраи Бешкент КМ ҲК ва Шурои Вазирони Тоҷикистон ба унвони ҳизби ноҳиявии Шаҳритӯс, кумитаи иҷроия, идораи сохтмони №4 ва тресте "Таджикгидрострой" телеграммаи табрикӣ раҳоӣ намуда, дар он онҳоро ба муносибати сохтмони канал, ки хишти аввали обёрии заминҳои навро асос гузошт, табрик намуданд. [46]

Дар натиҷаи пеш аз муҳлат ба кор даровардани канал хоҷагиҳои ноҳияи Шаҳритӯс аллакай дар соли 1959 имконияти азхудкардани 2 ҳазор гектар заминҳои корамро ба даст даровbooарданд.

Корҳои нисбатан васеъ ва комплексии обёрӣ ва мелиоративии водии Бешкент дар солҳои панҷсолаи даҳум оғоз ёфт. Сохтмони иншооти аҳаммияти муҳимми хоҷагии об, иҷтимоӣ, маданӣ –маишӣ дошта, дар қарорҳои анҷумани XXV ҲКИШ ва анҷумани XVIII ҲК Тоҷикистон ба назар гирифта шуда буд. Лоиҳаи обёрӣ кардани водии Бешкент аз ҷониби кормандони Институти "Таджикгипроводхоз" бо

---

[46] БДТН ҶТ.- Ф.3, р. 143, д.. 40. В. 73

сарварии муҳандиси ботаҷриба В. Беляев тартиб дода шуда буд. [47]

Арзиши сохтмони иншооти гидротехникӣ 93, 9 млн. рублро ташкил мекард. Навбати якуми системаи обёрӣ 12 560 гектар ва навбати дуюми он 6300 гектар замини водии Бешкентро дарбар мегирифт.[48]

Дар солҳои паҷсолаи даҳум ба ҳаёт тадбиқ кардани лоиҳаи аз ҷониби Институти "Таджикгипроводхоз"тартиб дода, амалӣ гардида, корҳои обёриву азхудкардани водии Бешкент дар доираи васеъ бурда мешуд. Аллакай дар охири солҳои 70-ум сохтмони сарбанди хоҷагии об ба охир расида, аз он оғози худро каналҳҳои марказӣ гирифта, натанҳо заминҳои навро обшор мекард, балки заминҳои кӯҳнаи кор кардшудаи ноҳияҳои Шаҳртӯсу Қабодиёнро низ аз об таъмин менамуд. Соли 1978 аз 46 километри ба нақша гирифта 32 километри канали асосии Бешкент сохта шуда буд.

Сохтмони канали магистралии Бешкент дар шароити ниҳоят вазнини табиӣ пеш бурда мешуд. Дар сохтмони он саҳми аз ҳама намоёнро коллективи идораи сайёри механиконидашудаи (ПУМР № 39), ки соли 1977 дар ҳайати "Бешкентводстрой" созмон дода шуда буд, гузоштааст.

Дар ҷараёни сохтмони канали калон нарасидани техника, материалҳои сохтмонӣ ва кадрҳои механизаторӣ, муҳандисӣ-техникӣ ва фактҳои тез –тез ба иншооти обёрии дигар сарф кардани техника ба кори иншоот ба таври манфӣ таъсир мерасонд. Дар шоҳроҳи канал қитъаҳое буданд, ки ба қувваҳои иловагии коргарӣ эҳтиёҷ доштанд. Масалан, дар яке аз

---

[47] Тоҷикистони Советӣ. 1976. 16 март.
[48] Тоҷикистони Советӣ. 1976. 16 март.

қитъаҳои дарозиаш беш аз як километр буд, ки мебоист дар ҷои сахту санглох, ки чуқуриаш 20 м. ва бараш 160 метрро ташкил мекард, каналро кофтан лозим буд. Барои ҳамин ҳам дар зарфи якуним сол коллективи тресги "Бешкентводстрой" ва идораи сохтмони "Ёвонводстрой" заҳмат кашиданд. Инчунин, ба ёриву мадади сохтмончиён як гурӯҳи наонқадар калони "Союзвзрывпром" омад. Дар ин корзор зиёда аз 40 мошинҳои заминканӣ, экскаватору булдозерҳо сафарбар карда шуда буд.[49]

Ба камбудиву норасоиҳо нигоҳ накарда коллективи сохтмончиёни номбаргардида дар охири панҷсолаи даҳум сохтмони иншооти канали магистралиро ба итмом расонида, онро ба истифодабарӣ супориданд, бо ҳамин яке аз муҳимтарин давраи корҳои ирригатсионӣ- мелиоративиро дар ҷануби Тоҷикистон ба итмом расониданд.

Дар ҳамин давра дар комплекси иншооти ирригатсионӣ ва азхудкардани заминҳои бекорхобидаи водии Бешкент 2400 сохтмончиён, коркунони муҳандисӣ-техникӣ, намояндагони ҳизбиву шуравӣ, муассисаҳои хоҷагии об, миллату халқиятҳои мамалакат дӯстона кору фаъолият мекарданд. Кору фаъолияти якҷояи онҳо ба он сабаб гардид, ки аз байни коргарони маҳалӣ як зумра коргарони баландихтисос, мутахасисони муҳандисӣ–техникӣ ва кадрҳои таҷрибаноки роҳбарикунунда ба саҳнаи истеҳсолот баромаданд.

Сохтмони чунин корзори бузурги комплексӣ оид ба обёрӣ намудани заминҳои ташналаби водии Бешкент як гурӯҳи пешқадамони истеҳсолотро ба майдон овард, ки номи онҳо дар тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон вирди

---

[49] Коммунист Таджикистана. 1978. 12 ноябр.

забони мардум гардидааст. Ба онҳо қабл аз ҳама номи бригадири васлкунии сохтмон Попов А., бригадири мошини заминкобӣ Акинов В., ронандаи булдозер Бобоев Р. ва бисёр дигаронро ба хотир овардан ҷоиз аст. [50]

Дар натиҷаи меҳнати бисёрсолаи диловаронаи сохтмончиён ва махсусан коллективи трести “Бешкентводстрой” дар охири солҳои 70-ум ва аввали солҳои 80-ум дар резишгоҳи дарёи Кофарниҳон баробари иншооти канали калони сарбанд барпо карда шуд. Об аз сарбанд бо ду канали асосии Бешкент ва Қубодиён ҷорӣ гашта, аввалаш заминҳои навро обшор мекунад ва дуюмаш шабакаҳои обёрии заминҳои кӯҳнаро пурра мекунад. Каналҳои Қибла, Катта ва Ҳаёти Нав дар вақти авҷи гули растанӣ ва алалхусус пахта камбудии обёриро буд мекунанд.

Барои он ки об ба заминҳои наву кӯҳна расад, бояд 24 иншооти калони ирригатсиониро, ки ба ҳар кадоми онҳо зиёда аз 100 ҳазор сӯм маблағ сарф шудааст самаранок истифода бурда шавад.

Дар ибтидои солҳои 80-ум дар водии Вахш канали калони Тошработ сохта шуд, ки ибтидои худро аз неругоҳи Сарбанд гирифта, ҳазорҳо гектар заминҳоро обшор карда, бисёр масъалаҳои хоҷагии обро ҳал мекард. Ин иншооти калони ирригатсионӣ давоми он корҳои бузурги энергетикӣ ва мелиоративие, ки иҷроиши онҳо ҳоло солҳои 50-ум оғоз ёфта буд. Лоиҳаи техникии канали калонро институти “Таджикгипроводхоз”кор карда буд. Дар лоиҳа пешниҳод шуда, ки иншооти канали калон, ки дарозиаш 31,3 км. барои обшори заминҳои нави мавзеи Тошработ равона карда мешавад.

---

[50] Тоҷикистони Советӣ. 1980. 1 июн.

Обанбори канали калони Тошработ дар тарафи чапи неругоҳи Сарбанд ҷой гирифтааст. Ин канали ирригатсионӣ аз аввал саркарда то охир бо семент андова карда шудааст, ба он хотир ки оби канал беталаф ба заминҳои корам рафта расад. Чунин метод роҳи ба таври эҳтиёткорона ва сарфакорона истифода бурдани об ва сари вақт онро дар заминҳи корам истифода кардан хизмат мерасонад. Аз рӯйи лоиҳа тамоми иншооти гидротехникии водӣ бояд автоматӣ карда шаванд.

Дар қисми "Истифодаи техникӣ" дар лоиҳа гуфта шуда буд, ки барои ба таври лозимӣ истифода бурдани техника аз тарафи рости канал роҳи истеъмолӣ сохта, иншооти гидротехникӣ автоматӣ карда шуда, хати алоқа кашида шавад. Нархи сохтмон 3561,12 ҳазор сӯм, аз ҷумла корҳои сохтмонию васлкунӣ 3203,46 ҳазор сӯм. Вақти гардонидани ин хароҷот 13,2 сол муайян карда шуда буд.[51]

Мавқеи муҳимро дар инкшофи ирригатсия ва ҳалли дигар масъалаҳои хоҷагии об ташаккули системаи энергетикӣ ва ирригатсионии Осиёи Марказӣ мебозид. Солҳои 80-ум дар коркарди лоиҳаи "Гипропроект", "Энергосетпроекта", Институти "Гидроводхлопок" ва филиалҳои онҳо, ташкилотҳо ва институтҳои ИҶШС ва Осиёи Марказӣ ба нақша гирифта шуда буд, ки дар сарҳади ин минтақа ташаккули комплекси энергетикӣ ва ирригатсионӣ барпо карда шавад, то ки масъалаҳои иқтисодӣ, техникӣ ва иҷтимоии хоҷагии халқи ҷумҳурияҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва ҷанубии Қазоқистон ҳал карда шавад. Масъалаи барпо кардани чунин комплекс ниҳоят душвор буд ва барои ҳамин ҳам

[51] БВХО ва М. УТ,Ф.27, Д.12,В.826(б), в.97.

ба хулоса омада шуд, ки иҷроиши он давра ба давра ҳаллу фасли худро меёбад.[52]

Масъалаи дигари муҳимми ҳалли вазифаҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ ба таври сарфакорона ва устокорона истифодаи обҳои зеризаминӣ барои обшор намудани ҳазорҳо гектар заминҳои хушку обталаб маҳсуб буд.

Дар солҳои 70-80 уми асри сипаригашта ташкилотҳои хоҷагии об ба масъалаи истифодаи самараноки обҳои зеризаминӣ барои обшор кардани заминҳои нав ва беҳтар кардани ҳолати обталабии заминҳои қаблан ба кор андохта диққати махсус медоданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷою мавқее ҷой гирифтааст, ки обҳои зеризаминӣ ва ба боло рӯй задан ниҳоят фаровонанд, зеро дар ин макон чунин дарёҳои калони Осиёи Миёна  Амударё ва Сирдарё ташаккул ёфтаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд доштани захираҳои фаровони обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ сабаби объективии имрӯз ва минбаъд инкишофи хоҷаги халқ ва қабл аз ҳама заминҳои обёришаванда мебошад. Дар замони имрӯза ва минбаъд ҳам дурнамоии инкишофи маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ чун қаблан дар пешрафти истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ, умуман дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба обёрӣ такя карда, ҷои намоёнро ишғол менамояд.

Дар шароити ҷумҳурӣ баробар тақсим накардани захираҳои об, аҳолӣ, саноат ва истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ, дар баъзе ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар шароитҳои номусоид омадани обу ҳаво кам шудани оби қабати болои замин ҳис карда мешавад. Дар ин

[52] Ҳамон ҷо. - д. 826 (б), в. 97.

ҳолат ҳамчун манбаи сарчашмаи обёрии изофа обҳои зерзаминиро ба кор бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Роҳи аз чоҳҳо кашида баровардани об якбора имконият медиҳад, ки вазифаи дуюми аз он ҳам зиёдтар аҳаммият дошта, яъне беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминро таъмин мекард. Масалан, соли 1977 85 ҳазор гектар заминҳо аз оби зери заминӣ шура заданашон аз имкон берун набуд.[53]

Агар дар ҳамин вақт майдони заминҳои обёришаванда 600 ҳазор гектар бошад, обҳои зеризаминӣ ҳамагӣ 16,6 ҳазор гектар заминро обшор мекард, ё каме аз 3 %-ро ташкил менамуд. Аммо аҳаммияти обҳои зеризаминӣ аз обшор кардани хоҷагии кишоварзӣ дар чанд мавзеҳои табии хоҷагӣ айни муддаост. Инро дар системаҳои обёришавандаи вилоятҳои Ленинободу (ҳоло Суғд), Кӯлоб, мушоҳида карда мешавад, ки дар баъзе мавзеъҳои деҳқонӣ дар ин хусус норасоӣ дида мешавад. Дар ҷумҳурӣ 93 чашма истифода бурда мешавад ки 10 ҳазор гектар заминро бо об таъмин мекард. Шумораи чоҳҳои амалкунанда барои баланд бардоштани заминҳои обёришаванда ва қубурҳои заҳбур дар Тоҷикистон шумораашон ба 900 расид ва имконият медиҳанд, ки 6,6 ҳазор гектар заминро бо об таъмин карда, вазъияти системаҳои обтаъминкуниро дар 13,3 ҳазор гектар беҳтар намуда, дар майдони 36,2 ҳазор гектар қубурҳои заҳбур гузаронида шавад.[54]

Ҳамин тавр, дар зарфи солҳои 60-80-уми асри XX ба баъзе камбудию норасоиҳо нигоҳ накарда, меҳнаткашони Тоҷикистон дар кори амалӣ намудани сиёсати аграрӣ муваффақиятҳои шоёнро ба даст

---

[53] БВХО ва М.- Ф. 27, р.12, д.832, в. 127.
[54] БВХО ваМ. ҶТ.- Ф. 27, р.12, д.832, в. 128.

оварданд. Дар самти сохтмони иншооти бузурги ирригатсионӣ ва гидротехникӣ муваффақиятҳои чашмрас ба даст омад. Як хусусияти махсуси чунин иншооти калон аз он иборат буд, ки асосан онҳо дар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии ҷумҳурӣ бунёд мешуданд, зеро ин иншоот бахши ҷудонашавандаи комплекси ҳудудию истеҳсолии ҷанубии Тоҷикистон буд ва сохтмони иншооти бузурги хоҷагии об сабаби ҳалли баъзе масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маданӣ-маишӣ низ гардид.

# БОБИ II.
# МАВҚЕИ ОБЁРИИ МОШИНӢ ДАР АЗХУДКУНИИ ЗАМИНҲОИ НАВ

Дар солҳои вуҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ ғояи электрикунонӣ дар тамоми қаламрави мамлакат бомуваффақият ба ҳаёт татбиқ гардид. Электрикунонӣ дар истеҳсолоти хоҷагии халқ ва, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ ҳамчун яке аз омилҳои ҳалкунанда маҳкам ҷой гирифта, хусусияти меҳнатро дар деҳот куллан дигар кард ва тарзи зиндагии онро тағйир дод.

Дар шароити имрӯзаи инкишофи ҷомеаи Тоҷикистон неруи барқ дар кулли ҷабҳаҳои истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Дар шароити Тоҷикистон сол аз сол заминҳои тахту ҳамвор кам шуда, васеъ кардани заминҳои нави обёришаванда аз ҳисоби фонди заминҳои доманакӯҳ ва талу теппа ба миён меояд. Барои ҳамин ҳам ҳалли мусбии ин масъала бевосита ба самаранок ва сари вақт истифода бурдани қуваи барқ дар хоҷагии кишоварзӣ ба даст оварда мешавад. Аз ин ҷо дар системаи обёрӣ ва махсусан бо методи механикӣ ба ҷойҳои баландӣ баровардани об, танҳо бо қувваи барқ ба кор андохтани неругоҳҳои пурқуввати насосӣ ва обшор кардани ҳазорҳо гектар заминҳои нав ва то ин дам корам шуда, дар ҷойҳои баландӣ ва назди кӯҳӣ амалӣ карда мешавад.

Дар ин муддат ҳарчи зиёдтар ва васеътар неруи барқ дар кулли ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ истифода бурда мешавад, аз ин лиҳоз имрӯз масъалаи ба таври сарфакорона истифодаи манбаҳои гармидиҳанда ва энергетикӣ ба миён омадааст.

Дар Тоҷикистон солҳои 60-80-уми асри XX наздики ҳазор дарёҳои калон, миёна ва хурд ҷараён доштанд, аз ҳисоби тармаҳо 1,2 ҳазор километри кӯбӣ

об ғун мешудаанд. 60 %-и захираҳои гидротехникии Осиёи Марказиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил меёфт. Аз ин рӯ, имконияти ҳақиқӣ вуҷуд дошт, ки минбаъд дар ин макон якчанд неругоҳҳои барқӣ барпо карда шаванд. Танҳо дар дарёҳои Панҷу Вахш 21 неругоҳҳои барқӣ бунёд карда мешуд.[55]

Баҳри зарурияти истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ, ба корҳои ирригатсионӣ-мелиоративӣ истифода бурдани неруи барқ ба болоравии истеҳсолоти ҷамъиятӣ алоқаи зич дошт. Тавре ки далелу санадҳо, факту рақамҳои боварибахш шаҳодат медиҳанд Тоҷикистон дар миқёси собиқ Иттифоқ оид ба захираҳои энергетикӣ ҷойи дуюмро ишғол мекард ва сол то сол дар ин ҷо истеҳсоли неруи барқ меафзуд. Масалан, дар зарфи 15 сол истеҳсоли электроэнергия 12 миллиард КВС зиёд шуд. Агар соли 1965 истеҳсоли неруи барқӣ 1,6 млиард КВС-ро ташкил карда бошад, ин натиҷа соли 1980 ба 13, 6 млиард КВС расид.[56]

Аз ин ҷо, дар натиҷаи инкишофи шабакаҳои давлатии электрикии калонҳаҷм ва зиёд шудани истеҳсолоти неруи барқӣ дар ҷумҳурияҳои Осиёи Марказӣ ва махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон миқёси обёрии мошинӣ васеъ мегардад. Бо ҳамин, саволи мантиқие ба миён меояд, ки чаро аз байни ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна маҳз дар Тоҷикистон миқёси обёрии мошин зиёд мешавад. Дар ин маврид гап дар сари он меравад, ки аз солҳои 60-уми асри XX дар Тоҷикистон нисбат ба ҷумҳуриҳои номбаршуда қариб захираи заминҳои обёришавандаи табиӣ тамом шуда буданд. Дар ин маврид ягона роҳ ва шаклу методҳои баланд

---

[55] Правда. 1984. 26 ноябр

[56] Народного хозяйства СССР в 1980 году. Стат. ежегодник. - М., 1981.- С. 154.

бардоштани истеҳсолоти хоҷагии кишоварзии Тоҷикистон, ки ба он эҳтиёҷоти зиёд дошт, ба талу теппа ва доманакӯҳҳо бо роҳи техникӣ ва қувваи барқ баровардани об заминҳои наву бекорхобида азхуд ва обёрӣ карда мешуд.

Таҷрибаи таърихӣ комилан дуруст ва ҳамаҷониба нишон дод, ки дар ҳамон айём азхудкардани заминҳои наву бекорхобида дар доманакӯҳу талу теппа бе инкишофи гидроэнергетика ва бе таъмини обу барқ аз имкон берун буд. Каналҳои худҷоришаванда мунтазам ҷои худро ба обёрии сунъӣ медоданд. Барои ҳамин ҳам, ташкилотҳои маҳаллӣ ва болоии хоҷагии об бунёди обанборҳоро пеш гирифта, аз он ҷо обро ба воситаи насосҳои пурқувват ба баландиҳо бароварда, заминҳои навро ба истеҳсоли навъҳои гуногуни хоҷагии кишоварзӣ омода мекарданд.

Дар ҳамин муддат танҳо дар Тоҷикистон майдони обёрии мошинӣ зиёда аз 236 ҳазор гектарро ташкил мекард. Неругоҳҳои насосӣ, ки барои обёрии ҳамин заминҳо хизмат мекарданд, дар муддати як сол наздики ду миллиард килловат соат қувваи барқро сарф мекарданд.

Таърихи оғоз ва инкишофи обёрии мошинӣ, бунёди неругоҳҳои обкашӣ, ки аз ҷиҳати бузургиашон натанҳо дар миқёси Осиёи Марказӣ, балки дар Иттифоқ фарқ мекарданд, дар ҷумҳурӣ аз солҳои 50-уми асри гузашта ибтидо гирифтанд. Инчунин, дар Тоҷикистон дар таҷрибаи ҷаҳонӣ бори нахуст иншооти неругоҳи насосии шинокунанда сохта шуд, ки давраҳо ва дар байнашон хусусиятҳои хоси худро доранд.

Таърихи ташаккул ва инкишофи обёрии мошиниро метавон шартан ба се давраи калон тақсим кард, ки онҳо чунинанд:

Давраи аввал аз барпо шудани Ҳокимияти Шуравӣ то нимаи аввали солҳои 50-ро дарбар мегирад. Ин давра хусусияташ дар он буд, ки дар ин муддат ташаккули дастгоҳҳои насосии обёрии мошинӣ ва бунёду ба кор даровардани неругоҳҳои на он қадар калон, ки дар пояи хоҷагиҳои гидроэлектроникии колхозу байниколхозӣ ба вуҷуд омада буданд. Барои истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ системаи обёрии мошинӣ ва моҳияти вай дар шарити Тоҷикистон кам будани захираи замини корам дида мешуд ва онро қаблан ташкилотҳои мутассадии хоҷагии об муайян карда, роҳҳои ҳалашро мунтазам ҷустуҷӯй менамуданд. Аммо дар солҳои 20-30-юми асри XX шароитҳои хусусияти объективӣ ва субъективӣ дошта барои бунёди электронеругоҳҳои бузурги давлатӣ ва байнихоҷагӣ, яъне таҳкурсии сохтмони иншооти сӯзишворӣ-энергетикӣ вуҷуд надошт. Ба ин нигоҳ накарда ҳанӯз дар охири солҳои 20-ум кумитаи муҳоҷирати дохилӣ ташкил шуд ва дар нимаи дуюми соҳои 30-юм дар Тоҷикистон аллакай идораи обёрии мошинӣ таъсис ёфт. Ҳамагӣ дар ибтидои панҷсолаи сеюм идора 21 бинои насосҳои обкашӣ бо 46 муҳаррикии дарунсӯз, ки қуввати муайяншудаи он ба 1863 тавоноии асп баробар буд, ки дар як сония 9,25 метри кубӣ обро ғун мекард.[57]

Аз ниммаи дуюми солҳои 50-ум давраи дуюми таърихи обёрии мошинӣ оғоз меёбад ва дар асоси электронеругоҳҳои пуриқтидор неругоҳҳои калони обёрии сунъӣ бунёд карда шуд, ки ҳазорҳо гектар заминҳои ташналабро обшор мекард. Дар он замон неругоҳҳои пуриқтидори обкашӣ дар асоси

[57] Джураев С. Машинное орошение в Таджикистане. - Душанбе, 1967, С. 16.

дастовардҳои нави илмиву техникӣ, неругоҳи дар он замон дар Осиёи Миёна калонтарини Қайроққум ва “Баҳри тоҷик”, ки дар шимолии Тоҷикистон барпо карда шуданд, такя мекард.

Давраи сеюми таърихи обёрии сунъӣ (мошинӣ) аз нимаи дуюми солҳои 60 оғоз ёфт, ки аллакай ин система ба ҷузъ Шимолии Тоҷикистон, инчунин дар ноҳияҳои Марказӣ ва ҷанубии ҷумҳурӣ ҳам ҷорӣ гардид ва суръат гирифта буд. Ташаккул ва икишофи обёрии сунъӣ дар ин ноҳияҳо бо сохтмони гурӯҳи якуми қатори неругоҳҳои барқӣ дар дарёи Вахш алоқаи ногусастанӣ дошт. Аллакай аз нимаи аввали солҳои 60 чунин неругоҳҳои барқӣ, ба мисли Шаршара, Марказӣ ва Сарбанд бунёд карда шуданд.

Инкишофи минбаъдаи обёрии сунъӣ дар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии ҷумҳурӣ дар арафаи солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-ум бо ҷараёни ташаккулёбии комплекси территорявӣ-истеҳсолии ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон сахт алоқаманд буд. Дар навбати худ қисми асосии ташаккули ин комплекс иншооти чунин неругоҳҳои барқӣ, ба мисли Норак, Бойғозӣ ва оғози Роғун ба ҳисоб мерафт.

Неругоҳи калони насосӣ, ки аҳаммияти муҳимми хоҷагии халқро доро буд, дар ноҳияҳои Шимолии Тоҷикистон иншо гаштаи  Хоҷабоқирғони идораи системаи обёрикунанда дар майдони Самғор, дар қисми тоҷикии Мирзочӯл ва дашти Дилварзин ҷойгир аст. Ба он монанд иншооти гидротехникӣ дар водиҳои Вахш, Ёвон, Ҳисор, Лоҳур ва дигар мавзеҳои ноҳияҳои Марказӣ ва Ҷанубии Тоҷикистон сохта шуданд.

Барои азхудкардани заминҳои наву бекорхобида ва обёришаванда бештар бо роҳи обёрии мошинӣ, сохтмони якчанд неругоҳҳои электрикии пурқувват дар соҳили дарёи Вахш ва дар он замон калонтарин дар

қаламрави Осиёи Марказӣ неругоҳи электрикии ба номи “Дӯстии халқҳо” ва обанбори Сирдарёи бо номи маълуми “Баҳри тоҷин” аҳаммияти калон доштанд.

Сохтмони обанбори Қайроққум яке аз иншооти бузург буда, аҳаммияти беандозаи хоҷагии халқ дорад. Захираи заминҳои обталаб дар соҳили дарёи Сир 5,3 млн. гектаро ташкил карда, аз соҳили баҳр дар масофаи баланд ҷой гирифтааст.

Системаи обёрии Хоҷабоқирғон яке аз кӯҳнатарин қисми хоҷагии об дар Тоҷикистон буда, аз ибтидои солҳои 30-юм ташкил шуда аст, ки бо ташкилшуданаш ҳамаи таърихи обёрии мошинӣ алоқаманд аст.

Ба ҳайати роҳбарияти системаи Хоҷабоқирғон шуъбаи обёрии мошинӣ амал мекард. То солҳои 50-ум неругоҳҳои насосӣ бо қувваи дизел кор мекарданд, аз ин ҷо онҳо камқувват буданд, зеро ин давраи ташаккули обёрии сунъӣ ба шумор мерафт. Обёрии мошинӣ амалан баъд аз бунёди станясияҳои пуриқтидори электрикии Фарҳоду Қайроққум, неругоҳҳои насосӣ ба воситаи қувваи онҳо ба кор даромаданд.

Дар солҳои 50-ум зарурияте ба миён омад, ки ин системаи калонтарини обтаъминкуниро мебоист васеъ кард. Институти умумиитифоқии давлатии лоиҳакашии сохтмони хоҷагии обу мелиоратсияи (Гипроводхоз), Вазорати хоҷаги кишоварзии ИҶШС вазифадор карда шуд, ки дар кори тартиб додани лоиҳаи обёрии резишгоҳи дарёи Хоҷабоқирғон саҳм гузорад. Лоиҳаи тартиб додаи институт мавриди муҳокима қарор гирифта тасдиқ гардид. Трести “Тоҷикгипрострой” бошад аз ибтидои панҷсолаи шашум сар карда, ба чунин сохтмони беҳамтои гидротехникӣ оғоз намуд.

Дар асос ва қувваи неругоҳҳои электрикии Фарҳод ва махсусан Қайроққум ва манбаи оби "Баҳри тоҷик"корҳои зиёд оид ба обёрӣ ва азхудкардани заминҳои шимолии Тоҷикистон ва ҷумҳурияҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ авҷ гирифт. Масалан, соли 1958 дар "Баҳри тоҷик" дар асоси қувваи неругоҳи электрикии Қайроққум ду неругоҳи электрикии шинокунанда дар Самғору Хоҷабоқирғон сохта шуд ва якумаш обро ба баландии 54 метр ва дуюмаш ба баландии 58 метр бароварда метавонист. Чунин неругоҳҳои насосӣ дар таҷрибаи сохтмонҳои ирригатсионӣ бори нахуст буда, дар асоси "Баҳри тоҷик"ва неругоҳи электрикии Қайроққум бунёд гардиданд.

Баъд аз сохтмони неругоҳҳои насосии номбаршуда оби канали калони Фарғона ба инкишофи минбаъдаи обёрии ноҳияи Конибодом равона шуда, заминҳои дар қисми охири канал ҷой дошта, аз оби Сирдарё ба обёрии мошинӣ гузаронида шуд. Оби озод гаштаи дарёи Хоҷабоқирғон ба заминҳои обёрии худҷорӣ, ки дар сарҳади Тоҷикстону Қирғизистон ҷойгир буд, равона гардид.

Минбаъд васеъ гардидани майдони обёришаванда ва зарурияти беҳтар намудани системаҳои ирригатсионӣ қуввату тавоноии навбатиро талаб мекард. Чунин талоботро ба эътибор гирифта, Институти "Тоҷикгипрострой" соли 1959 дуюмин неругоҳи насосии шинокунандаро бунёд кард ва дар натиҷа қуввати неругоҳҳои насосии шаршараи Хоҷабоқирғон ду маротиба зиёд гардид.[58]

---

[58] Джураев С. Машинное орошение в Таджикистане. - С.24

Хусусияти махсуси ин иншоот аз он иборат буд, ки он дар Осиёи Марказӣ сохтмони аввалин буда, ҳамчун ба сифати зидди чораҳои полоиш дар каналҳои обёришаванда, омехтаи оҳану бетон ба таври васеъ рӯкаш карда мешуд. Дарозии умумии каналҳои рӯкашкарда шуда 145 км ташкил мекард.

Дар ин давра, ба ҷузъ неругоҳи насосии Хоҷабоқирғон, инчунин иншооти гидротехникии бузург ба мисли навбати дуюми неругоҳи обкашии Самғор ва навбати якуми Янтоқ, ки қудрати зиёда аз 10 ҳазор гектар заминҳои нав ва партовиро обшор кардан доштанд, ба кор даромаданд.

Коллективи интернатсионалии “Главголодностепстрой”, ”Таджиктелинстрой» ва «Кайроққумстрой,”дар ҷараёни кор тамоми душвориҳои ба пеш омадаро сарбаландона паси сар карда, бо меҳнати самараноки хеш дар сохтмони неругоҳҳои калони насосии дарёбоди Сирдарё саҳми арзандаи хешро гузоштанд.

Дар охири солҳои 50-ум иншооти неругоҳҳои пурқуввати насосӣ дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон дар соҳаи азхудкунӣ ва обёрии заминҳои наву инкишофи минбаъдаи хоҷагии кишоварзӣ қабл аз ҳама пахтакорӣ муваффақияти бузург ба ҳисоб мерафт. Масалан, дар заминҳои мавзеи Хоҷабоқирғон дар майдони 45 ҳазор гектар кишти пахта ва дигар навъҳои истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ парвариш кардан мумкин буд. Аммо то иншооти неругоҳҳои бузурги насосӣ ва нокифоя будани об танҳо аз се як қисми ин заминҳо имконияти азхудкардан доштанду халос. Бояд иқрор гашт, ки системаи амалкунандаи ирригатсионӣ барои пурра истифодаи сарчашмаҳои об мувофиқ набуд, аз ин рӯ вай азнавсозии ҷиддиро талаб мекард.

Ҳамаи чунин шароитро ба эътибор гирифта дар охири солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-ум корҳои ҷамъбастии хоҷагии об, бо иншооти неругоҳҳои бузурги насосӣ, ки қудрати ҳалли якчанд вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-маданиро доштанд, оғоз гардид. Бунёди неругоҳи насосии нодир дар Хоҷабоқирғон, Самғор ва Дилварзин дар муддати начандон дароз бегуфтугу натиҷаи меҳнати самараноки коргарон, механизаторон ва коркунони муҳандисӣ-техникӣ, ташкилотҳои сохтмонии хоҷагии об дониста мешавад.

Бисёр заҳматкашони беҳтарин, ғолибони мусобиқаи сотсиалистӣ супоришҳои истеҳсолии рӯзонаро мунтазам барзиёд иҷро мекарданд. Дар ҷумҳурӣ ном ва кори бародарон Шайдулинҳо дар ҷараёни сохтмони неругоҳи насосии Янтоқ машҳур гардида буд. Маҳсулноки кори онҳо бо булдозер 1,5 меъёри рӯзонаро ташкил мекард. Бригадаи Иван Сидоренко дар рафти кор меҳнати фидокоронаи хешро нишон дод. Меҳнати пурмаҳсулро инчунин, пармагарон Шарипов, Ҳарисов, васлгарони бригадаи Николаев ва дигарон нишон доданд.

Дар сохтмони навбати дуюми неругоҳи насосии Самғор махсусан кору кирдори пешқадамони истеҳсолот Н. Мирзоаҳмедов, И. Холов шоистаи таъриф буд.[59]

Дар солҳои ҳафтсолаи тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ҷои намоёнро сохтмони хоҷагии об, минҷумла обёрии сунъӣ ишғол мекард. Дар ин солҳо дар назди хоҷагии оби ҷумҳурӣ вазифаи сохтани 87 неругоҳҳои калони насосӣ, кофтани нақби нодир, сохтани новаҳои калон, эҷоди методҳои нави обёрӣ ба воситаи қубурҳои пӯшидаи оҳану бетонӣ меистод. Ҳамаи чунин корҳои

[59] Коммунист Таджикистана. 1959. 30 апр.

минбаъдаи миқёси калон доштаи ирригатсионӣ-мелиоративӣ методи сохтмони саноатиро талаб мекард.[60]

Обёрии мошинии мавзеи Самғор инчунин ба нақша гирифта шуда буд, ки аз оби "Баҳри тоҷик"-и дарёи Сир бо тарҳи минтақкавӣ аз баландии 134 м. об баровардa мешуд. Миқдори умумии мавзеъ наздики 10 ҳазор гектар заминҳои наву қаблан киштқарда шударо ташкил мекард. Қисми асосии ин мавзеъҳоро заминҳои нав азхудкардашуда ташкил карда, аз он соли 1961 зиёда аз 8 ҳазор гектар ба истифода дода шуд.

Корҳои комплексии сохтмонӣ оид ба азхудкардани заминҳои нав дар ниммаи дуюми солҳои 50-ум сар шуда буд. То соли 1962 дар мавзеи Самғор неругоҳ насосии шинокунанда сохта ба истифода дода шуд, ки он дар як сония 11,6 м. кубӣ обро ба боло мебаровард.[61]

Дигар хусусияти махсуси системаи обёрии сунъии Хоҷабақирғон дар ноҳияҳои Шимолии Тоҷикистон аз он иборат буд, ки бо мақсади доимо бо об таъмин кардани заминҳои наву бекорхобида, он мунтазам такмил дода, зиёд карда ва таъмиру таҷдид намудан лозим аст. Бо чунин мақсад дар ибтидои солҳои 60-ум ба дӯши коллективи идораи сохтмону васлкунии № 8 трести "Таджикстрой" вазифа гузошта шуд, ки дар як муддати кутоҳтарин корҳое иҷро карда шавад, то ки дастгоҳ ва ба кор даровардани як агрегати насоси изофагӣ барои неругоҳи шинокунандаи Хоҷабақирғон таъмин карда шавад.

Коллективи Идораи сохтмону васли № 8 мусобиқаи сотсиалистиро ба роҳ монда дар муддати

---

[60] Касимов А., Хамраев М. Асари зикршуда.- С. 163.
[61] БМД ҶТ.- Ф.1613, 1, д.348, 6.16.

кӯтоҳ як агрегат не, балке чор агрегати насосро бо қубурҳои фишордор пайваст карданд ва он имконият дод, ки қобилияи об бардоштанро ба ҷои дар як сония 1,6-1,7 м. квадратӣ, ба 5-6 м. квадратӣ зиёд намуд.[62]

Таъмиру таҷдиди иловагии иншооти нави агрегатҳо ва дастгоҳҳо дар шаршараи неругоҳи насосии Хоҷабоқирғон дар муддати наонқадар дароз майдони 18,5 ҳазор гектар заминҳои ҳосилхез бо об таъмин шуданд ва ин имконият дод, истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ ва қабл аз ҳама навъи даромадноки он пахтакорӣ баланд бардошта шавад.[63]

Ба ҷузъъ ин, соли 1965 неругоҳи насосии Деҳмой қисман ба кор даромад, ки он ҳам ба системаи обёрии Хоҷабоқирғон дохил мешуд. Дар ҳамин вақт ба ин системаи обёрӣ аллакай 13 неругоҳҳои калони насосӣ дохил гашта буданд, ки дар роҳи инкишофи истеҳсолоти хоҷаги кишоварзӣ дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон мавқеи намоёнро ишғол мекард.

Сохтмон ва азнавсозии шаршараи неругоҳҳои насосии системаи обёрии Хоҷабоқирғон ба ҷузъ аҳаммияти иқтисодӣ, инчунин аҳаммияти калони иҷтимоӣ- маданӣ дошт. Маҳз сохтмони дар он замон мураккаб ва комплексии иншооти ирригатсионӣ ва мелиоративӣ сабаби ба вуҷуд омадани шумораи зиёди пешқадамони истеҳсолот, ғолибони мусобиқаи сотсиалистӣ ва махусан аз байни собиқ колхозчиён ва дигар меҳнаткашони деҳот тайёр кардани кормандони муҳандису техникҳо, коргарони баладихтисос гардид.

Ба ғайр аз чунин сохтмонҳо, ки бо хусусияти худ иншооти интернатсионалӣ дошт ва намондагони миллату халқиятҳои гуногун, ки аз дигар гӯшаву

---

[62] Ҳамон ҷо.- д. 200, в. 53.
[63] Ҳамон ҷо.- д. 200, в. 53.

канори мамлакат баҳри расонидани ёрӣ ба меҳнаткашони Тоҷикистон дар кори сохмони станияҳои насосӣ ихтиёран ба ин ҷо омаданд, сабаби бо ҳам наздик шудани онҳо гашт. Ба чунин пешқадамони истеҳсолот, ватандӯсту ташаббускорон метавон коллективи бригадаи Ғафоров, Гадобоев, Якубовский, Чумаченко ва ронандагони экскаваторҳо Қобилов, Сислов, Исматов ва бисёр дигаронро номбурдан ҷоиз аст.[64]

Дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон дар натиҷаи иншооти неругоҳҳои пурқуввати насосӣ дар ибтидои солҳои 60-ум майдони обёрии мошинӣ бо тезӣ афзуда буд. Масалан, дар соли 1953 агар майдони обёрии мошинӣ дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 3,5 ҳазор гектарро ташкил карда бошад, ин рақам соли 1962 ба 67, 4 ҳазор гектар омада расид, яъне зиёда аз 19,2 маротиба афзуд.[65]

Чунин факту рақамҳо ба он шаҳодат медиҳанд, ки дар ин давра обёрии мошинӣ ниҳоят тез тараққӣ кард, ки ба ин ҷараён бевосита иншооти неругоҳи барқи обии Қайроққуми "Дӯстии халқҳо" ва "Баҳри тоҷик" сабаб гардид.

Дар нақшаҳои минбаъдаи азхудкардани 500 ҳазор гектар замин қариб 70% ба воситаи насосҳои барқӣ обро ба заминҳо бароварда мебоист обшор кард. Соли 1980 шумораи чунин неругоҳҳои калони насосӣ ба 190 расонида шуда, қуввати двигателҳои барқӣ зиёда ба 1 млн. квс-ро ташкил мекард.[66]

Омили асосии инкишофи обёрии сунъӣ ва ё мошинӣ дар шароити камзаминии Ҷумҳурии Тоҷикистон иншооти хоҷагии обро бо техникаи

---

64 Коммунист Таджикистана. 1964. 7 июля.
65 БДМ ҶТ.- Ф. 1613, оп.1, 343, л. 32.
66 Коммунист Таджикистана. 1964. 13 окт.

замонавӣ таъмин кардан аст. Прогреси илмӣ-техникӣ барои минбаъд инкишофи бо роҳи техника обро ба баландиҳо бароварда, заминҳои дар гузашта партовӣ, кӯҳӣ ва назди кӯҳиро аздуд кардан зарур буд. Бояд зикр кард, ки дар ибтидои солҳои 60-ум нисбат ба солҳои пештара технкаи хоҷагии об тез инкишоф ёфт. Масалан, соли 1964 ташкилотҳои хоҷагии об дар ихтиёрашон наздики 600 экскаваторҳои пурқуввати ватанӣ, булдозерҳо, мошинҳои заминканӣ доштанд, ки дар натиҷа тамоми корҳои заминӣ, васлкунии ҳаргуна корҳои конструксияи оҳану бетонӣ бо техника иҷро карда мешуданд. Аз се як қисми тайёр кардани санг, қум, сангмайда ва тайёр кардани бетон механиконида шуда буд.[67]

Баробари ҳамаи чунин муваффақиятҳо бояд изҳор кард, ки дар ин давра дар иҷрои чунин масъалаи мубрам, яъне бо таври маданӣ истифода бурдани системаҳои обёрикунанда дар ҷумҳурӣ камбудиҳо вуҷуд доштанд. Маълум, ки давлат ҳар сол барои истифодаи васеи системаҳои обёрӣ маблағи зиёд ҷудо мекард. Таҷрибаи таърихӣ нишон дод, ки ташкилотҳои ҳизбӣ, хоҷагиҳои обёрикунанда оид ба корҳои ирригатсионӣ-мелиоративӣ зуд-зуд дар фаъолияти хеш ба истифодаи мадании системаҳои обёришаванда ба камбудиву норасоиҳо роҳ медоданд. Системаҳои обёришаванда сарфакорона истифода бурда намешуд ва беҳуда аз даст додадани захираҳои об ба давлат хисороти зиёди моддӣ ва равонӣ меовард.

Гузаронидани корҳои фоидавари хоҷагии об, махсусан ба низом даровардани ҷараёни он дар вақти мавсимӣ ба нақша гирифта шуд. Бо мақсади бо роҳи

[67] БВХО ва М. ҶТ. - Ф.27, оп.12 д.481, в.55.

баланд бардоштани маданияти истифодаи системаи ирригатсионӣ аз соли 1962 то соли 1965 дар ҷумҳурӣ автоматикунонии 24 неругоҳҳои обкашӣ, аз он ҷумла дар ибтидои солҳои 60-ум ба раванди телемеханикӣ 12 неругоҳ омода карда шуд.

Дар натиҷаи сохтмонҳои пуриқтидори хоҷагии об дар солҳои 60- ва ибтидои 70-ум системаи обёришавандаи Хоҷабоқирғон, ки дар гузашта як системаи ғайримуҳандисӣ буд, ба яке аз системаи обёришавандаи Тоҷикистон мубуддал гашт. Ин системаи обёришаванда заминҳои калонтарини ноҳияҳои пахтакори Тоҷикистони шимолӣ, ба мисли Хуҷанд, Пролетар ва Новро обшор менамуд. Ҳамагӣ ин система дар ҳамин муддат наздики 60 ҳазор гектар заминро бо об таъмин мекард, ки аз он 30 ҳазор гектар замин барои пахтакорӣ буд. Ба таври сунъӣ соли 1971 35 ҳазор гектар замин обёрӣ мегашт.[68]

Системаи обёрикунандаро насосҳои калонтарини Хоҷабақирғон, Самғор, Деҳмой ва ғайра хизмат мекарданд.

Дар мусобиқаи сотсиалистӣ системаи обёрикунандаи Хоҷабоқирғон якчанд маротиба ғолиби он гашта, соҳиби Байрақи Сурхи КМ иттифоқи касабаи Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об ва мукофоти пулии ҷумҳурӣ шуд. Соли 1977 ин система ба унвони "Муассисаи маданияти баланди истеҳсолот" соҳиб гардид. Системаи обёрии Хоҷабақирғон соли 1984 аз рӯзи таъсисаш 80 сол сипарӣ шуда, дар фаъолияти меҳнатии ин муасиссаи пурқудрати истеҳсолӣ сохтмонҳои бузургӣ обёрии сунъиро ба кор дароварда, дар ин муддат ин ташкилот барои инкишоф ва истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ ва тараққиёти

[68] БВХО ва М. ҶТ. - Ф.27, оп.12 д.481, в.55.

иҷтимоӣ- иқтисодии Тоҷикистон саҳми босазое гузоштааст. Дар солҳои 60-уми асри сипаришуда дар Тоҷикистон обанборҳои калон бунёд карда шуда, дар асоси онҳо неругоҳҳои барқӣ сохта шуда, имконияти калони минбаъдаи обёрии мошинӣ пайдо гардид. Дар асоси неругоҳҳои калони барқӣ системаи обёрии Хоҷабақирғон ба яке аз ташкилоти калони ҷумҳурӣ табдил ёфт.

Корҳои сохтмонӣ оид ба иншооти гидротехникӣ, аз он ҷумла неругоҳҳои насосӣ дар солҳои 70-ум ва ибтидо 80-ум дар миқёси васеъ идома меёфт. Дар ин солҳо чунин неругоҳҳои пуриқтидори обкашӣ ба мисли Сангисафед, Рухок, Сурхчатоб, Шавқат, Хоҷабақирғон-3 ва 4, Деҳмой, Сетеппа ва ғайра сохта шуданд, ки дар натиҷа майдони заминҳои обӣ 17 ҳазор гектар афзуд.[69]

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар зарфи 50 сол дар муддати роҳбарияти системаи обёрии Хоҷабоқирғон заминҳои обёришаванда чор маротиба зиёд гашт, ки дар ҷумҳурӣ соҳаи истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ ба муваффақиятҳои калон соҳиб гашт.

Дар ин давра шабакаҳои механиконидашудаи обёрӣ ба 372, 3 км. расид, ки аз он 251, 4 км. бетонпӯш шуд. Ба ҷузъ ин 6161, 2 км. каналҳои дохили хоҷагӣ вуҷуд дошта, 275,5 км. бетонпӯш шуда буданд.[70]

Дар ҷараёни иншооти хоҷагии об як зумра кадрҳои муҳандисӣ- техникӣ ба воя расиданд, аз онҳо метавон шахсоне, ки солҳо дар системаи роҳбарии обёришавандаи Хоҷабоқирғон кору фаъолият карда, мақбули халқ гаштаанд, аз ҷумла А. Неъматов, Н.Д. Свириденко, Н. Елкин, Т. Шарифов, А Аҳмадов, Р.

---

[69] Тоҷикистони Советӣ. 1984. 17 июн.
[70] Ҳамон ҷо.

Бобоҷонов ва дигаронро ба некӣ ба забон гирифт, ки номашон дар тамоми ҷумҳурӣ маълуму машҳур гардид.

Кормандони системаи обёрии Хоҷабақирғон чандин маротиба иштирокчӣ ва ғолибони мусобиқаи сотсиалистии умуммииттифоқӣ буданд.

Дар ин коллектив борҳо бо таври васеъ мусобиқаи сотсиалистӣ ба роҳ монда шуд. Барои меҳнати шуҷоатмандона 12 нафар пешқадамони истеҳсолот бо мукофоти давлатӣ қадр карда шуданд, яъне нишони "Зарбдори панҷсолаи даҳум" ва 74 шахс "Ғолибони мусобиқаи сотсиалистӣ" дониста шуда, 4 нафар аз онҳо ба унвони "Мелиоратори хизматнишондода" сазовор гардиданд.[71]

Дар охири солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-ум масъалаи муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, яъне бо кадом роҳу воситаи самарабахш ва нисбатан арзон даштҳои Дилварзинро обшор бояд кард, масъалаи муҳимме ба пеш омад. Заминҳои нави аз сатҳи баҳр хело баланд ҷойгир бударо бо роҳи оби худҷорӣ азхуд карда намешуд. Аз ин рӯ, чунин вазъиятро ҳамаҷониба таҳлилу тадбир карда, роҳбарияти системаҳои ирригатсионӣ, муҳандисону мутахассисон ба хулосае омаданд, ки танҳо ин масъала бо роҳи бунёди неругоҳҳои пурқудрати насосӣ ҳалу фасл кардан имконпазир аст.

Сарчашмаи асосии бо обу энергетика таъмин кардани иншооти гидротехникӣ обанбори Қайроққум ва неругоҳи "Дӯстии халқҳо"-и Сирдарё, ки дар он замон ҳамчун сохтмони интернатсионалӣ машҳур буд, ба ҳисоб мерафт. Масалан, дар иншооти неругоҳи "Дӯстии халқҳо" даст ба даст ва бо тамоми қувваю матонат намояндагони зиёда аз 37 миллату халқиятҳои

---

[71] БВХОваМ ҶТ. - Ф.27, оп. 12, д.. 1760, л. 49.

Иттифоқ саҳмгузор буданд. Аз ин рӯ, сохтмончиёни ин иншооти аср бо хоҳиши том ва ягона ба он номи “Дӯстии халққо” гузоштанро талаб намуданд. Дар ин иншооти бузург соли 1960 ҳамон миқдор неруи барқӣ истеҳсол карда шуд, ки он нисбат ба истеҳсоли энергетикаи кишвари Туркистон дар соли 1913 ҳафт маротиба зиёд буд.[72]

Муҳандисон ва ирригаторон, намояндагони халққои собиқ Иттифоқ дар ҷараёни иншооти хоҷагии об ва, аз ҷумла неругоҳҳои насосҳои пуриқтидор малака ва маҳорати намояндагони аҳолии таҳҷоиро оид ба сохтмони иншотҳои ирригатсионӣ ҳамаҷониба баланд бардошта, сабаби ташаккулёбии коркунони муҳандисӣ ва техникии коргарони милатҳои маҳаллӣ гардиданд[73]. Чунин дигаргунӣ бевосита сабаби тезонидани сохтмони иншооти хоҷагии об гардид. Масалан, дар ибтидои соли 1960-ум дарозии умумии шабакаҳои обёрикунандаи ҷумҳурӣ ба 40 ҳазор км. расид.[74]

Дар Тоҷикистон дар рафти иншооти калон ва аз лиҳози инженерӣ ниҳоят мушкили неругоҳҳои электрикии насосӣ таҷрибаи бой ғун шуда буд. Дар охири моҳи апрели соли 1959 ба ҷузъ дигар неругоҳҳои пуриқтидори насосӣ (ба мисли навбати дуюми Хоҷабоқирғон ва Самғор) неругоҳи аввали насосии Янтоқ сохта ва ба истифода дода шуд. Дар сохтмони ингуна иншооти бузург ва ниҳоят дар он вақт муҳимми ирригатсионӣ ва мелиоративӣ мавқеи ҳалкунандаро сохтмончиён ва васлгарони “Главголодностепстрой,” ”Таджикцелинстрой” ва “Қайроққумстрой” бозиданд.

[72] Коммунист Таджикистана. 1960 . 34 апр.
[73] Коммунист Таджикистана. 1960 . 34 апр.
[74] Коммунист Таджикистана. 1960 . 34 апр.

Коллективи чунин ташкилоти хоҷагии об дар як муддати на чандон дароз корҳои зиёди ҳаҷман калонро ба сомон расониданд, аз ҷумла зиёда аз ду миллион метри кубӣ хокро берун баровარданд, трубопроводи дарозияш дукилометраро ба замин ҷой карда, канали калон бунёд намуданд ва ба ин монанд садҳо иншооти дигари ирригатсиониро ба кор даровარданд. Дар иншооти хоҷагии об 38,1 ҳазор метри кубӣ, танҳо барои корҳои бетонӣ сарф карда шудааст.[75]

Дар миёни соли 1959 сохтмони дуюми неругоҳи насосии Янтоқ оғоз ёфт. Ин иншооти хоҷагии об аз байни коргарон бисёр ташаббускорон, пешқадамон ва ғолибони мусобиқаи сотсиалистиро ба майдони ҳарбу зарбӣ меҳнатӣ баровард. Пеш аз ҳама аз байни онҳо метавон номи ронандаи булдозер Станислав Попов, ки яке аз ташаббускори пешқадам буд, ба забон гирифт. Дар муддати як шабона рӯз бо булдозераш то 500 метри кубӣ хокро омехта мекард, ки то ин дам ин ҳаҷми корро дар таҷрибаи меҳнатӣ ягон кас накарда буд. Бо кори самараноки хеш инчунин машинист К. Толстопятов, пармагарҳо И. Тошев, А. Давидов ва Х. Ҳасаналиев аз дигарон фарқ мекарданд.

Сохтмони неругоҳи дуюми насосии Дилварзин ба колхозҳои ба номи В. Ленин ва К. Маркси ноҳияи Масчоҳ имконият дод, ки якуним ҳазор гектар заминҳои ҳосилхез обшор карда шавад. [76]

Моҳи майи соли 1960 неругоҳҳои насосии Самғор, Янтоқ ва неругоҳи насосии муваққатии қисми Мирочӯли Тоҷикистон пеш аз мӯҳлат ба кор даровარда шуд. Ин ба колхозҳои вилояти Суғд имконият фароҳам овард, ки наздики шаш ҳазор гектар заминҳои наву

[75] Коммунист Таджикистана. 1959. 30 апр.
[76] Коммунист Таджикистана. 1960.29 апр.

бекорхобида обшор карда шавад. Ҳамин тавр, дар асоси неруи барқ дар муддати кӯтоҳ дар ин ҷо якчанд неругоҳҳои калони насосӣ ва каналҳои обёрикунанда бо дарозии наздик 700 км. сохта шуд.

Обёрии мошинӣ барои азхуд намудаи майдони калон имконият дод, то ки ду ноҳияи нави пахтакории ояндадори Масчоҳ ва Хуҷанд ташкил шавад. Хусусияти махсуси азхуд ва обёрии навбати якуми дашти Дилварзин, ки дар ҳайати системаи канали Дилварзини боло аз он иборат буд, ки ин заминҳо минбаъд бо роҳи барқӣ об дода мешуданд. Заминҳои нав дар ду майдони Дилварзину Янтоқ ҷойгир буд, ки майдони умумии заминҳои обёришаванда 16,5 ҳазор гектарро ташкил мекард. Аз ин шумораи замин 5,1 ҳазор гектараш бо роҳи худҷоришавии об ва 11,4 ҳазор гектараш ба воситаи обёрии мошинӣ равона шуда буд.[77]

Дар шароити камзаминӣ ягона роҳи беҳтарини баромадан аз ҳолати душвор аз он иборат буд, ки заминҳои доманакӯҳ чун қаблан бо роҳи васеъ истифода бурдани обёрии мошинӣ аз худ карда мешуданд. Агар соли 1959 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 30 неругоҳҳои насосӣ бо 107 агрегат кор карда, бо чунин қувва 30, 6 ҳазор гектар заминро обёрӣ карда бошанд, соли 1966 шумораи онҳо то ба 223 бо 458 агрегат ва шумораи заминҳои бо роҳи механикӣ обёришуда ба 74,1 ҳазор гектар расид.[78]

Масъалаи инкишофи минбаъдаи электрокунонӣ ва онро дар хоҷагии кишоварзӣ барои васеъ кардани обёрии механикӣ истифода бурдан дар анҷумани XIV Ҳизби коммунистии Тоҷикистон аҳаммияти калон дода

---

[77] БМД ҶТ. - Ф.1613, оп. 1, д. 318, л. 15.
[78] БМД ҶТ. - Ф.27, оп. 12, д. 324, л. 109.

шуд. Ба ақибмонии ҳалли чунин масъалаи муҳимми хоҷагии халқ анҷуман дар назди ташкилотҳои сохтмонӣ, коркунони инженер-техникӣ вазифаи қатъӣ гузошт, ки неругоҳҳои калони барқӣ сари вақт, босифат, махсусан дар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон ба анҷом расонида шаванд. Сохтмони неругоҳҳои пуриқтидори энергетикӣ ҷараёни ташаккули комплекси территориявӣ- истеҳсолии Ҷанубии Тоҷикистонро тезонда, бо мақсади бо роҳи механикӣ ба баландӣ баровардани об ва азхудкардани заминҳои наву бекорхобида замина ба вуҷуд меорад. Ба ҷузъ ин анҷуман дар қарорҳои хеш ташкилотҳои дахлдорро вазифадор кард, то ки солҳои 1962 ва 1963 55 ҳазор гектар заминҳои обёришаванда азхудкарда шавад.[79]

Ҳанӯз дар охири солҳои 50-ум институти "Гипроводхоз"-и Вазорати хоҷагии кишоварзии ИҶШС лоиҳаи обёрии мошинии қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯлро дар майдони зиёда аз 39 ҳазор гектар тайёр намуд. Дар лоиҳа роҳи васеъи сохтмони ирригатсионии бо оҳану бетон рӯйкаш намудани каналҳо пешниҳод шуд, ки метавонист системаҳои обтақсимкуниро ба танзим оварад.

Пешомад ва дурнамои азхуд ва обшор кардани заминҳои қисми тоҷикистонии Мирзочӯл дар миқёси ҷумҳурӣ як иншооти бузург буд ва аз ин лиҳоз ҳукумат ва ташкилоҳои салоҳиятдор ба ин қисми кор диққати махсус доданд. Дар солҳои ҳафтсолаи тараққиёти хоҷагии халқи Тоҷикистон дар майдони 25 ҳазор гектар заминҳои нав корҳои ирригатсионӣ - мелиоративӣ иҷро карда мешуд, сохтмони ду неругоҳи

---

[79] X1V съезд Коммунистической партии Таджикистана.Стен. отчет.- Душанбе 1962.- С. 336.

электрикунонидашудаи насосӣ ба нақша гирифта шуд, ки қудрати обро бо баландии то 20 м. бароварда метавонист. Бо иштирок ва мадади намояндагони ҷумҳуриҳои иттифоқӣ меҳнаткашони Тоҷикистон корҳои комплексӣ оид ба бунёди иншооти ирригатсионӣ- мелиоративӣ ва азхудкунии заминҳои нави Мирзочӯл ба сомон расониданд. Сохтмон бо суръати тез мерафт ва дар байни коргарон ташаббусу болоравии меҳнатӣ ҳукмфармо буд.

Танҳо соли 1959 дар ин ҷо 140 клубу ошхона, ҳаммом, яслии кӯдакона ва мағозаҳо бунёд шуданд. Дар шаҳраки нави коргарӣ водопровод, қувваи барқӣ гузаронида, кӯчаҳои замонавӣ бо раҳгузарҳо пайдо шуда симои онро рӯшан мекарданд.[80]

Соли 1959 тресті "Таджикцелинстрой", ки ба уҳдаи он вазифаи азхудкардани комплекси қисми тоҷикии дашти Мирзочӯл гузошта шуда буд, ба корҳои роҳбарикунандаи ин иншоот 98 нафар коркунони инженер-техникӣ пешниҳод гардид, ки ин сабаби беҳтару тезтар иҷро намудани вазифаҳои дар назди онҳо гузошта шуд. Ташкилотҳои ҳизбӣ ва шуъбаи кадрҳои трест ҳамаҷониба таркиби коркунони инженер-техникӣ ва дигар коргаронро омӯхта, баҳри бомуваффақият ва сари вақт иҷро кардани нақшаҳои кашида, одамони таҷрибанок, ташкилотчӣ ва мутахассисонро интихоб менамуданд. Танҳо соли 1959 ба кори идораи сохтмонӣ - васлкунӣ 110 мутахассисони маълумоти олӣ ва миёнаро сафарбар карда шуд.[81]

Яке аз омилҳои бомувоффақият иҷро намудани ҳаҷми ниҳоят калони аз худ намудани навбати якуми

---

[80] Коммунист Таджикистана.1960. 26. Март.
[81] Парпиев С. М. Орошение Голодной степи. - Душанбе, 1965, С. 41.

қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯл (бештар обёрии мошинӣ) мунтазам васеъ гардидани дар он вақт маъмули мусобиқаи сотсиалистӣ маҳсуб буд. Намунаи меҳнати фидокорона ва қаҳрамононаро дар тамоми ҷабҳаҳои меҳнат аъзоёни бригадаи комсомолии М. Каримов, сохтмончиён В. Кривошеев, Ф. Шарифов , Д. Тоҷибеков, Г. Давидов ва бисёр дигарон нишон доданд.

Дар натиҷаи меҳнати диловаронаи сохтмончиён дар муддати нисбатан кӯтоҳ даштҳои хушку беодам ба шаҳраки замонавии коргарӣ, тарзи зиндагии шаҳрӣ ва маркази иншооти хоҷагии обу маданӣ –маишӣ ва ба аввалин пешсафони азхудкунии дашти Мирзочӯл табдил дода шуд.

Дар ин давра объекти обёрии асосӣ иншооти неругоҳҳои насосӣ ба ҳисоб мерафт. Дар назди коллктиви коргарони сохтмон танҳо барои бунёди навбати аввали неругоҳи насосӣ 1,8 млн.метри кубӣ хокро аз чуқурӣ берун баровардан лозим буд. Ин сохтмон пешқадамони зиёди истеҳсолиро ба майдон баровард, ки онҳо дар таърихи обёрии мошинӣ ва умуман азхудкунии дашти Мирзочӯл ҷои фахриро ишғол намуданд. Ба онҳо метавон номҳои техникони корҳои таркандагӣ А. Бойко, устоҳо Э. Степанян ва Н. Муканов, экскаваторчӣ Г. Юлдошев, бригадири мошинҳои заминканӣ А. Келлер, устои участка Кожемякин ва бисёр дигаронро номбар кард.

Ин сохтмони калони хоҷагии об аз дигар иншооти гидротехникӣ бо он фарқ мекард, ки ба он техникаҳои аз ҳама пурқувват аз марказҳои асосии саноатии мамлакат оварда мешуд. Танҳо дар ибтидои сохтмон ба қисми тоҷикии дашти Мирзочӯл 17 экскаватор, 29 мошини заминканӣ, 11 булдозер,

мошинҳои зиёд ва дигар техникаи сохтмонӣ аз марказ фиристонида шуд.[82]

Пас аз чор сол, яъне соли 1964 дар ин ҷо 112 экскаватор, 698 автомобил ва зиёда аз 100 намуд техникаи заминканӣ кор мекард. Аз соли 1965 механизмҳо асосан ба таври комплексӣ истифода бурда мешуд, ки ин ҷараён рафти сохтмони саноатикунониро нишон медод.[83]

Дар ибтидои нимаи дуюми солҳои 60-ум дар ҷумҳурӣ 72 неругоҳҳои давлатии пуриқтидори насосӣ барпо карда шуданд, 200 дастгоҳҳои миёна ва хурди кооперативҳо вуҷуд доштанд, ки ба заминҳо оби зиёдро бароварда, зиёда аз 100 ҳазор гектар заминҳои домана кӯҳ обшор карда шуд.[84]

Меҳнати диловаронаи сохтмончиён, коркунони инженер-техникӣ ва роҳбариати коллектив оид ба обёрӣ ва азхудкардани қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯл аз ҷониби ҳизби коммунистӣ ва давлати шуравӣ ба онҳо баҳои сазовор дода шуд. Ба муваффақиятҳои шоёни ба даст овардаи сохтмончиён ва кормандони инженер-техникӣ оид ба дар ҳаҷми калон иҷро намудани нақшаи иншооти сохтмони комплексии обёрӣ ва азхудкардани қисми тоҷикистонии дашти Мурзочӯл бо амри Раёсати Шурои Олии ИҶШС аз ноябри соли 1966 бо ордени Ленин 3 нафар, Ордени Сурхи Меҳнат 8 - нафар, ордени “Нишонаи фахрӣ”-14 ва медал “Барои меҳнати шоён”-17 нафар мукофонида шуданд.[85] Ба ҷузъ ин, 68 нафар

---

[82] Коммунист Таджикистана. 1960. 10 июн.
[83] Қосимов А., Ҳамроев М. Асари зикршуда.-С.171.
[84] БМД ҶТ.- Ф.27, оп. 12, д. 324, л.48.
[85] Коммунист Таджикистана. 1966. 7 ноябр.

сохтмончиён бо грамотаи Фахрӣ ва гарамотаи Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон сарфароз гардиданд.[86]

Дар солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-уми асри XX дар Тоҷикистон обёрии мошинӣ ва ё сунъӣ яке аз омилҳои муҳимми инкишофи минбаъдаи хоҷагии кишоварзӣ ва махсусан соҳаи асосии он пахтакорӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ҳамин давра обёрии мошинӣ инчунин, дар ноҳияҳои кӯҳӣ низ ба кор бурда мешуд. Неругоҳҳои пурқуввати насосӣ дар ноҳияи Панҷакент сохта шуда, дар назди деҳаи Ёре 3500 гектар заминҳоро обшор мекард. Бо роҳи электро- механикӣ аз дарёи Зарафшон баровардани об имконияти ин миқдор заминро азхуд ва обёрӣ кардан ва ҳосили дилхоҳ ба даст даровардан ба вуҷуд омада, дараҷаи иқтисодӣ ва маданӣ - маишии деҳотиён баланд бардошта мешуд. Фермаи механикунонидаи чорвои калон ташкил гардаида, шумораи он ба 800 сар расид. Баробари ин қариб 1000 гектар замин барои боғу ангурпарварӣ ҷудо карда шуд. Ба замми ҳамаи ин боз барои 5000 аҳолӣ посёлкаи нави таҷҳизонида шудаи ҳозиразамон сохта шуд.[87]

Пас аз қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯл дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон дуюмин аз лиҳози бузургӣ ва ҳаҷм, комплекси азхудкунӣ ва обшор кардани Ашти Калон маҳсуб буд, ки ташкилотҳои обухоҷагӣ дар ниммаи дуюми солҳои 70-ум ба ин кор сар карданд. Дар ҳамин муддат дар ин ҷо ҳамаи заруриятҳо ва заминаҳои азхудкардани заминҳои нав ва обёрии онҳо ба вуҷуд омада буд. Барои азхудкардани ҳазоҳо гектар заминҳои наву бекорхобидаи Ашти Калон, ки дар соҳили рости дарёи

[86] Коммунист Таджикистана. 1964. 1 авг.
[87] Тоҷикистони Советӣ. 1973. 14. Янв.

Сир ва доманаи кӯҳ ҷойгир буда, аз лиҳози ирригатсионӣ ва мелиоративӣ иншооти ниҳоят мураккаб ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, ин иншооти обу хоҷагӣ маблағи зиёд, коркунони таҷрибаноки техникӣ ва сохтмончиёни пуртаҷрибаву кордонро талаб мекард.

Аз сабаби он ки дар ҷумҳурӣ сохтмони дигар иншооти калони хоҷагии об идома дошта, воситаи зиёди моддӣ-молиявӣ, коркунони инженерӣ ва техникӣ, кадрҳои пуртаҷрибаи коргариро талаб мекард, масъалаи азхудкунӣ ва обёрии Ашти Калон ба таъхир андохта шуд.

Танҳо вақте ки дар ҷумҳурӣ имконияти ҳақиқии ҷудо намудани маблағи кифоя ба вуҷуд омад, дар он сурат дар солҳои 70-ум раванди васеи азхудкунӣ ва обшори заминҳои дар гузашта коркарднашуда ва бекорхобида оғоз меёбад.

Барои фатҳи заминҳои бекорхобидаи Ашти Калон трести "Ленинабадводсовхозстрой" ташкил ёфт, ки баъд ба идораи "Таджикводвхозстрой" ҳамроҳ карда шуд. Аз ин ҷо ин сохтмони ирригатсионӣ-мелиоративӣ номи Ашти Калонро ба худ гирифтааст.

Дар муддати ҳамон солҳо дар корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ, минҷумла обёрии мошинӣ дар Ашти Калон, масъалаҳои зиёди ҳалношуда вуҷуд доштанд, ки маблағу қувваи зиёди кориро талаб мекард.

Дар солҳои 60-ум ва нимаи аввали солҳои 80-ум дар Тоҷикистон, алалхусус дар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубӣ, сохтмони неругоҳҳои пуриқтидори барқии сатҳи ҷумҳуриявӣ дошта ба таври васеъ ба роҳ монда шуда буд, ки он барои минбаъд инкишоф додани шабакаи обёрии мошинӣ ҳидоят менамуд. Сохтмони неругоҳҳои пурқуввати барқи обӣ ба ҷараёни ташаккул ва инкишофи комплекси территориявӣ-истеҳсолии

Тоҷикистони Ҷанубӣ алоқаи зич дорад. Он сабаби электрикунонии ҷараёни истеҳсоли хоҷагии кишоварзӣ мегардад.

Дар ҳамин айём яке аз роҳҳои ба таври муфид ва мақсаднок истифода бурдани захираҳои оби ҷумҳурӣ сохтмони бузурги иншооти ирригатсионӣ зарур буд. Хусусияти сохтмони гидроузели (маҷмуаи иншооти гидротехикӣ: каналҳо, дарғот ва неругоҳҳои барқи обӣ)-и пурқувват барои дар хоҷагии халқ ба таври комплексӣ истифода бурдан пешбинӣ шуда, барои обёрӣ, аз ҷумла обёрии мошинӣ ва инчунин барои ба даст овардани неруи барқи арзон истифода бурда мешуд. Ба чунин иншоот шаршараи неругоҳҳои барқӣ бо сарбандҳои бузург дар дарёи Вахш, ба мисли Шаршара, Сарбанд, Марказӣ ва Норак дохил мешаванд.

Бо ҳамин мақсад ҳанӯз солҳои 1957-1959 шуъбаи осиёимиёнагии институти “Гидропроект” тарҳи комплексии истифодабарии дарёи Вахшро тартиб дода буд. Дар асоси чунин тарҳ дар Вахш иншооти 9 неругоҳҳои барқи обӣ бо иқтидори 6,7 млн. квт/с, ба ҳисоби умумӣ истеҳсоли неруи барқӣ дар муддати як сол 34 млрд. Квт/с-ро ташкил мекард.[88]

Дар нимаи аввали солҳои 60 силсилаи неругоҳҳои барқи обии Вахш, яъне Шаршара, Асосӣ ва Марказӣ ба кор даромаданд, ки сабаби беҳтар гардидани истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ ва баланд бардоштани шароити маданӣ ва маишии ҳаёти мардум шуд. Аз ҷониби дигар, неруи арзони барқ барои тезонидани шароити ҷараёни мелиоратсия ва васеъ гардидани заминҳои нав, ки бештар бо роҳи обёрии сунъӣ амалӣ мегардид, сабаб шуд. Аз ин рӯ, дар

[88] Джураев С. Асари зикршуда.-С.31.

таърихи бо роҳи электромеханикӣ ва неругоҳҳои насосӣ ба боло баровардани об дар ноҳияҳои Марказӣ ва Ҷанубии Тоҷикистон давраи сифатан нав оғоз гардид.

Дар ибтидои соли 1959 КМ ҲК Тоҷикистон ва ҳукумати ҷумҳурӣ масъалаи дар миқёси Осиёи Марказӣ калонтарин гидроузел, яъне неругоҳи барқи обии Норакро дида баромад, ки баъд корҳои лоиҳавӣ, кофтуковии ҷои таҳқиқи маҷрои дарё барои сохтмони Сангтӯда, Бойғозӣ, Шӯроб ва Роғун сар шуд. Дар асоси лоиҳаи институти "Таджикгипроводхоз" соли 1961 сохтмони силсилаи неругоҳҳои насосӣ дар Лоҳур ба поён расид. Дар ин ҷо шумораи заминҳои обёришаванда ба 3,3 ҳазор гектарро ташкил мекард. Мувофиқи нақшаи қабул гашта, обёрии мавзеи Лоҳур аз дарёи Кофарниҳон бо шаш неругоҳи обкашӣ заминҳо азхуд ва обёрӣ карда мешуд.[89]

Бояд ба назар дошт, ки корҳои зиёди ирригатсионӣ- мелиоративӣ дар солҳои 50-60-ум дар ноҳияҳои водии Вахш дар натиҷаи афзудани захираи энергетикӣ ба амал омад. Дар ин ҷо навбати дуюми азхудкунии водии Вахш идома дошт, ки иншооти асосӣ обёрии мавзеи Оқғозӣ ба шумор мерафт. Баҳри обёрии чунин мавзеъ чор неругоҳҳои калони обкашӣ сохта шуда, 300 км каналҳои магистралӣ ва каналҳои обёришаванда бунёд гардид. Энергия аз неругоҳи барқи обии "Шаршара"ба истгоҳҳои обкашӣ гирифта мешуд.[90]

Дар идораи шабакаи обёрии Вахш аз ҳама зиёдтар обёрии мошинӣ инкишоф меёфт. Пас аз заминҳои Оқғозӣ дар зарфи солҳои 60-ум ба таври

[89] Касимов А., Хамроев М. Асари зикршуда.- С.117.
[90] Ҳамон ҷо.

изофа боз 26 ҳазор гектар заминҳои Ғарраути, Ӯртабуз, Гулистон ва Қумсангир тибқи истгоҳҳои обкашӣ обшор мегаштанд. Манбаи асосии энергетикии ин неругоҳҳои обкашӣ НБО-и Шаршара ва Асосӣ ҳисоб меёфтанд.

Амали намудани ин вазифаҳо барои азхудкардан ва обёрии навбати сеюми заминҳои водии Вахш имконият фароҳам овард. Чунин заминҳо дар мавзеъҳои Тошработ, Бешаи Палангон, Панҷ ва мавзеи Қумсангир ҷойгир буданд.

Дар натиҷаи инкишофи ирригатсия ташкилотҳои хоҷагии об дар ҷумҳурӣ ҳам аз лиҳози шумора ва ҳам сифат қавӣ гардида, кадрҳои сохтмонҳои гидроэнергетикӣ ва коркунони истифодабаранда, қабл аз ҳама аз байни аҳолии таҳҷоӣ ба воя расиданд. Масалан, соли 1964 ба Вазорати хоҷагии об 18 корхонаҳои шабакаи обёришаванда, як идораи обёрии мошинӣ, тресте сохтмонии “Таджикстрой”, 12 идораи сохтмонӣ-васлкунӣ, заводи таъмиру истифодабарӣ, автобазаи калон ва панҷ совхоз итоат мекарданд.[91]

Сохтмони якчанд неругоҳҳои калони барқӣ дар Тоҷикистон истеҳсолоти хоҷагии кишоварзиро ниҳоят тезонд. Масалан, соли 1970 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 282 колхозҳо вуҷуд доштанд, аз онҳо 253 хоҷагӣ дар ҷараёни истеҳсолот неруи барқро истифода бурданд, аз 89 совхозҳо бошад 84 бо ҳамин мақсад ва махсусан дар кори обёрии мошинӣ мавриди истифода қарор доданд. Ин рақамҳо шоҳиди он аст, дар ин муддат аксарияти мутлақи совхозҳо қувваи барқро дар ҷараёни истеҳсолот истифода бурдаанд.[92]

Дар ибтидои соли 1977 Комиссияи давлатӣ дар водии Вахш низоми обёрии сунъиро қабул намуд, ки

---

[91] Коммунист Таджикистана. 1964. 13 окт.
[92] Коммунист Таджикистана. 1977, 15 янв.

дар он панҷ неругоҳҳои насосӣ кор мекарданд. Дар ин ҷо шабакаҳои обёрии мошинӣ дар якчанд навбат сохта шуда, 10 ҳазор гектар заминҳоро бо об таъмин мекарданд. Танҳо барои сохтмони низоми обёрии мошинии Ғараути давлат 46 млн. сӯм хароҷот намуд.[93]

Дар солҳои 70-ум иншооти муҳимми сохтмони ирригатсионӣ- мелиоративӣ, обёрии водиҳои Ёвону Обикиик маҳсуб меёфт. Бо мақсади сарфа намудани об дар дарёи Вахш махсус гидроузели Бойғозӣ бунёд гардид, ки обро ба баландии 50 м.мебаровард.

Танҳо дар навбати аввали азхудкунии низоми обёрии Ёвону Вахш  202 км. каналҳо, 100 км. низоми пӯшидаи обёрикунанда, 500 км шабакаҳои қубурҳои заҳбуру қубури калон (шабакаи коллекторию дренажӣ), чорто неругоҳи пурқуввати обкашӣ, 10 км шабакаи қаиқии обдиҳӣ бунёд карда шуданд.[94]

Дар ин муддат яке аз сарчашмаҳои бо неруи барқ таъмин менамудаи низоми обёрии мошинии водиҳои Ёвону Обикиик ва дигар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон, неругоҳи барқи обии дар он замон калонтарини Осиёи Миёна Норак ба ҳисоб мерафт. Саҳми он ниҳоят калон буда, 80 % истеҳсолоти неруи барқи Тоҷикистонро ташкил мекард.[95]

Дар натиҷаи сохтмони сарбанди  300 м., ки баҳри сунъии Норак ба вуҷуд омад ва дар он миллардҳо метри кубӣ об ғун шуда, имконият медиҳад, ки ҷараёни оби Вахшу Амударёро ба танзим даровարда шавад ва ин ҷараён ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя Туркманистону Ӯзбекистон имконият медиҳад, ки аз душвории камобиву хушкӣ бароянд.

---

[93] Коммунист Таджикистана. 1977. 15 январ.
[94] БДТН ҶТ. - Ф. 331, р.5, д.5, в. 75.
[95] Правда.1984. 25 нояб.

Дар ин давра яке аз калонтарин ташкилоти хоҷагии оби Тоҷикистон тресги “Вахшводстрой” буд ва ба воситаи иншооти ниҳоят душвор, қабл аз ҳама истгоҳҳои обкашӣ, ки мавзеҳои наздикӯҳиро азхуд ва обшор мекард. Дар назди коллективи трест, инчунин дигар мавзеъ, яъне мелиоратсияи заминҳои Тошработ навбати аввали он дар нимаи аввали солҳои 80-ум бомувоффақият ба анҷом расид. Сохтмони асосии ин хоҷаги об иншооти якчанд неругоҳҳои насосӣ ба ҳисоб мерафт. Соли 1984 ба сохтмони шаш истгоҳҳои пуриқтидори обкашӣ ва канали 15 км. шуруъ намуданд.

Умуман, ба баъзе камбудиву норасоиҳое, ки дар самти сохтмонҳои хоҷагии об роҳёфта, нигоҳ накарда, махсусан дар солҳои 70-ум ва ибтидои 80-ум дар масъалаи васеъ гардидани шабакаи обёрии сунъӣ дигаргуниҳои чашмрас дида мешуд. Масалан, агар соли 1970 дар ҷумҳури бо ёрии неруи барқ истгоҳҳои насосӣ ба боло бароварда 109,2 ҳазор гектар заминҳои колхозу совхозҳоро обшор карда бошанд, соли 1985 ин рақам ба 218,7 ҳазор гектар расид.[96]

[96] Коммунист Таджикистана. 1988. 5 июня.

# БОБИ III.
# АЗХУДКУНИИ ЗАМИНҲОИ НАВ ВА БЕКОРХОБИДА

Ҳизби комммунистӣ ва ҳукумати Шуравӣ дар тамоми давраҳои сохтмони сотсиалистӣ ба инкишофи минбаъдаи соҳаи аграрии хоҷагии халқ, аз ҷумла васеъ кардани майдони корам аз ҳисоби заминҳои нав ва бекорхобида диққати пайваста медоданд. Махсусан, мубориза барои ба таври васеъ азхудкардани заминҳои нав дар охири солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-ум, яъне дар давраи иҷроиши вазифаҳои нақшаи ҳафтсола бештар мушоҳида мегардид.

Нақшаи дурнамои инкишофи хоҷаги халқи ҷумҳурии сотсиалистии Тоҷикистон дар зарфи солҳои 1959-1965, ки дар анҷумани XII ғайри навбатии Ҳизби коммунистии ҷумҳурӣ (соли 1959) мавриди муҳокима қарор гирифт, масъалаи болоравии минбаъдаи саноат ва хоҷагии кишоварзӣ, вобаста ба ин баланд гардидани некуаҳволӣ ва маданияти халқ пеш гузошта шуд. Пешбинӣ шуда буд, ки ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ бо якҷояигии маблағи ташкилотҳои иттифоқӣ 1миллиард сӯм ҷудо карда шавад, ки ин маблағ баробар ба ҳама маблағе, ки ба хоҷагии халқи Тоҷикистон дар тамоми солҳои Ҳокимияти Шуравӣ буд.[97]

Суръати инкишофи истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ, аз ҳисоби баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва васеъ намудани майдони кишт ба эътибор гирифта шуд. Мувофиқи нақшаи ҳафтсола корҳои бузурги ирригатсионӣ ба роҳ монда шуда, барои иҷроиши

---

[97] Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 гг). -С. 278.

чунин вазифа ва мақсад 160 млн. яъне аз се ду ҳиссаи маблағгузоририи хоҷагии кишоварзиро ҷудо гардид.[98]

Кумитаи Марказии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, дар анҷумани XXI ҲКИШ дар хусуси иншооти неругоҳи барқи обии Норак масъала гузошт. Зеро ин пойгоҳи барқӣ на танҳо барои инкишофи саноат, инчунин обшор кардани садҳо ҳазор гектар заминҳои навкорами Тоҷикистон, ҷанубии Ӯзбекистон ва якчанд ноҳияҳои Туркманистон хизмат мекард. Инро баъдтар Шурои Вазирони ИҶШС ба эътибор гирифта, дар хусуси дар Тоҷикистон бунёди НБО-и Норак, ки дар Осиёи Марказӣ иншооти калонтарин ҳисоб меёфт, қарор қабул намуд.[99]

Масъалаи таҳқиқоти илмии азхудкардани заминҳои нав ва бекрхобидаро ба ду давра тақсим бояд кард. Давраи якум солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 70-умро дарбар мегирад. Давраи дуюм бошад ниммаи дуюми солҳои 70-ум ва солҳои 80-умро фаро мегирад. Азхудкунии заминҳои нав ва бекорхобида ин замон дар Тоҷикистон нисбат ба солҳои 40-ум ва 50-ум бо хусусиятҳои махсуси хеш фарқ мекард: аввал ин ки барои корҳои хоҷагии об ҳизбу ҳукумати ҷумҳурӣ нисбатан маблағи зиёд ҷудо мекарданд; дуюм, дар натиҷаи инкишофи илму техника ва пешрафти саноат пойгоҳи моддӣ-техникии корҳои хоҷагии об пурқувват карда мешуд; сеюм, дар ин ҷабҳаи хоҷагии кишоварзӣ аз лиҳози миқдор ва сифат таркиби коргарони ихтисосманди сохтмончӣ ва муҳандису техникҳо дигар

---

[98] Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 гг). - С. 279.

[99] Очерки истории Коммунистической партии Таджикистана. Т.2 (1938-1983 гг).- Душанбе: “ИрФон”, 1984. - С. 237.

гаштанд; чорум азхудкунии заминҳои наву бекорхобида хусусияти комплексӣ гирифт.

Бояд чунин вазъиятро ба эътибор гирифт, ки бо ёриву дастгирии ҳамаҷонибаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба синфи коргар, колхозчиён ва кулли мардуми меҳнаткаши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷабҳаи азхуднамудани ҳазорҳо гектар заминҳои наву бекорхобида муваффақиятҳои намоён ба даст оварда шуд. Ин пешравиҳои истеҳсолӣ сабаби минбаъд рушду нумуъ кардани хоҷагии кишоварзӣ, баланд бардоштани дараҷаи моддӣ ва мадании меҳнаткашон гардид. Аммо ба ҳама пешравиҳо ва дигаргуниҳои мусбат нигоҳ накарда, дар ҷараёни сохтмони иншооти хоҷагии обу азхуд кардани заминҳои наву бекорхобида, бо баъзе сабабҳои объективӣ ва субъективӣ, камбудиву норасоиҳои ҷиддӣ роҳ дода шуд, ки дар Тоҷикистон ба амалӣ гаштани чунин сиёсат таъсири манфӣ расонд.

Ташкилотҳои хоҷагии кишоварзӣ ва хоҷагии об оид ба масъалаи сохтмони иншооти гидротехникӣ ва азхудкардани заминҳои нав, баъзан имкониятҳои молиявӣ ва моддӣ–техникӣ ва шароити мушаххасро ҳамаҷониба надидаву насанҷида нақша мекашиданд. Баъзан маблағи ба ин соҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ ҷудо кардаи давлатро ба иншооти зиёду пароканда қисмат мекарданд, дар натиҷа бисёр сохтмони иншооти ирригатсионӣ сари вақт ба сомон намерасиданд.

Табиист, ки чунин амалҳо ва рафторҳои нодурусти мутасаддиёни соҳа ба дигар ҷабҳаҳои бахши аграрӣ, аз ҷумла сари вақт ба кор андохтан ва обёрии заминҳои нав таъсири манфӣ мерасонданд.

Дар солҳои нақшаи ҳафтсолаи тараққиёти хоҷагии халқ аз ҳама калонтарин иншооти обу хоҷагӣ азхудкунии қисми тоҷикистонии Мирзочули даштҳои Дилварзин ва водии Обикиик маҳсуб меёфтанд.

Мувофиқи қарори КМ ҲКИШ ва Шурои Вазирони ИҶШС аз 14 июни соли 1958 "Дар бораи минбаъд васеъ ва тезонидани корҳои азхудкунии дашти Мирзочӯли заминҳои Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Тоҷикистон", васеъ намудани заминҳои обёришаванда ва навазхудшуда чорабиниҳои зарурӣ андишида шуда буд. Мувофиқи нақшаи пешакӣ кашида соли 1966 майдони заминҳои обёришаванда дар даштҳои Дилварзин ва Самғор, дар ноҳияҳои Ӯротеппа ва Шаҳристони вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) бояд 50 ҳазор гектар замин васеъ гардад. Танҳо дар қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯл дар солҳои нақшаи ҳафтсола 25 ҳазор гектар заминҳо азхуд карда мешуд. Соли 1960 барои сохтмони ирригатсионии ин иншооти азим 45,7 млн. сӯм маблағ ҷудо карда шуд. Ва дар охири ҳамин сол 5 ҳазор гектар замин аз лиҳози ирригатсионӣ тайёр карда шуд.[100]

Ташкилотҳои сохтмонии пештара ва парокандаи азхудкардан ва обёрии заминҳои Мирзочӯл ва даштҳои Дилварзину Самғор, ки байни худ алоқаи лозимии истеҳсолӣ надоштанд, барои тезонидани суръати ин корҳо ва арзон кардари арзиши аслӣ мусоидат намекардаднд. Бо ҳамин мақсад идораи асосии байниҷумҳуриявӣ ва Шурои байниҷумҳуриявӣ оид ба обшор ва азхудкардани заминҳои бекорхобидаи дашти Мирзочӯл барпо карда шуд. Тезонидани суръати азхудкунии қисми тоҷикистонии Мирзочӯл зарурияти сохтмони тресте махсуси "Таджикцелинстрой"-ро талаб мекард. Ба ҷузъ ин идораи сохтмону васлкунии рақамҳои № 21, 22, 26 ва парки мошини № 3 ташкил

[100] БМД ҶТ.- Ф. 27, оп, 12, д.1, л. 29.

гардиданд. Ин ташкилотҳои сохтмонӣ дар тобеияти тресты "Таджикцелинстрой" фаъолият мекарданд.[101]

Тамоми қувва ва имконият барои васеъ намудани майдони кишти зироатҳои мухталифи хоҷагии кишоварзӣ ва қабл аз ҳама пахтакорӣ ва барои баланд бардоштани дараҷаи ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии меҳнаткашон, барпо кардани марказҳои нави маъмурӣ, коммуналӣ ва маданӣ- маърифатӣ дар заминҳои нав ва бекорхобида равона шуда буд.

Дар охири солҳои 50-ум дар қисми тоҷикистонии Мирзочӯл оид ба обёрӣ ва азхудкунии заминҳои наву бекорхобида корҳои васеъ ба роҳ гузошта шуд. Аввали моҳи июли соли 1959 П. Курилов ба ин сохтмони азими обухоҷагӣ барои истиқомат ва хӯрокхӯрии аввалин фотеҳони азхудкунии заминҳои наву бекорхобида як вагон оварда монд. Мутахассисони мошини заминканӣ Н. Попов, И. Пантелюк, Г. Прасовский, ронандагони экскаваторҳо И. Акулов, А. Некрасов, булдозеристҳо В. Сауров, И. Тугоузов аз канали пайвасткунанда ва чоҳбун аввалин метри кубӣ хокро баровარданд. Дар ин ҷо баробари корҳои мелиоративӣ, инчунин сохтмони иншооти коммуналӣ ва маданӣ- маишӣ пеш мерафт. Дар ибтидо дар ин ҷо 15 бригадаҳои сохтмонӣ ба кор машғул гашта буданд.[102]

Пионерони азхудкунии қисми тоҷикии дашти Мирзоҷӯл аз байни мардуми муқимӣ Б. Насриддинов, Х. Ниёзов, С. Шарипов ва дигарон буданд, ки дере нагузашта касбу ихтисосҳои дуредгар, сангчин, андовагар ва ғайраро азбар намуданд.

Барои азхудкардани дашти Мирзочӯл аз тамоми гӯшаву канорҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он ихтиёриён

[101] БДТН ҶТ. - Ф.3, р. 156, д. в.7,13.
[102] Коммунист Таджикистана. 1960. 1 янв.

раҳсипор гаштанд. Бояд махсус зикр кард, ки бо даъвати ҳизбу ҳукумати ҷумҳурӣ пеш аз ҳама меҳнаткашони ноҳияҳои баландкӯҳу доманакӯҳ ҳамовозӣ намуда, барои фатҳи чӯли беодаму бесамари Мирзочӯл омаданд. Ба ин даъват махсусан мардуми ноҳияҳои Ӯротеппа ва Айнӣ, ки дар он ҷо ҷувваи зиёдатии корӣ вуҷуд дошт, бисёртар тарафдор буданд.

Ба масъалаи азхудкардани дашти Мирзочӯл аввалин шуда чунин сохтмончиён, ба мисли Н. Муханов, Г. Салимов, С. Тайланов, Х.Ҷалолов, М. Раҷабов, О. Шониёзов, С. Эшов ва бисёр дигарон таҳкурсии мустаҳками обшор намудани заминҳои Мирзочӯли тоҷикро гузоштанд. Дере нагузашта ному корнамоиҳои меҳнатии онҳо дар тамоми ҷумҳурӣ вирди забони мардум гардид.[103]

Қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯл дар самти шимолии қаторкӯҳҳои Туркистон ҷой гирифта, аз шарқ як хат то шаҳри Бекобод, аз ғарб бошад то неругоҳи Обручево тӯл кашидааст. Дар ибтидо он ба ноҳияи Ӯротеппа дохил мешуд, аз охири соли 1965 ҳамчун ноҳияи мустақили Зафаробод ташкил гашт. Азхудкардани қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯл дар ҳаёти ҷумҳурӣ аҳаммияти калони иҷтимоӣ-иқтисодиро доро буд. Дар ин ҷо ба назар дошта шуда буд, ки ҳар сол 60 ҳазор тонна пахта, 34 ҳазор тонна маҳсулоти боғдорӣ, 44 ҳазор тонна ангур ва бисёр дигар маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ истеҳсол карда мешуд.[104]

Сохтмонҳои ирригатсионӣ махсусан дар вилояти онвақтаи Ленинобод ниҳоят босуръат пеш мерафт. Тамоми корҳои сохтмони ирригатсионӣ ва

[103] Коммунист Таджикистана. 1961. 26 Фев.

[104] Қосимов А. Ҳамроев М. Асари номбурда. - С. 165.

мелиоративӣ оид ба азхудкунии Мирзочӯл ва, аз ҷумла қисми тоҷикистонии он аз ҷониби “Главголодностепстрой”, ки соли 1963 номаш ба “Средазирсовхозстрой” иваз шуд, иҷро карда мешуд.

Дар натиҷаи сохтмонҳои азими обухоҷагӣ дар вилояти Ленинобод шумораи коллективи трести “Таджикцелинстрой» дар аввали соли 1961 ба 5 ҳазор одам расид. Дар ин сохтмонҳо мутахассисони баландихтисос, ба мисли гидротехникҳо, ирригаторҳо, барқчиён, васлгарон ва бисёр дигар мутахассисон кору фаъолият мекарданд. Трести “Таджиктселинстрой»-ро “Главголодноспетстрой” бо парки 450 автомошинҳои хелҳои гуногун таъмин мекард. Дар сохтмони трест 73 экскаватор, 69 булдозер, 83 мошинҳои заминканӣ, 32 мошини борбардор ва дигар техникаи пурқуввати ҳамон замон коршоям буданд.[105]

Дар муддати на чандон зиёд ташкилотҳои сохтмонии трест ба иншооти ирригатсионии вилояти Ленинобод 52,5 млн сӯм ҷудо карданд, корҳои заминканӣ 26,8 млн метри кубӣ иҷро шуда буд, 140 ҳазор метри квадратӣ сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ба истифода дода шуд. Трест 28, 7 ҳазор гектар заминҳои навро ба кор дароварда, 314 км роҳҳои посёлкаи коргарӣ бунёд кард, зиёда аз 100 км. хатти баландшиддати барқӣ, 485 алоқаи шахсӣ бунёд намуд.[106]

Дар ҷараёни корҳои ирригатсионӣ-мелиоративӣ ва азхудкунии заминҳои нав дар назди сохтмончиёни трест якчанд масъалаҳо баромаданд, ки яке аз онҳо тез-тез аз кор рафтани кадрҳо ба ҳисоб мерафт, ки он

---

[105] БДТН ҶТ.- Ф. 3,р.151,д. 63, в. 58.
[106] БДТН ҶТ.- Ф. 3,р.151,д. 63, в. 58.

бегуфтугу ба ҳалли саривақтии масъалаҳои бамиён монда таъсири манфӣ мерасонид.

Дигар сабаби нарасидани кадрҳо ба корҳои ирригатсионӣ-мелиоративӣ бо ҳар гуна сабабҳо аз кор рафтани мутахасисон, аз ҷумла муҳандисони баъд аз хатми Институти хоҷагии кишоварзии Тоҷикистон мебошанд, зеро баъзе аз онҳо гирифтани роҳхати ба ноҳияҳо рафтанро рад мекарданд. Қисме аз онҳо дар шаҳр монда бо корҳои ғайриихтисос машғул мегаштанд. Дар маҳалҳо бошад ташкилотҳои обухоҷагӣ барои мутахасисони ҷавон шароитҳои маданӣ ва маиширо на ҳама вақт муҳайё мекарданд.[107]

Ҳар сол аз ҷониби давлат барои корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ, азхудкунии заминҳои наву бекорхобида маблағи зиёд ҷудо карда мешуд. Аммо онро ташкилотҳои хоҷагии об на ҳама вақт сарфакорона истифода мебурданд. Заминҳои нави обӣ ба таври пурра истифода бурда намешуданд. Масалан, танҳо соли 1960 438 ҳазор гектар заминҳои дар самти ирригатсия ва мелиоратсия тайёр карда шуда, 36,5 ҳазор гектар замине, ки ба он хароҷоти изофа лозим набуд, бекор хобиданд.[108]

Ҳамаи ин камбудиву норасоиҳоро оид ба таври сарфакорона истифода бурдани заминҳои обёришавандаро ба эътибор гирифта, пленуми IX КМ ҲК Тоҷикистон, ки моҳи августи соли 1961 доир гашта буд, дар назди кормандони хоҷагии об вазифаҳои мушаххас гузошт, то ки минбаъд чунин норасоиҳо роҳ дода нашавад. Дар вилояти Ленинобод чун қаблан иншооти муҳимми хоҷагии об азхудкардани қисми тоҷикистонии Мирзочӯл маҳсуб буд. Дар ин ҷо аз

[107] БДТН ҶТ.- Ф. 3,р.151,д. 63, в. в. 40.
[108] БДТН ҶТ.- Ф. 3,р.151,д. 63, в. 48.

аввал то моҳи ноябри соли 1961 “Голодностепстрой” 22 ҳазор гектар заминҳои нав азхуд ва обшор карда шуд.[109]

Яке аз дастовардҳои бузурги коллективи “Главголодностепстрой” аз он иборат буд, ки саноати сохтмонии шахсиро барпо намуд. Ба корхонаи нав заводи коркарди оҳану бетони Бекобод, ки новаҳоро барои низоми обёрӣ тайёр мекард, заводи Ховост, қубурҳои сафолинро месохт, заводи хишт ва ғайра дохил мешуданд.

Баъзе корҳои асосии хоҷагии азхудкунии заминҳои нави қисми тоҷикистонии Мирзочӯл ба уҳдаи коллективи сохтмончиёни СМР №22 гузошта шуда буд. Аз рӯзи аввали мавҷудияти ин ташкилоти сохтмонӣ то охири соли 1962 коллективи он зиёда аз 40 ҳазор метри кубӣ оҳану бетонро бо тартиб гузошта, зиёда аз 70 км трубаҳои водопроводро ҷо ба ҷо карданд, зиёда аз 300 иншооти гидротехникиро васл намуданд.[110]

Коллективи бисёрҳазораи трести “Таджикцелинстрой» мусобиқаи сотсиалистиро васеъ намуда, корҳои азхудкунии дашти Мирзочӯл ва минбаъд беҳтар кардани заминҳои Дилварзинро ба пеш мебурд. Масалан, соли 1963 аз 18,8 млн сӯми ба кор даровარда, танҳо барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ наздики 2 млн сӯм сарф гардид, 15, 7 ҳазор м.к. хонаҳои истиқоматӣ бунёд карда шуда, ба замми ин, боз 7 ҳазор гектар заминҳои нави обёришаванда тайёр карда ба истеҳсолот супорида шуд.[111]

---

[109] Коммуниист Таджикистана. 1961. 12 нояб.
[110] БМД ҶТ. - Ф. 1514, р.1, д. 1456, а. 65-66.
[111] БДТН ҶТ.- Ф. 3,р.0227, д.312, в. 13 -14.

Кумитаи ҳизбии ноҳияи Зафаробод қарори КМ ҲК ва Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 23 июли соли 1966 дар хусуси "Дар бораи васеъ намудани инкишофи мелиоратсияи замин ба хотири ба даст овардани ҳосили дилхоҳи ғалладона ва дигар навъҳои хоҷагии кишоварзӣ," бо ҳамбастагии шуроҳои маҳаллӣ, иттифоқҳои касаба, комсомолону ҷавонон ва ташкилотҳои хоҷагии кишоварзии ноҳия чорабиниҳои мушаххасро барои минбаъд азхудкардани заминҳои нав, беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳои қаблан ба даст дароварда сари вақт андешиданд.

Қарори махсус дар пленуми сеюм (29 июли соли 1966) ва маҷлиси бюрои ҲК ноҳияи Зафаробод (16 сентябри соли 1966) муҳокима гардида, дар он чорабиниҳои иҷроиши он коркарда шуд. Дар натиҷа дар зарфи нимаи дуюми соли 1966 ва нимаи аввали соли 1967 боз аз лиҳози ирригатсионӣ 1880 гектар заминҳо азхудкардашуда, ба истеҳсолот ворид гардид. Ҳамагӣ дар ноҳия аввали сентябри соли 1967 майдони аз лиҳози ирригатсионӣ ва мелиоративӣ тайёр гардида 24 420 гектарро ташкил мекард. [112]

Ба дастовардҳои нисбатан зиёд нигоҳ накарда, дар ҷараёни азхудкунии қисми тоҷикистонии даштҳои Мирзочӯл аз ҷониби ташкилотҳои ҳизбӣ, шуравӣ ва хоҷагии об ба камбудиву норасоиҳои афнопазир роҳ дода мешуд, ки ин амал ба рафти ҳаракати иншооти ирригатсионӣ ва мелиоративӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои хоҷагии кишоварзӣ таъсири манфӣ нарасонида наметавонист. Тавре ки таҷриба нишон дод, имкониятҳои калони зиёд кардани истеҳсоли пахта ва дигар маҳсулотҳои хоҷагии кишоварзӣ нодуруст истифода бурда мешуд. Масалан, дар зарфи чор соли

[112] БДТН ҶТ.- Ф. 3,р.0227, д.312, в. 13 -14.

аввал ба давлат дар ҳаҷми 17 ҳазор тонна пахта камтар фурӯхта шуд.

Натиҷаи ба амал омадани чунин вазъият аз он иборат буд, ки аз ҷониби роҳбарони ташкилоти сохтмонии муассиса ва тресги "Таджикцелинстрой» дар кори ба таври сарфакорона истифодаи маблағи калони ҷудокардашудаи давлат барои азхудкардани заминҳои қисми тоҷикистонии Мирзочӯли тоҷик ба камбудиҳо роҳ дода шуд.

Муносибати хунукназарона нисбат ба сохтмони манзилӣ барои ҷо ба ҷо ва мустаҳкам кардани коргарон дар заминҳои нав ва дуруст истифода бурдани замину техника мамониат расонд. То соли 1966 дар совхозҳои заминҳои нав кадри доимӣ ташаккул наёфта буд, дар истеҳсолоти кишоварзӣ асалан коргарони муваққатӣ ва аз дигар ҷо омада кору фаъолият мекарданд.

Ба ҷузъ ин дар масъалаи ба таври дурусту сарфакорона истифода бурдани захираҳои коргарӣ ба камбудиҳои зиёд роҳ дода шуд. Барои мувофиқи қоидаи муайяншуда дуруст истифода бурдани қувваи корӣ аҳмияти зарурӣ надода совхозҳои тресги "Таджикцелинстрой» ва роҳбарияти азхудкунии заминҳои обёришаванда штатҳои зиёдатиро ҷой дода, шумораи ҳайати коркунонро бе ягон асос афзун карда мешуд. Масалан, танҳо дар совхози "Ленинобод" соли 1967 ҳайати коркунон 89 ҷои кор ва 55% ташкил мекарданд.[113]

Бояд ба назар гирифт, ки азхудкунӣ ва обёрии қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯл дар солҳои 60-ум ва 70-ум яке аз иншооти ниҳоят душвори хоҷагии об ба шумор мерафт. Бояд ба назар дошт, ки барои ҳалли ин

[113] БМДҶ Т.- Ф. 1613, р.1, д.351,в.8.

вазифаи муҳимми аҳаммияти хоҷагии халқ дошта, саҳми комсомолон ва ҷавонони Тоҷикистон ва ҷумҳурияҳои собиқ Иттифоқ калон аст.

Дар солҳои 60-ум ва минбаъд яке аз омилҳои ба таври васеъ ба кор бурдани корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ онро бо техникаи навтарини замонавӣ таъмин кардан ҳисоб мерафт. Дар масъалаи азхуд ва обёрӣ намудани қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯл роҳбарияти корҳои механиконидашуда дар назди трести "Таджиктселинстрой» саҳми назаррас дошт. Ин ташкилот соли 1967 дар ихтиёри худ 68- экскаватор, 48 - мошини заминканӣ, 82-булдозер, 13-автогрейдери марказҳои ҳархела дошт.[114]

Дар зарфи зиёда аз панҷ сол аз ҷониби ин идора 72337 ҳазор (метри квадратӣ) корҳои заминканӣ иҷро карда шуд, ки арзиши умумии он ба 15 839,0 ҳазор сӯм мерасид. Асосан тамоми корҳои заминканӣ дар қисми тоҷикистонии Мирзочӯл ва майдони заминҳои Дилварзин, ки он барои сохтани каналҳои обёрикунанда, шабакаҳои мелиоративӣ ва ба нақша гирифтани заминҳои хавфи селдошта ва барои кишти пахта равон карда шуда бурда мешуд. Барои кору меҳнати зарбдору шоиста 11 - нафар одамони ин коллектив бо ордену медалҳои Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла ронандагони экскаваторҳо рафиқон Марселянов ва Елисеев бо ордени Ленин мукофонида шуданд.[115]

Мусобиқаи сотсиалистӣ дар тамоми минтақаҳои сохтмонӣ ва васлкунии дастаҳо, бригадаҳо ва ғайра васеъ ба роҳ монда шуд, ки дар натиҷа оиди азхудкунии навбати якуми заминҳои қисми Тоҷикистонии дашти Мирзочӯл муваффақиятҳои назаррас ба даст даровARDA

---

[114] БМД ҶТ, Ф.1499, р.2, д.409, в. 82-83.
[115] БМД ҶТ, Ф.1499, р.2, д.409, в. 82-83.

шуд. Аллакай дар охири ҳафтсола дар ин ҷо наздики 20 ҳазор гектар заминҳо обшор гардида ва наздики 25 ҳазор гектар замин барои азхудкунӣ тайёр шуд. [116]

Дар ҳамин давра се совхози калон, ба мисли "Ленинобод", "40-солагии Тоҷикистон" ва "Комсомоли Тоҷикистон," бо шарофати азхудкунандагони ҷавони заминҳои навкорам бахшида шуда буд. Дар ин ҷо ноҳияи нави пахтакор Зафаробод ба вуҷуд омад, ки 14 ҳазор сохтмончиён, васлгарон, ирригаторон, механизаторони совхозҳо ва шаҳрчаҳои коргарнишини Меҳнатобод, Пахтакор, Гулистон ва ғайра арзи ҳастӣ карданд, зиёда аз 62 ҳазор метри квадратӣ хонаҳои замонавӣ дар майдони беш аз 300 гектар боғ бунёд гардид.[117]

Ҳизбу ҳукумати Шуравӣ ба назди кормандони соҳаи хаҷагии кишоварзӣ, аз ҷумла ташкилотҳои хоҷагии об дар панҷсолаи ҳаштуми инкишофи хоҷагии халқ вазифаҳои ҷиддӣ гузоштанд. Дар ҳуҷҷатҳои анҷумани XXIII Ҳизби куоммунистӣ доир ба иҷроиши нақшаи панҷсолаи ҳаштуми тараққиёти хоҷагии халқ дар солҳои 1966-1970 гуфта шудааст: "дар ноҳияҳои хушкиоб доир ба обёрии заминҳо дар майдони 2,5-3 млн. гектар замин корҳои зарурӣ гузаронида шаванд".[118]

Дар солҳои панҷсолаи ҳаштум маблағгузорӣ ба мелиоратсияи замин танҳо бо роҳи Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби ҷумҳурӣ 336. млн сӯмро

---

[116] Очерк истории колхозного строитель ства в Таджикистане (1917-1965 гг). -С. 314.

[117] Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 гг). - С. 317.

[118] XV11 съезд Коммунистической партии Таджикистана. Стен отчет. - С. 256.

ташкил мекард, ки он 1,8 баробар нисбат ба панҷсолаи қалбӣ барзиёд буд.[119]

Дар натиҷаи меҳнати аҳлонаи коллективи сохтмончиён, васлгарон ва механизаторони тресiи "Таджикцелинстрой» соли 1967 асосан ҳамаи корҳои сохтмонӣ ва васлкунии ду неругоҳҳои калони насосии дашти Мирзочӯл, ду канали механикунонидашуда, шабакаи тақсимкунӣ ба поён расонда шуд. 58-ҳазор метри квадратӣ хонаҳои истиқоматӣ, ду корхонаи таъмирӣ, даҳҳо айвонҳо, анборҳо, инчунин якчанд иншооти маданӣ ва маишӣ сохта ба истифода дода шуд.[120]

Дар ҳамин муддат омӯзишгоҳи хоҷагии кишоварзӣ бо 800 ҷой, техникуми сохтмон бо 600 ҷой, техникуми касбӣ бо 240 ҷой ва комбинат сохта ба истифода дода шуд, техникуми таълимӣ бо 600 ҷой барои хонандагон бунёд карда, ба истифода дода шуд. Дар Мирзочӯл 2-пункти пахта барои 30000 тонн, 2 - сехи дегсозӣ, нонвойхона, устохонаи механикӣ, анбори доруҳои минералӣ ва дигар иншооти лозимии истеҳсолӣ бунёд карда шуд.[121]

Дар қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯл, ки таҷрибаи зиёди истеҳсолӣ ба даст омада буд, мавҷуд будани техникаи ҳозиразамони хоҷагии кишоварзӣ ва хоҷагии об, амал кардани кадрҳои ихтисосманд, дар солҳои панҷсолаи ҳаштум ҷараёни азхудкардани заминҳои наву бекорхобида бо суръат пеш мерафт. Аммо агар амалан ин ҷараёнро бо панҷсолаи ҳафтум муқоиса намоем, дар он ҳолат дар панҷсолаи ҳаштум суръати азхудкунии заминҳои нав нисбатан сусттар ба

[119] БДТН ҶТ.- Ф.3, р. 230, д.126, в. 27.
[120] БДТН ҶТ.-Ф.3, р. 230, д. 127, в. 10.
[121] БДТН ҶТ.- Ф.3, р. 230, д. 127, в. 10.

назар мерасад. Сабаби асосии чунин ақибмонӣ ҳаллу фасл накардани баъзе масъалаҳои хусусияти маданӣ ва маишии коргарони ин соҳа ба ҳисоб меравад. Қабл аз ҳама дар хоҷагиҳои заминҳои нав нарасидани қувваи корӣ, сари вақт масъалаи ҷову макони истиқоматии онҳо ҳал карда намешуд. Ба масъалаи тартиб додани тарҳи хонаҳои истиқоматӣ аз ҷониби ташкилотҳои лоиҳакашӣ ба хатоҳо роҳ дода мешуд.

Баъдтар ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва сохтмончиён камбудиҳои роҳдодаи худро ба эътибор гирифта, соли 1968 дар ноҳияи Зафаробод ба хонаҳои якқабата ва бо замини наздиҳавлигӣ сохтанро оғоз карданд, ба он хотир, ки коргарони совхозҳо минбаъд хоҷагии шахсиро ба роҳ монда, соҳиби меваю сабзавот шаванд.

Нақшаи генералии маркази ноҳияи Зафаробод то соли 1967 ҳанӯз вуҷуд надошт. Дар маркази ноҳия, ки 4 ҳазор одам ҳаёт ба сар мебурд, ягон иншооти маданӣ-маишӣ амал намекард. Дар ин муддат ҳоло ба сохтмони хатти доимии алоқа оғоз нашуда буд, танҳо аз он хатти алоқаи муввақатии соли 1959 сохта истифода бурда мешуд. Дар маркази ноҳия танҳо як шабакаи радиоии камқувват бо якчанд нуқта амал мекард.

Сабаби ҷиддии дигари пеши роҳи азхудкунии заминҳои навро боздоштан дар қисми тоҷикистонии Мирзочӯл сари вақт бо об таъмин накардани он ба ҳисоб мерафт.

Таҷрибаи таърихии корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ дар Тоҷикистон онро нишон дод, ки муҳайё намудани шароити ҳаёти иҷтимоӣ, маданӣ ва маишии коргарони сохтмончӣ ва муҳандисӣ, техникӣ, меҳнаткашони саҳро сари вақт, босифат ба охир расонидани азхудкунии заминҳои наву бекорхобида душворӣ ба бор меоварад. Таҷриба инчунин нишон

дод, ки дар солҳои 60-ум ва минбаъда ҳам на ҳама вақт азхудкуниин заминҳои нав ба таври комплексӣ ба иҷро мерасиданд. Беҳуда дар қарори КМ ҲКИШ ва Шурои Вазирони ИҶШС аз 17 декбри соли 1968 “Дар бораи фаъолияти КМ ҲК Тоҷикистон оид ба иҷроиши қарори анҷумани XXIII ҲКИШ” зикр карда шуд, ки дар ҷумҳурӣ маблағи ҷудокарда шуда ба ҳар ҷой сарф кардамешуд, ҳар сол бо ҳар баҳона дар заминҳои азхудкардашуда, кишт карда намешавад ва нақшаи корҳои ирригатсионӣ ба ҷо оварда намешаванд. Бинобар ин, вазифа гузошта шуд, ки корҳои обёрӣ ва азхудкунии заминҳои нави водиҳои Ёвону Обикиик ва совхозҳои аз нав сохтаи Зафаробод ва дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ вусъат дода шавад.[122]

Дар ҷумҳурӣ нишонаҳои фарҳанги пасти истифодаи самараноки заминҳои киштшаванда, корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ дида мешуд. Масалан, танҳо соли 1969 дар ҷумҳурӣ шумораи заминҳои дар истеҳсолот истифода нашуда зиёда аз 24 ҳазор гектарро ташкил мекард, ки аз онҳо 13 ҳазор гектар заминҳои шудгоргашта ва 11 ҳазор гектаррро заминҳои партовӣ ташкил мекард. Чун пештара дар ҷумҳурӣ масъалаи корҳои сохтмонӣ ва махсусан хонаҳои истиқоматӣ ва маданӣ-маишӣ суст ҷараён дошт. Дар натиҷа дар ин муддат дар ноҳияи Зафаробод 3 ҳазор гектар заминҳои аз лиҳози ирригатсионӣ тайёр карда шуда, ба кор андохта нашуда буданд.[123]

Дар нимаи дуюми солҳои 60-ум бо сабаби дар колхозҳо мавҷуд набудани қувваи корӣ ва хонаҳои истиқоматӣ, сохтмонҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ-маданӣ,

---

[122] КПСС в резолюциях и решениях съездов, т.11. М., 1986. - С.399.

[123] БМД ҶТ.- Ф. 288, р.14, д. 129, в.11.

инчунин маишӣ, дар заминҳои аз нав обёришавандаи хоҷагиҳои коллективӣ имконияти мавзеъҳои аз лиҳози ирригатсионӣ тайёр шударо азхуднамоянд. Бинобар ин, колхозҳо бо чандин баҳонаҳо аз қабули чунин заминҳо рӯ гардонданд, аммо онҳо дар баъзеи ин майдонҳо зироат кишт карда, ҳосилро ба даст дароварданд. Чунин вазъиятро ба эътибор гирифта, Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар кори супоридани заминҳои аз ҷиҳати ирригатсионӣ тайёр гардида, совхозҳои навро ташкил намуда, ба уҳдаашон чунин мавзеъҳо супорида шуд.

Дар ин давра дигар иншоти бузурги хоҷагии об, ки аҳаммияти муҳимми хоҷагии халқ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дошт, азхуднамудани водии Ёвону Обикиик маҳсуб буд. Ин иншооти асосии ирригатсионӣ ва мелиоративӣ қисми ҷудонашавандаи комплекси территориявӣ-истеҳсолии ноҳияҳои Ҷанубии Тоҷикистон буда, бо иншооти сершумори гидротехникӣ ва мелиоративии байнихоҷагӣ ва дохилихоҷагӣ фарқ мекард.

Дар давраи ба ҳаёт тадбиқ кардани нақшаҳои кашида, оид ба обёрӣ ва азхудкардани водиҳои Ёвону Обикиик аслан тамоми мамлакати паҳновари Иттиҳоди Шуравӣ ширкат намуд, зеро ин низоми обёришаванда аз лиҳози техникӣ на танҳо дар Тоҷикистон, инчунин дар тамоми қаламрави Осиёи Марказӣ мураккаб ҳисобида мешуд. Зеро заминҳои дар ин мавзеъ ҷойгирифта дар ҷойҳои ноҳамвору пасту баланд ва фарозу нишеб ҷойгир буданд.

Дар солҳои 60-ум дар инкишофи хоҷагии халқ, қабл аз ҳама соҳаи асосии он пахтакорӣ вазни қиёс ва вазни хосро азхудкунии водиҳои Ёвону Обикиик ташкил мекард, ки дар соҳили рости дарёи Вахш

ҷойгир аст. Майдони умумии ин водиҳо 57,5 ҳазор гектарро ташкил мекунад. Барои ҳамин ҳам кор карда баромадани лоиҳаи обёрӣ ва азхудкунии ин ноҳияҳои марказии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мушкили илмӣ-техникӣ буда, танҳо бо қувваи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл карданаш душвориро ба пеш меорад. Лоиҳаи аввалини обёрӣ ва азхудкунии водиҳои Ёвону Обикиикро Институти лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯии Вазорати хоҷагии қишлоқи ИҶШС "Гипроводхоз" кор карда баромадааст.[124]

Дар лоиҳа шакли нақбии обёрӣ, ки роҳи маъқул буд, қабул гардид. Ба воситаи нақб оби дарёи Вахш аз обанбори Бойғозӣ дар як сония 70 метри кубӣ об ба водии Ёвон мегузашт. Диаметри дохилии нақб 5,1 метр, дарозиаш 7,7 км. мебошад. Чуқурии аз таги кӯҳҳои Қаротоғ гузаштани он 680 метрро ташкил мекард.

Мувофиқи пешбинии азхудкунӣ барои заминҳои пахтакорӣ шохаи рост ва чапи канали калон, ки бояд 27,2 ҳазор гектар заминро бо роҳи худҷоришавӣ ва 13,6 ҳазор гектарро бавоситаи шаш неругоҳҳои обкашӣ обёрӣ карда мешуд. Мувофиқи лоиҳа 29 млн. сӯм корҳои заминканӣ ва зиёда аз 300 ҳазор кубометр корҳои бетонрезӣ, оҳанубетонӣ, 12,6 км нақб ва 1 392 км каналҳои обёрикунанада, 166 км роҳ ва 300 хатти барқ бунёд кардан лозим буд.[125]

Амалан обёрӣ ва азхудкардани заминҳои нави водиҳои Ёвон ва Обикиик дар як вақт дар асоси лоиҳае, ки институти "Гипроземи" назди Вазорати хоҷагии кишоварзии ИҶШС кор карда шуда буд, оғоз ёфт. Дар ин иншооти асосии хоҷагии об дар рафти азхудкунии

---

[124] Коммунист Таджикистана. 1960. 30 дек.
[125] Коммунист Таджикистана. 1960. 30 дек.

навбати якум ба ҳисоб гирифта шуда буд, ки миқдори заминҳои киштшаванда ба наздикии 41 ҳазор гектар расонда шавад ва ҳаҷми умумии маблағгузории он бояд ба 110 млн сӯм (ба ҷузъ сохтмони совхозҳо) расад.[126]

Баъди қабул намудани лоиҳа ва дар доираи ҷумҳурӣ ҷудо кардани маблағи зиёд дар самти васеъ корҳои хоҷагии об бурда шуд, ки ин амал аз ҷониби трести "Таджикстрой" ба иҷро расонида мешуд.

Дар давраи сохтмони иншооти обёрикунандаи заминҳои водиии Ёвону Обикиик аз соли 1962 то соли 1967 ИСВ-1 бо қувваи худ барои коргарон дар ҳаҷми 22 637 м.к. хонаҳои истиқоматӣ бунёд намуд, ки асосан талаботи сохтмончиёнро қонеъ мекард. Ба ҷузъ ин бисёр муассисаҳои маданӣ ва маишӣ, маъмурӣ, муассисаҳои бачагонаи томактабӣ ва мактабӣ сохта шуд. Дар ин мудадат умуман ба маблағи 33,2 млн. сӯм корҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ ба иҷро расиданд.[127] Бисёр кормандони трести "Таджикстрой" барои дар ҷараёни меҳнат кордонию шуҷоат нишон додан бо ордену медалҳои ИҶШС шарафёб гардиданд, ки аз байнашон метавон номҳои Ятимов, ҳамчун коргари пешқадам бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат мукофонида шуд, роҳбари ин муассиса Я.В.Васерблай ва истеҳсолчии калони кор Д.А. Кох бо медали меҳнати шоён сазовор гаштанд.[128]

Сохтмони комплексии Ёвону Обикиик иншооти умумихалқӣ гардид. Дар он ҳарбу зарби меҳнатӣ намояндагони миллату халқиятҳои гуногуни тамоми Иттиҳоди Шуравӣ диловарона ширкат варзиданд.

---

[126] БМД ҶТ.- Ф. 1613,р.1, д. 340, в.1.
[127]. БМД ҶТ.- Ф. 1613,р.1, д. 340, в.1.
[128] БДТН ҶТ.- Ф.3. 954, р.9, д.20, в.91.

Аммо дар ин давра ақибмонии муайян дар иншооти калони ирригатсионӣ ва ба кор даровардани заминҳои аз нав обёришаванда дида мешуд. Дар натиҷаи ҳалли муракаби масъалаи обҳои зеризаминӣ муҳлати азхудкунии заминҳо чандин маротиба дигар карда шуд. Муҳлати охирини азхудкунии навбати якуми ин заминҳо дар майдони 14 ҳазор гектар баҳори соли 1967 муайян карда шуд, аммо дар ин муҳлат ҳам вазифа иҷро нагашт.

Сохтмонҳои дохили хоҷагии низоми ирригатсионӣ бо ақибмонии муайян иҷро карда шуд. Масалан, аз 315 к.м. шабакаҳои пӯшидаи обёрии навбати якуми соли 1965, ҳамагӣ 41 км. сохта шуду халос.[129]

Яке аз сабабҳои қафомонии масъалаи ба пеш бурдани корҳои азхудкунии заминҳои водии Ёвон азкорравии коргарон буд, ки дар ин ҷо масъалаи нарасидани қувваи коргарӣ дида мешуд. Ин масъалаи муҳимро ба ҳисоб гирифта, КМ Ҳизби кммунистӣ ва ҳукумати ҷумҳурӣ ба ҳамаи ташкилотҳои маҳалии ноҳияҳо вазифа гузоштанд, ки барои ба анҷом расонидани корҳои ирригатсионӣ ва азхудкардани заминҳои наву бекорхобидаи водии Ёвон бо қувваи корӣ таъмин намоянд. Ва дере нагузашта чунин ёриву мадад аз маҳалҳо расонида шуд. Моҳҳои ноябр ва декабри соли 1967 барои истеҳсоли корҳои сохтмонӣ ва тайёр намудани заминҳои нави обёришаванда, ба ин ҷо 140 нафар аз ноҳияҳои Ҷиргатол, Ғарм ва Комсомолобод, моҳи январи соли 1968 бошад, 100 шахси дигар аз Данғара ҳамроҳ гаштанд.[130]

---

[129] БДТН ҶТ.- Ф.3. 954, р.9, д.20, в.91.
[130] БДТН ҶТ.- Ф.3. 954, р.9, д.20, в.91.

Ҳамин тавр, масъалаи бо қувваи корӣ таъмин кардани иншооти хоҷагии оби ин мавзеъ ба таври мусбат ҳаллу васли худро ёфт.

Дигар масъалаи ҳалталаб он буд, ки совхозҳои бунёдгаштаро дар водиҳои Ёвону Обикиик аз лиҳози истеҳсоли соҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ махсус гардонидан лозим буд. Дар охири соли 1966 ташкилотҳои ҳизбӣ, шуравӣ ва хоҷагии об кӯшиш ба харҷ медоданд, ки дар асоси колхозҳои бисёрсоҳа совхозҳои "Ёвон-1", "Ёвон-2" ва "Ёвон-3" бунёд карда шаванд. Соли баъд совхози "Ёвон-1" ба хоҷагии ширу сабзавот табдил дода шуд, совхози "Ёвон-2" ва совхози "Ёвон-3" ба совхозҳои махсусгардонидашудаи пахтакорӣ табдил дода шуданд. Дар ибтидои соли 1968 совхози ба номи Илич, ки аз Вазорати хоҷагии кишоварзӣ қабул гардид, он ҳам ба совхози махсусгардонидаи пахтакорӣ табдил ёфт.[131]

Ба ҷузъ совхозҳои номбурда дар ин вақт дар ноҳияи Ёвон боз 4 совхози пахтакор ва 1 шолипарвар арзи ҳастӣ доштанд. Махсусгардонии совхозҳо сабаби баланд гардидани ҳосили хоҷагии кишоварзӣ ва паст гаштани арзиши аслӣ шуданд.

Дар ин давра дар назди роҳбарияти ҷумҳурӣ, тамоми коллективи сохтмончиёни идораи сохтмони "Яванводстрой" вазифаи ниҳоят душвор ва маҳсулиятнок меистод, яъне моҳи майи соли 1968 заминҳои совхозҳои ноҳияи Ёвонро бо об таъмин бояд кард. Ба ҳамин муносибат дар назди идораи сохтмони "Яванводстрой" масъалаи корҳои пеши дарёи Вахшро бастанро таъмин карда, сохтмони гидроузел ва дигар иншоотҳоро ба охир бояд расонд. Аз моҳи январ то моҳи майи соли 1968, яъне то ба Ёвон омадани оби

---

[131] БДТН ҶТ.- Ф.3, р.230, д.126, в. 159.

дарёи Вахш, коркунони ҳизбӣ, шуравӣ, комсомолӣ ва тамоми коллектив бе рӯзи истироҳатӣ дар се баст кор мекарданд, то ки ин вазифаи муқаддасро дар вақташ иҷро намоянд.[132]

Коллективи сохтмончиён нақшаи корҳои сохтмонӣ-васлкуниро барои 1968 109% иҷро намуданд. Дар ин сол маҷмуи иншооти гидротехникии Бойғозӣ, неругоҳи насосии нақб, воситаҳои обтақсимкунӣ, шабакаи чӯбини обёрӣ гузошта шуд, дар совхозҳо сохтмони хонаҳои истиқоматӣ оғоз ёфт ва барои кишту кор 10 ҳазор гектар заминҳои нави обшоршаванда супурда шуд.[133]

Яке аз масъалаҳои ҳалталаб, ки дар назди меҳнаткашони Ёвон меистод, ин ба даст овардани таҷрибаи пахтакорӣ буд. Барои ҳамин ҳам мардуми ин ноҳия ба пахтакорони пуртаҷриба эҳтиёҷ доштанд. Меҳнаткашони колхозу совхозҳои таҷрибадори ҷумҳурӣ ва қабл аз ҳама ҳамсояҳо фотеҳони заминҳои нави Ёвонро ба шефӣ гирифтанд.

Масъалаи муҳимми дигари азхудкунии заминҳои хоҷагии кишоварзӣ ҷо ба ҷо кардани кадрҳои механизаторӣ ва пеш аз ҳама аз ҳисоби намояндагони меҳнаткашони маҳаллӣ буд, зеро аз байни онҳо аз кор рафтан кам дида мешуд.

Бо мақсади ҳарчӣ тезтар ба даст овардани ҳалли ин масъалаи муҳимми иҷтимоӣ дар тамоми совхозҳои навбунёд курсҳои механизаторӣ кушода шуд, ки дар онҳо зиёда аз 250 ҷавон касбҳои навро азбар карданд. Зиёда аз 300 механизаторон, сарварони участкаҳои аграрӣ, аграномҳо, бригадирони участкаҳои истеҳсолӣ

---

132 БДТН ҶТ.- Ф. 954, р. 9, д.74, в. 7.

133 Коммунисти Тоҷикистон. 1970. № 7. С. 43.

бо мақсади баланд бардоштани савияи хеш ба колхозҳо ва совхозҳои водии Вахшу Ҳисор сафар мекарданд.[134]

Бо мақсади тезтар ва босифат азхудкардани заминҳои аз лиҳози ирригатсионӣ тайёри ноҳияи Ёвон ба ин мавзеъ техникаи пурқуввати ҳозиразамон, кадрҳои баландихтисос, коркунони пуртаҷрибаи ҳизбӣ, роҳбарони шуравӣ ба хоҷагӣ сафарбар карда шуд. Ҳамаи ин ғамхорӣ ба совхозҳои пахтакори ноҳияи Ёвон имконият дод, ки дар соли аввали азхудкунии хоҷагии кишоварзӣ ҳосили дилхоҳ ба даст оваранд ва нақшаи ба давлат фурӯхтани ҳосили пахтаро барзиёд иҷро намоянд. Ҳосилнокии пахта дар соли 1968 аз ҳар як гектар замин 9,5 сентнерӣ пешбинӣ карда шуда, дар амал 17 сентнерӣ ба даст оварда шуд.[135]

Бо мақсади сари вақт ба анҷом расонидани сохтмони навбати якуми обёрӣ ва азхуднамудани заминҳои водии Ёвон коллективи идораи сохтмони "Яванводстрой" соли 1969 дар майдони 12,7 ҳазор гектар замин азхудкардашуда, пайваста ба ин ба водии Обикиик тайёр кардан ва сар додани обу азхуд кардани навбати сеюми заминҳо корҳои зиёд бомуваффақият ба анҷом расид.

Барои он ки низоми обёрии Ёвону Обикиик сохтмони комсомолии тамоми мамлакат эълон шуда буд, бо мақсади мутобиқ кардани тамоми корҳои сохтмонию васлкунии азхудкунии заминҳои хоҷагии кишоварзӣ баҳори соли 1969 дар он Ситоди умумииттифоқии сохтмони зарбдори комсомолӣ барпо карда шуд. Ситоде, ки бо ташаббуси КМ комсомоли Тоҷикистон ва мушовараи Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об ташкил гардид, мунтазам машваратҳои

---

[134] БДТН ҶТ.- Ф. 954, р. 9, д. 79, в. 13.
[135] БДТН ҶТ.- Ф. 954, р. 9, д. 79, в. 13.

худро гузаронида, дар он масъалаҳои мубрамро мавриди муҳокима қарор медод.[136]

Чунин ситод дар кори ба обёрӣ ва азхудкунии комплексии заминҳои нави водиҳои Ёвону Обикиик ҷалб намудани комсомолону ҷавонон мавқеи калон бозид. Масалан, дар нимаи дуюми соли 1969 дар коллективи идораи сохтмони "Яванводстрой" 3500 одам, аз онҳо 688 ҷавонони то 30 - сола кор мекарданд, аз байни онҳо 170 - зарбдори меҳнати коммунистӣ 372 - нафар барои ба даст овардани ин ном мубориза мебурданд, 2317 - нафар дар мусобиқаи сотсиалистӣ ширкат меварзиданд.[137]

Маҳсулнокии меҳнати кормандони ҷабҳаи аграрӣ бо ҷараёни пешравии илмӣ-техникӣ алоқаи ногусастанӣ дорад, ки он сабаби минбаъд баланд гардидани дараҷаи техникии хоҷагии кишоварзӣ хоҳад гашт. Сол аз сол шумораи техникаи хоҷагии кишоварзӣ ва хоҷагии об, дар ташкилотҳои сохтмонӣ ва дар колхозу совхозҳои системаҳои обёрии Ёвону Обикиик бо суръати тез инкишоф меёбад. Танҳо дар солҳои 1968-1969 аз лиҳози техникӣ таъмин гаштани меҳнати заминдорони Ёвон 2,5 маротиба баланд гардид.[138]

Меҳнаткашони водии Ёвон дар се соли панҷсолаи ҳаштуми тараққиёти хоҷагии халқ тавонистанд навъи аввали пахтаро кишт карда, ба воя расонда, зиёда аз 50 ҳазор тонна ҳосил ба даст оваранд ва онро ба давлат фурӯшанд.[139]

---

136 БДТН ҶТ.- Ф. 331, р.4, д. 62, в.16.
137 БДТН ҶТ.- Ф. 331, р.5, д.55, в.1.
138 БДТН ҶТ.- Ф. 331, р.4, д. 5, в. 72.
139 XV11 съезд Коммунистической партии Таджикистана. Стен. отчет. - Душанбе, 1972.- С. 257.

Азхудкунии водии Ёвон идома дошт. Соли 1971 оби дарёи Вахш ба воситаи нақби панҷкилометра ба водии Обикиик ҷорӣ гардид. Дар заминҳои нав боз ду совхоз: "Ёвон-5" ва совхози ба номи "Анҷумани XX1V" бунёд карда шуд. Соли 1972 майдони кишти умумии низоми обёрии Ёвону Обикиик 31 ҳазор гектарро ташкил мекард, ки аз он 20 ҳазор гектарро майдони пахта ишғол мекард. Дар зарфи панҷ сол яъне аз соли 1968 то соли 1972 меҳнаткашони деҳот наздики 142 ҳазор тонна пахта ба давлат супориданд.[140]

Дар муддати солҳои 60-ум ба ҷузъ қисми тоҷикистонии Мирзочӯл ва водиҳои Ёвону Обикиик дар як вақт, инчунин азхудкунии заминҳои наву бекорхобида ҳам дар водиҳо ва ҳам дар ноҳияҳои кӯҳсори ҷумҳурӣ ҷараён дошт. Масалан, дар водии Вахш азхудкунии заминҳои нави Қумсангир, Ғараути, Қараланг, Ӯртабуз ва мавзеъи Қараултеппа, водиҳои Ёвону Обикиик ва Бешкент, мавзеъҳои Тошработ, Қарокул, Куриҷалол ба нақша гирифта шуд. Ба ҷузъ ин, азхудкардани заминҳои дарёбод дар ҳаҷми 146,7 ҳазор гектар ба нақша гирифта шуд. Васеъ гаштани заминҳои обёришаванда дар гурӯҳи ноҳияҳои вилояти Кӯлоб 25,2 ҳазор гектар ва водии Ҳисор 14,4 ҳазор гектар ба назар гирифта шуда буд.[141]

Корҳое, ки дар охири солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-ум оид ба сохтмони иншооти ирригатсионӣ ва мелиоративӣ имконият пайдо намуданд, ки даҳҳо ҳазор гектар заминҳои нав азхудкардашуда, вазъи заминҳои обёришавандаро бо об таъмин карда, ҳолати мелиоративи онро беҳтар гарданд. Масалан, соли 1961 навбати якуми обёрии дашти Марғедар пурра ба охир

---

[140] Коммунист Таджикистана. 1973, 3 июл.

[141] БДТН ҶТ.- Ф. 3. Р. 151, д.39, в. 124.

расид ва 3610 ҳазор гектар замини нави обёришаванда азхудкардашуд. Тамоми корҳои сохтмони канали калони Роҳатӣ аввали январи соли 1962 ба охир расида, 2464 гектар заминҳои обёришаванда азхуд гардид.[142]

Баъзе пешравиҳо инчунин доир ба масъалаи хоҷагии обу азхуднамудани заминҳои наву бекорхобида дар ВМБК дида мешуд. Масалан, соли 1961 дар шароити сахти баландкӯҳ дар 12 иншоот корҳои зиёд бурда мешуд ва дар натиҷа зиёда аз ду ҳазор гектар заминҳои нави обёришаванда азхудкарда шуд.[143]

Ҳуҷҷатҳои зиёди бойгонӣ шаҳодат медиҳанд, ки Вазорати мелиратсия ва хоҷагии об, Вазорати хоҷагии кишоварзӣ на ҳама вақт ба таври комплексӣ сохтмонҳои обёрикунандаро сари вақт ба иҷро мерасониданд, дар иҷрои корҳои мелиоративӣ ба ақибмонӣ роҳ доданд, ки бо ҳамин дар кори рушди хоҷагии кишоварзӣ ва ба таври самаранок истифода бурдани заминҳои обёришаванда, душвориҳо ба миён оварданд.

Масалан, дар колхозу совхозҳо ва дигар хоҷагиҳои давлатии ҷумҳурӣ мувофиқи вазъияти соли 1965 14,5 ҳазор гектар заминҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ тайёр кардашуда, аз истеҳсолот берун монданд. [144]

Инкишофи корҳои мелиоративии замин махсусан пас аз пленуми майии (соли 1966) КМ ҲКИШ ба таври васеъ ба кор монда шуд, зеро масъалаи мелиоратсия ҳамчун вазифаи умумидавлатӣ ба миён гузошта шуд. Мақсади асосии ба таври васеъ ба роҳ

---

[142] БДТН ҶТ, Ф.3. - Р. 143, д. 53, в. 250.
[143] Ҳамон ҷо. -Д. 112, в. 46.
[144] БМД ҶТ.- Ф.27, р.12, д. 211, в. 46.

мондани вазифаи сохтмони хоҷагии об дар Тоҷикистон ба таври комплексӣ азхудкардани заминҳои нави обёришаванда, обёрии чарогоҳ, ба таври сарфакорона истифода бурдани ҳар як гектари заминҳои аз мелиратсия баромада, ҳар як метри кубӣ истифодаи майдонҳои обӣ маҳсуб аст. Дар солҳои панҷсолаи ҳаштум дар Тоҷикистон ба ҷуз чунин иншооти хоҷагии об ба мисли низоми Ёвону Обикиик ва азхудкунии қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯл, инчунин масъалаи обёрии мавзеъҳои Ғараути, Қумсангир, Гулистон, Ӯртабуз дар майдони зиёда аз 30 ҳазор гектар замин азхудкардашуд, ки ин амалан ҳаракати ҷиддии азхудкардани навбати дигари заминҳои навкорами водии Вахш ҳисоб мешуд.[145]

Яке аз иншооти муҳимми хоҷагии об дар водии Вахш обёрии дашти Ғараутӣ ба ҳисоб мерафт. Дар натиҷаи сохтмони неругоҳҳои қудратноки обкашии якум ва дуюм, ки оби дарёи Вахшро ба баландии 42 метр боло мебаровард, баҳори соли 1967 2762 гектар замин аз худ карда шуд.[146]

Дигар иншооти муҳимми ирригатсионӣ-мелиоративӣ мавзеи Ӯртабузи ноҳияи Фархор маҳсуб буд. Дар ин ҷо сохтмони иншооти ирригатсионӣ аз соли 1960 то нимаи аввали соли 1970 идома карда, заминҳои аз лиҳози ирригатсионӣ-мелиоретивӣ дар майдони 5640 гектар тайёр карда шуд.[147]

Солҳои 60-ум дар қисми тоҷикистонии дашти Дилварзин ба таври комплексӣ азхуд кардани заминҳои нав оғоз гардид. Дар натиҷаи меҳнати диловаронаи коллективи трести "Таджикцелинстрой" аллакай соли

---

[145] БМД ҶТ.- Ф.27, р.12, д. 211, в. 158.
[146] Ҳамон ҷо
[147] БМД ҶТ.- Ф. 1613,р. 3, д.873, в. 46.

1963 азхудкунии даврраи якуми заминҳои дашти Дилварзин ба охир расида, ба давраи дуюми навбати якум он дар майдони 10 ҳазор гектар оғоз намуданд. Умуман, соли 1964 15 ҳазор гектар заминҳои қисми тоҷикистонии дашти Мирочӯл заминҳои нав азхуд карда шуд. Пас аз як сол корҳои асосии давраи дуюми азхудкунии заминҳо ба охир расид.

Хусусияти махсуси корҳои хоҷагии оби қисми тоҷикистонии дашти Дилварзин боз аз он иборат буд, ки охири солҳои 60-ум бо ёриву мадади ҳамаҷонибаи давлат колхозҳои ноҳияи Масчоҳ доир ба соҳаҳои хоҷагиву ташкилӣ мустаҳкам шуда, азхудкунии минбаъдаи заминҳои нав ба уҳдаи худи хоҷагиҳо гузошта шуд. Ба ҷуз ин дар хоҷагиҳои обу замини навкорам қувваи изофаи корӣ дида мешуд. Аз ин рӯ, корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративиро ба роҳ монда, ин қувваи кориро самаранок истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар давраи панҷсолаи нӯҳум масъалаи ба охир расонидани обёрӣ ва азхудкунии даштҳои Мирзочӯл ва Дилварзин ба нақша гирифта шуда буд. Азхуд ва обёрии заминҳои нави даштҳои Мирзочӯл ва Дилварзин барои ҷумҳурӣ моҳияти калони иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ дошт, ки ин вазифа ба уҳдаи коллективи трести “Таджикцелинстрой” гузошта шуда буд. Дар он вақт ин ташкилот чор заводи пахтакорӣ, идораи системаи обёрӣ, идораи корхонаи саноатӣ бо заводҳои зиёд ва сехҳои ёрирасони истеҳсолиро муттаҳид мекард. Азхудкунии навбати дуюми дашти Дилварзин сохтмони дастурии панҷсолаи панҷуми хоҷагии халқи Тоҷикистон ҳисоб мешуд. Дар ин ҷо ба нақша гирифта шуда буд, ки 9 ҳазор гектар заминҳои нав аз худ карда, 300 километр каналҳои зеризаминӣ ва дигар иншооти гидротехникӣ бунёд карда шавад.

Аммо душворӣ аз он иборат буд, ки заминҳои азхуд мешудаи навбати дуюми дашти Дилварзин нисбати якуми он аз сатҳи баҳр баландтар қарор дошт. Аз ин рӯ, барои ҳалли ин масъала зарур буд, ки хароҷоти изофа сарф бояд кард.

Дар тамоми иншооти сохтмонӣ мусобиқаи сотсиалистӣ васеъ ба кор бурда шуд. Экскаваторчиён Иван Акулов ва Аскар Акрамов, булдозеристон Виктор Федотов ва Николай Федров, тамоми коргарони бригадаи дастаҷамъӣ Рӯзӣ Шарипов ва Ҳайдаралӣ Хусалиев вазифаи ҳаррӯзаи худро 1,5 ва 2 баробар иҷро мекарданд.[148]

Дар солҳои азхудкардан ва обёрии дашти Дилварзин бисёр механизаторон, сохтмончиён, кормандони муҳандисӣ ва техникӣ, ташкилотчиёни истеҳсолӣ ва дигар фотеҳони азхудкунии даштҳои беканор бо меҳнати самараноки худ соҳиби мукофотҳои давлатӣ гардиданд. Масалан, дар ноҳияи Масчоҳ 3 - нафар соҳиби мукофоти баланди ҳамон замон, яъне Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, 19 - нафар ордени Ленин, 5 - нафар ордени Инқилоби Октябр, 43 - нафар ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, 6 - нафар ордени "Нишони фахрӣ", 316 - нафар бо медали Итифоқи шуравӣ сазовор гардиданд.[149]

Колхозу совхозҳои ноҳияи Мастчоҳ дар қисми шимолии Тоҷикистон аз лиҳози иқтисодӣ ва техникӣ дар натиҷаи азхудкунии заминҳои наву бекорхобида ва обёриву мелиоратсия пурқуват гардиданд. Масалан, дар зарфи 10 сол (соли 1965 то соли 1974) фондҳои асосии колхозу совхозҳои ноҳияи Мастчоҳ 2,9

[148] Коммунист Таджикистана. 1973. 16 марта.

[149] Бойгонии давлатии вилояти Ленинобод.- Ф. 456, р. 3, д. 56, в. 2.

маротиба, қувваи энергетикӣ 5,9 ва парки тракторҳо 1,7 маротиба афзуд.[150]

Дигар иншооти бузурги обёриву азхудкунии заминҳои нав дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон мавзеи Ашти Калон ба ҳисоб мерафт. Ҳоло дар панҷсолаҳои қабл аз ҷанг дар давраи иншооти суръатноки ирригатсионӣ дашти Ашт қисми шимолии канали калони Фарғонаро буррида мегузашт ва аз ҳамон муддат то ин дам дар ин мавзеъ азхудкунии заминҳои нав ва обёрии он ба таври мунтазам идома ёфт. Аммо бо сабаби оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ, вуҷуд надоштани техникаи пурқуввати хоҷагии кишоварзӣ ва ирригатсия, лоиҳаи аз лиҳози илмӣ асоснокшуда, имконияти молявӣ ва якчанд дигар сабабҳо то ниммаи дуюми солҳои 70 - ум дашти Ашти Калон дар шимоли Тоҷикистон умуман мавзеи азхуднашуда маҳсуб аст.

Дигар ин аст, ки яке аз хусусияти махсуси азхуднамудани ин мавзеъ аз он иборат аст, ки дар ин ҷо шароити душвори релефи ҷуғрофӣ вуҷуд дорад, бояд азхудкунӣ ва ирригатсияи он танҳо бо роҳи мошинӣ амалӣ карда мешуд. Маълум, ки дар он вақт барои обёрии мошинӣ дар ҷумҳурӣ базаи пурқуввати гидроэнергетикӣ вуҷуд надошт.

Танҳо дар миёнаи солҳои 70-ум тамоми шароитҳои зарурӣ барои амалӣ кардани чунин мақсад муҳайё гардид. Ба мисли дигар иншооти муҳими хоҷагии об барои мутеъ кардани Ашти Калони саркаш, бо дигар иншооти хоҷагии оби ҷумҳурӣ ин масъала ба нақшаи панҷсолаи нуҳуми тараққиёти хоҷагии халқ ворид карда шуд. Мувофиқи нақшаи обёрии навбати

---

150 Коммунист Таджикистана.1977. 18 янв.

якуми Ашти Калон мебоист 13 ҳазор гектар замини нав азхуд карда мешуд.

Дар солҳои азхудкунии Ашти Калон барои корҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ дар ҳаҷми 108,7 млн сӯм сарф карда шуд, 18,8 ҳазор гектар замин азхудгардида, дар майдони 56 ҳазор метри квадратӣ хонаҳои истиқоматӣ бунёд шуд, 3 совхози пахтакорӣ, 2-боғдорӣ, 1000 км. шабакаи обёришаванда ва бисёр дигар иншооти гидромелиоративӣ, зиёда аз 1200 гектар замин боғу ангурзор пайдо шуданд.[151]

Азхудкунии заминҳои Ашти Калон сохтмони зарбдори комсомолии умумиҷумҳурӣ эълон карда шуда, ба он аз тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ комсомолону ҷавонон ихтиёран омада, суботкорона хизмат мекарданд. Соли 1985 дар хоҷагиҳо, ташкилотҳои сохтмонии ноҳияи Ашт 34 коллективи комсомолону ҷавонон барпо карда шуд, ки дар он 6000 намояндагони 14 миллату халқиятҳои шуравӣ даст ба даст кору фаъолият мекарданд. Бояд зикр кард, ки солҳои рукуд чун дигар иншооти гидротехникии ҷумҳурӣ ба масъалаи азхудкунии заминҳои Ашти Калон таъсири манфӣ расонид.

Азхудкунии хоҷагии кишоварзии Ашти Калон аз дигар корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративии ҷумҳурӣ ба ақибмонӣ рӯбарӯ шуд, ки ба ин воқеа сабабҳои субъективӣ ва объективӣ низ буданд. Қабл аз ҳама сифати ба гардиши хоҷагии кишоварзӣ ворид кардани заминҳои наву бекорхобида ба талаботи агротехникӣ на ҳама вақт ҷавобгӯйи вақт буд. Барои ҳамин ҳам, азхудкунии навбати якуми заминҳои нави ин ҷо дурудароз кашол ёфта, танҳо дар ибтидои солҳои 80-ум ба охир расид.

---

[151] Агитатор Таджикистана. 1885. № 11.С

Дар солҳои 70-ум масъалаи обёрӣ ва азхудкунии заминҳои водиҳои Ёвону Обикиик ҳамчун пештар дар маркази диққати сохтмонҳои хоҷагии оби Тоҷикистон меистод. Дар дастури анҷумани XXI Ҳизби коммунистӣ вазифа гузошта шуда буд, ки обёрии заминҳои водиҳои Ёвону Обикиик дар панҷсолаи даҳуми тараққиёти хоҷагии халқи мамлакат ба итмом расонда шавад. Дар навбати дуюми азхудкунии водиҳои Ёвону Обикиик азхуд кардани 4 ҳазор гектар замини нав ба нақша гирифта шуда буд.

Дар сохтмон ва обёрию азхудкардани заминҳои водии Ёвон коргарони идораи "Яванводстрой", ки иттиҳодаи механикунонидаи колонаи сайёр ҳисси арзанда гузоштанд.

Сохтмончиён дар солҳои панҷсолаи нӯҳум наздики 1000 гектар заминро бояд дар навбати якуми азхудкунӣ ба кор медароварданд ва дар навбати дуюми 4 ҳазор гектар азхудкунии заминро оғоз намоянд, ба 640 ҷой мактаб сохта, 22900 метри квадратӣ хонаҳои истиқоматӣ рост намоянд ва ду фермаи механизаторӣ барои 1600 моли калони шохдор тайёр карда шавад.[152]

Коллективи идораи сохтмончиёни "Яванводстрой", дар ҷараёни истеҳсолот мусобиқаи сотсиалистиро васеъ намуда, вазифаҳои ба пеш мондаи панҷсолаи нӯҳумро бомуваффақият ба ҷо оварданд. Наздики 13 ҳазор гектар заминҳои нав азхудшуда ба истифода дода шуд ва 8 ҳазор гектар замини чарогоҳ обшор гардид.[153]

Совхозҳои заминҳои навазхудшуда, ки дар ихтиёри Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об буданд, ба тобеияти Вазорати хоҷагии кишоварзӣ гузаронида

---

[152] Коммунист Таджикистана. 1973, 3 июн.
[153] Коммунист Таджикистана. 1975. 17 окт.

шуд. Комиссияи ин вазорат баъд аз дида баромадани вазъи кор дар низоми хоҷагии оби водиҳои Ёвону Обикиик камбудиҳоро ошкор карда, чораҳои аз байн бурдани онҳоро нишон дод. Аммо дар солҳои рукуд ин чорабиниҳо дар бисёр маврид дар коғаз монданд.

Ба ин камбудиҳо нигоҳ накарда сохтмонҳои мелиоративӣ дар вилоятҳои Ленинобод (Суғд) ва Кӯлоб, водиҳои Вахшу Ҳисор идома меёфт. Хусусияти хоси обёрӣ ва азхудкунии заминҳои нав дар ин давра аз он иборат буд, ки бори нахуст бо миқёси калон заминҳои лалмӣ дар ноҳияҳои кӯҳии водии Зарафшон, болооби Вахш, ВМКБ азхуд карда, дар он соҳаҳои табаккорӣ, картошкапарварӣ ва боғдорӣ, ки даромаднок буданд азхуд ва обёрӣ карда мешуданд.

Дар солҳои панҷсолаи даҳум ва ёздаҳуми инкишофи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ водии Бешкент, ки дар навбати якум бояд 7 ҳазор гектар ва дар маҷмуъ 20 ҳазор гектар замин азхуд карда шавад. Инчунин, азхудкунии заминҳои наву бекорхобида дар мавзеъҳои Қарокӯлтеппа, Тошработ, Қародум ва Полвонтуғай дар назар дошта мешуд. Дар ин давра танҳо дар водии Вахш 18 ҳазор гектар, дар вилояти Кӯлоб 7 ҳазор гектар замини нав ва бекорхобида ба истеҳсолот дода мешуд. Дар вилояти Ленинобод бошад азхудкунии заминҳои наву бекорхобидаи Ашти Калон ва давом додани корҳои азхудкунӣ дар дашти Мирзочӯл ва Дилварзин дар назар дошта шуда буд.[154]

Бояд зикр намуд, ки дар кори ба лоиҳакашии корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративии иншооти дар давраи дуру дароз, аз он ҷумла дар солҳои панҷсолаи даҳуму ёздаҳум мавқеи калонро коллективи Институти “Таджикгипроводхоз” бозӣ мекард. Ҳоло дар аввали

---

[154] Коммунисти Тҷикистон.1981. 23 июн

солҳои 60 - ум институт барои тартиб додани шабакаи обёрии дашти Данғара  аз обанбори Норак ба кор машғул шуд. Ин иншооти бузурги ояндадор, 75 ҳазор гектар майдони заминҳои бекорхобидаи ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистонро азхуд ва шодоб менамуд.

Масъалаи минбаъдаи институти “Таджикгипроводхоз” кор карда баромадани лоиҳаи навбати якуми обёрӣ ва азхудкунии заминҳои бекорхобидаи водии Бешкент маҳсуб буд, дар натиҷа он соли 1977 бо дипломи НКХХ ИҶШС сазовор гардид.[155]

Дар ноҳияи Шаҳртӯс азхудкардани заминҳои бекорхобидаи водии Бешкент дар назди ташкилотҳои ҳизбӣ, шуравӣ ва хоҷагӣ солҳои 70-ум ва нимаи аввали 80-ум як таҷрибаи ҷиддӣ баҳисоб мерафт. Ба обу ҳавои вазнини ин ҷо нигоҳ накарда, дар нимаи аввали солҳои 80-ум дар ин мавзеъ 13 ҳазор гектар заминҳои нав ва ҳазор гектар заминҳои кӯҳна ба нақша гирифта шуд. Дар водии Бешкент панҷ совхози нав таъсис ёфтанд, аз ҷумла 4 совхози пахтакор.

Азхудкунии заминҳои водии Бешкент сохтмони интернатсионалӣ ба ҳисоб мерафт, дар шароити обуҳавои хушк ва ниҳоят гарм намояндагони 27 миллату халқият аз гӯшаву канори Иттифоқи Шуравӣ ихтиёран омада, бо якҷоягии халқи тоҷик даст ба даст гирифта, дар ҷараёни истеҳсолот самаранок хизмат мекарданд.

Дар солҳои панҷсолаҳи даҳум ва ёздаҳум яке аз калонтарин ташкилоти обу хоҷагӣ дар ҷумҳурӣ тресги “Вахшводстрой” буд, ки сохтмонҳои иншооти душвортарин ва қабл аз ҳама неругоҳҳои насосӣ, ки

---

[155] Коммунист Таджикистана.1981. 27 янв.

обро ба баландиҳо кашида мебароварданд, ба иҷро мерасонид. Дар ин давра корҳои калони ирригатсионӣ ва мелиоративӣ, азхудкунии заминҳои наву бекорхобида дар мавзеъҳои Тошработ, Қарокӯлтеппа ва Қарадум бурда мешуд.

Яке аз муҳимтарин иншооти ирригацрсионӣ ва мелиоративии мавзеи Тошработ дар панҷсолаи ёздаҳум дар водии Вахш азхудкунии мавзеи Қарадум, ки майдони 18 ҳазор гектарро ташкил мекард, ва дар байни шаҳрҳои коргарнишини Дустӣ ва Панҷи Поён ҷойгир буд. Азхудкунии мавзеи Қародум дар чанд давра ба ҳисоб гирита шуда, хароҷоти умумияш 200 млн сӯмро ташкил медод.[156]

Нимаи аввали солҳои 80-ум дар вилояти Қӯрғонтеппа наздики 220 ҳазор гектар замин обшор гардид ва дар натиҷа водии Вахш ба комплекси бузурги агросаноатӣ табдил ёфт. Ворису сохтмончиёни асосии водии Вахш аз тресті "Вахшводстрой" М. Мирзомуродов, аз идораи сохтмонии "Вахшводстрой" П. Серов, аз "Бешкентводстрой" А. Попович ва бисёр дигаронро номбар кардан ҷоиз аст.

Дар солҳои панҷсолаи ёздаҳум ва минбаъд яке аз иншооти ояндадор ва бузурги хоҷагии об дар миқёси ҷумҳурӣ, азхудкунии заминҳои дашти Данғара ба ҳисоб мерафт. Дашти Данғара, ки аз обанбори Норак на он қадар дур буд, даҳҳо ҳазор гектар заминҳои ҳосилхез дорад. Ягона воситаи самарнок истифода бурдани чунин заминҳо бо роҳи обшор кардан, яъне сохтмони нақби ирригатсионӣ ҳисоб меёфт. Сари вақт ва бомуваффақияти ба итмом расонидани сохтмони нақби ирригатсионӣ, азхудкунии заминҳои бекорхобидаи

---

156 Коммунист Таджикистана.1981. 27 янв.

дашти Данғара, сабаби ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маданӣ маърифатӣ ва дигар масъалаҳои ҷамъиятӣ мегардад.

Дар охири солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-ум азхудкунӣ ва обшор намудани дашти Данғара аз лиҳози аҳаммияти хоҷагии халқ ва миқёс аз сохтмони водии Вахш кам набуд. Дар дашти Данғара минбаъд наздики 80 ҳазор гектар заминҳои наву бекорхобида азхудкарда, мувофиқи нақша дар ин ҷо бояд 24 совхоз барпо карда мешуд.

Барои иҷрои саривақтии вазифаҳои комплексии пешниҳод шуда, 28 неругоҳҳои насосӣ, 775 км. хатти барқӣ, 1200 к.м. каналҳои байнихоҷагӣ ва дохили хоҷагии обёришаванда сохта мешуд. Мувофиқи ҳисобу китоби пешакӣ дашти Данғара, ки азхудкунӣ ва обёрии он дар се навбат ба ҳисоб гирифта шуда буд, дар як сол ба давлат 64 ҳазор тонна пахта супорида, ба зами ин 358 тонна ангур, 77 ҳазор тонна меваҷот ва 15 ҳазор тона сабзавот месупурд.[157]

Азхудкунии дашти Данғара, ки дар се давра ба нақша гирифта шудааст, дар оянда яке аз калонтарин ва душвортарин иншооти иригатсионӣ ва мелиоративии ҷумҳурӣ мебошад. Навбати аввали он бояд дар охири солҳои 80-ум ба охир расонида мешуд ва зиёда аз 10 ҳазор гектар заминҳои наву бекорхобида аз худ мегардид. Мувофиқи нақша ташкил кардани ду совхози пахтакорӣ барпо карда шуда, ҳазор гектар боқимонда заминҳои нав ҳамчун мавзеи обёришаванда барои истеҳсоли хӯроки чорвои совхози “Данғара” равона мегардид.[158]

---

[157] Сельское хозяйство Таджикистана. 1986, № 7. С. 11.
[158] Ҳамон ҷо.

Тавре ки маълум гашт дар давраи аввал азхудкунии заминҳои нав асосан баҳри инкишофи пахтакорӣ муайян шудааст. Дар ҷараёни азхудкунии заминҳои нав, якчанд камбудӣ ҷой доштанд, ки ба суръати сохтмон таъсири манфӣ мерасониданд. Ин норасоиҳо оид ба таъмин кардани корҳои ирригатсионӣ ва хоҷагии кишоварзӣ бо техника, парокандагии онҳо, нарасидани кадрҳо махсусан механизаторҳо дахл дошт. Дар натиҷаи ба таври лозимӣ ташкил накардани шароити маданӣ иҷтимоӣ, аз кор рафтани кадрҳо ва махсусан аз байни шахсони ба ҷумҳурӣ аз дигар мавзеъҳои мамлакат коргарони омада мушоҳида карда мешуд. Чунин вазъиятро ба эътибор гирифта омӯзишгоҳи касбии № 57 дар ноҳияи Данғара барои тайёр намудани кадрҳои механизатории касбу кори мухталиф 720 ҷой ҷудо кард.

Дар корҳои сохтмони ирригатсионӣ ва азхудкардани заминҳои дашти Данғара ва дигар иншотҳои хоҷагии оби ҷумҳурӣ комсомолону ҷавонон фаъолона ширкат варзиданд. Масалан, соли 1985 дар шаш ташкилот, ки дар кори азхудкардани дашти Данғара мутасаддӣ буданд, 600 нафар ҷавонону духтарони синни то 30 сола, ки аз байни онҳо 457 нафарро комсомолон ташкил мекарданд. Дар ҷойҳои ҳалкунандаи сохтмон 15 бригадаи комсомолону ҷавонон таъсис ёфта буд.[159] Ба ҳамаи ин муваффақиятҳо нигоҳ накарда, дар охири панҷсолаи ёздаҳум, ягон иншооти азхудкунии дашти Данғара пурра иҷро нашуд.

Дар муддати таҳқиқоти илмии зерин азхудкунии заминҳои нав дар ҷумҳурӣ, инчунин дар ноҳияҳои кӯҳсор, аз ҷумла болооби Зарафшон, Қаротегин ва

---

[159] Агитатор Таджикистана.1985. № 18, С. 15-16.

ВМБК ва ғайра идома меёфт. Ин азхудкунӣ асосан бо кишти соҳаҳои маданияти техникӣ, ба мисли табаккорӣ, инкишофи минбаъдаи боғдорӣ ва обчакорӣ равона шуда буд. Яке аз сабабҳои ин ҷараён ба он вобастагӣ дошт, ки қисми муайяни хоҷагиҳои ба мавзеъҳои пахтакор муҳоҷиршуда, ки аҳолии он ҷо афзуда буд, боз рӯ ба ноҳияҳои пешинаи кӯҳӣ намуданд. Бинобар ин, собиқ муҳоҷирони ба ноҳияҳои кӯҳӣ баргашта ба корҳои азхудкунии заминҳои талу теппа ва лалмӣ, ки ба истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ эҳтиёҷ дошт, ҷалб карда мешуданд.

Дар шароити Тоҷикистон минбаъд инкишоф додани боғдорӣ ва ангурпарварӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор ва вилояти Кӯлоб шароитҳои лозимӣ вуҷуд дошт. Дар ин мавзеъҳо наздики 360 ҳазор гектар заминҳои лалмӣ вуҷуд дорад.[160]

Ҳамин тавр, дар солҳои 1961-1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикстон масъалаи инкишофи ирригатрсия ва азхудкунии заминҳои наву бекорхобида дар ҳалли масъалаҳои аграрӣ ва инкишофи соҳаҳои мухталифи хоҷагии кишоварзӣ, дар маркази диққати ташкилотҳои ҳизбию давлатӣ ва хоҷагии об ҷои махсусро ишғол мекард. Дар натиҷаи меҳнати зарбдоронаи деҳқонон, кормандони инженер-техникӣ ва роҳбарони соҳаи аграрӣ, дар ин масъалаи муҳимми хоҷагии халқ ба муваффақиятҳои ба чашм намоён ноил гашт. Дар натиҷа садҳо ҳазор гектар заминҳои асрҳо бекорхобидаи обиву лалмӣ чӣ дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва чӣ дар водиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон азхуд карда шуданд, ки он аҳаммияти зиёди истеҳсолиро доро буд. Таркибӣ иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маданӣ-маърифатии меҳнаткашони деҳот рушду нумуъ ёфт.

[160] Коммунист Таджикистана. 1983. 27 апр.

# БОБИ IV.
# МУҲОҶИРАТИ БА НАҚША ГИРИФТАШУДАИ ДОХИЛӢ

Дар солҳои пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ, аз ҷумла масъалаи муҳоҷирати дохилии деҳқонони деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни дигаргуниҳо ва азнавсозиҳо мувофиқи шароити вуҷуддошта рӯи кор меомаданд. Масъалаи барқароркунии хоҷагии кишоварзӣ бо масъалаи ташкил кардани муҳоҷирати дохилӣ алоқаи қавӣ ва ҷудонашаванда дошт. Зеро маълум, ки дар солҳои ҷанг ҷараёни муҳоҷирати дохилӣ асосан хомӯш монда буд, зеро барои ҳалли ин масъалаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шароитҳои мусоид вуҷуд надошт. Танҳо пас аз ҷанг баробари ба миён омадани масъалаи барқароркунии хоҷагии кишоварзӣ, масъалаи эҳё кардани ҷараёни муҳоҷирати дохилӣ низ ба миён омад. Ин масъала дар нақшаҳои кашидаи роҳбарияти ҷумҳурӣ ба таври мушаххас ба инобат гирифта шуда буд.

Саволе ба миён меояд, ки чаро ба ҳалли ин масъала аз ҷониби роҳбарияти мамлакат диққати ҷиддӣ дода шуд? Зеро бе қувваи кории зарурӣ ҳазорҳо гектар заминҳои аз истеҳсолот бозмондаю бекорхобидаро барқарор ва азхудкардан аз имкон берун буд. Масалан, агар майдони кишти зироати пахтакорӣ дар ҷумҳурӣ соли 1940 106,1 ҳазор гектарро ташкил мекард, соли 1945 он ба 95,9 ҳазор гектар фаромад, яъне он қариб 5,5 ҳазор гектар кам шуд, ки ин миқдор дар шароити Тоҷикистони камзамин нишондиҳандаи зиёд буд. Чунин камшавии замини кишт дар дигар соҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ низ дида мешуд.

Дар ин марҳалаи тақдирсоз ва масъулиятнок дар назди халқу Ватан вазифаи бағоят ҷиддӣ ва дар айни замон фаврии барқарор ва минбаъд инкишоф додани хоҷагии халқ меистод. Бо супориши КМ ҲКИШ ва Шурои Комиссарони халқии ИҶШС соли 1944 Кумитаи ба нақшагирии мамлакат (Госплан) вазифадор гардид, ки нақшаи баъди ҷангии барқароркунӣ ва инкишофи минбаъдаи хоҷагии халқи мамлакатро барои солҳои 1946-1950 тартиб диҳад. Моҳи марти соли 1946 ин нақша аз ҷониби сессияи якуми Шурои Олии ИҶШС тасдиқ гардид.

Дар солҳои муборизаи зидди душман қувваи асосии корӣ ба набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ сафарбар шуда буданд. Аз ин рӯ, ин масъалаи муҳимми иқтисодӣ-иҷтимоиро бо ду роҳ ҳал кардан имконият дошт. Якум, бо роҳи ба мавзеъҳои нав сафарбар кардани сарбозони аз набардҳои ҷангбаргашта ва дувум ба он ҷо муҳоҷир кардани деҳқонони ноҳияҳои баландкӯҳ, ки агарчи дорои қувваи изофаи корӣ будан заминҳои корам барои ҳамаи онҳо кифоя намекард. Дар ибтидои солҳои баъди ҷангӣ муҳоҷирати дохили ҷумҳурӣ ва берун аз он бештар ба водии Вахш равона карда шуд. Масалан, доир ба ин масъала дар “Қонуни нақшаи панҷсолаи барқароркунӣ ва инкишофи хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1946-1950”, аз ҷумла зикр шуда буд, ки ба водии Вахш муҳоҷирати 7000 хоҷагиҳои деҳқононро ташкил карда, барои ҷо ба ҷо кардани онҳо сари вақт шароити мусоид муҳайё намуда, дар ин замина ташкилоти салоҳиятдори

сохтмонии “Муҳоҷирсохтмон” ҳамаҷониба мустаҳкам карда шавад.[161]

Аҳаммияти бузурги хоҷагии халқ доштани азхудкунии водии Вахшро ба назари эътибор гирифта, бо қарори КМ ҲКИШ ҳанӯз аз моҳи декабри соли 1944 ба Ҳукумат ва Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон дар соли 1945 аз дигар вилояту ноҳияҳои кӯҳию баландкӯҳ ба ин водӣ муҳоҷир кардани 1500 хоҷагиҳои деҳқонон амр карда шуд. Ба ҷузъ ин, дар он ҳуҷҷат зикр шуда буд, ки худи ҳамон сол ба ноҳияи пахтакори водии Вахш 5000 хоҷагиҳои муҳоҷирони махсус “Спецпереселенцы” аз мавзеъҳои Кавказу Федератсия Россия ва инчунин Қрим фиристода мешаванд.[162]

Ҳамин тавр, ҷараёни муҳоҷиркунии дохилӣ бо суръати тез мерафт. Масалан, соли 1945 ба ноҳияҳои водии Вахш аз вилояти Суғду Ғарм қариб 1500 хоҷагии деҳқонон ва  4300 хоҷагӣ аз мавзеъҳои гуногуни ИҶШС чун муҳоҷирони махсус кӯчонида оварда шуданд.[163]

То нимаи дувуми соли 1946 боз ба ҷумҳурӣ зиёда аз 800 хоҷагиҳои бадарғашуда ворид шуданд, ки аз он зиёда аз 500 хоҷагӣ ба колхозҳои водии Вахш тақсим карда шуда, 300 хоҷагии дигар дар муассисаву корхонаҳои истеҳсолии ҷумҳурӣ мувофиқи маълумоту касбашон ҷой гирифтанд. Дар зарфи соли 1945 ва нимаи аввали соли 1946 ҳамагӣ шумораи муҳоҷирони махсус ё худ бадарғашудагон дар Тоқикистон зиёда аз 6 ҳазор хоҷагӣ, беш аз 19 ҳазор нафар одамро, ки аз он

---

161 Закон о пятилетнем плане восстановления и развития народного хозяйства Таджикской ССР на 1946-1950 гг. - Сталинабад, 1946. - С. 31.

162 БДТН ҶТ.- Ф.3,р. 100, д9, в. 18.

163 БДТН ҶТ.- Ф.3,р. 100, д9, в. 18.

қариб 10 ҳазор нафар қувваи корӣ буд, ташкил мекарданд.[164]

Аз рӯйи тақсимот маълум гардид, ки бештари шумораи хоҷагиҳои бадарғагашта ба ноҳияҳои вилояти Қӯрғонтеппа, ки ҷараёни барқарор ва минбаъд инкишоф додани шабакаи обёрикунанда ва азхудкардани заминҳои наву партов бо суръат идома меёфт, фиристода шуданд. Дар ин ҷо андеша меравад ва ниҳоят бамаврид аст, ки барои хонандагони гиромӣ ба таври ниҳоят фушурда оид ба муҳоҷирони маҷбурӣ (спецпереселцы), ё худ аниқтараш ба бадарғашудагон (депортатсия) маълумоте дода шавад. Дар давраи Ҷанги Бузурги Втанӣ ва махсусан аз ибтидои соли 1944 сар карда, дар Иттиҳоди Шуравӣ нисбат ба баъзе халқҳои Қавкоз, Крим, Поволже ва тарафдорони хойини ватан дар солҳои ҷанг - Власов сиёсати муҳоҷирати маҷбурӣ ё худ бадарғакунӣ ба қисми шарқии мамлакат оғоз гардид. Дар зарфи солҳои 1944-1946 қариб 3 миллион нафар халқҳои номбурда аз Ватани бобоӣ ба дигар мавзеъҳои Иттиҳоди Шуравӣ бадарға гардиданд.[165]

Мо дар ин ҷо  мақсади ҳаматарафа кушода додани сабабҳои субъективӣ ва объективии ин ҷараёни бадарғакунии оммавӣ ва оқибатҳои манфии онро пеш нагузоштааем, зеро ин масъалаи ҷиддӣ ва сиёсӣ буда, таҳқиқоти ҳамаҷониба ва махсуси илмиро  талаб мекунад.

Бар хилофи ҳадафу ормонҳои сиёсии давлати шуравӣ дар Тоҷикистон захираи қувваи кории кофӣ мавҷуд буд. Аммо аз сарварони онвақта ҷуръати кушоду равшан ба И.В. Сталин иброз намудани ин

[164] БДТН ҶТ.- Ф.3,р. 100, д9, в. 15.

[165] Известия, 30 декабри соли 1992.

матлабро надоштанд. Ба бахти миллати тоҷик тобистони соли 1946 Б.Ғ. Ғафуров Муншии аввали КМ Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон интихоб гардид. Б.Ғ. Ғафуров он вазъиятро ҳамаҷониба ва дақиқу амиқ таҳлил карда, ба ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ диққати махсус дод. Диққати ӯро андешаҳои ватанпарастонаи фарзандони миллати тоҷик Н. Махсум, А. Ҳоҷибоев, Ш. Шотемур ва дигарон ба худ ҷалб карда буд. Ба андешаи Б.Ғ. Ғафуров ва дигар рӯшанфикрони тоҷик бояд соҳиби заминҳои аҷдодии худ гарданд. Аз байни роҳбарони ҳизбию давлатии Тоҷикистон, маҳз ҷасорат, тавоноӣ, ақлу хиради Б.Ғ. Ғафуров даст дод, ки ӯ тавонист, И.В. Сталинро дар бораи ниҳоят фаровон ва барзиёд будани қувваи корӣ дар Тоҷикистон муътамад созад.

Ба сарвари заковатманд ва ниҳоят дурандеши Тоҷикистон Б.Ғ. Ғафуров ҳалли ин масъала низ ба осонӣ муяссар нагардид. Мубаллиғон ба мардуми бонангу номуси кӯҳистони тоҷик ҳадафи асосии ҲКИШ ва ҲК Тоҷикистон, ки аз рафъи харобиҳои ҷанг, барқарории хоҷагии халқ ва дар муддати кӯтоҳ ба сатҳи пеш аз ҷанг расидану пеш рафтани меҳнаткашон, аз ҷумла халқи тоҷик иборат буд, фаҳмонида тавонистанд. Дар он солҳо, дар марказ ва Тоҷикистон ашхосе ёфт мешуданд, ки майли зиёди аз манотиқи марказии шуравӣ ба водии зарнисори Вахш муҳоҷир кардани аҳолиро доштанд. Масалан, муншии дувуми КМ ҲК Тоҷикистон П.С. Обносов дар ёддоштҳояш менависад, ки "Барои ободонии водии Вахш аз Украина интиқоли теъдоди муайяни одамон пешниҳод шуда буд".[166]

---

[166] Адабиёт ва санъат, 1989, 21 декабр.

Вале аз бобати таркиби иҷтимоии гурӯҳи мазкур на ҳама кас воқиф буд. Танҳо ба Б.Ғ.Ғафуров ва амсоли ӯ фидоиёну сарсупурдагони миллати мудом ҷабру зарардидаи тоҷик маълум буд, ки ин "ғамхорӣ" ба халқи тоҷик чӣ оқибатҳои манфие ба бор хоҳад овард.

Шурои Вазирони ҷумҳурӣ сарвари шуъбаи муҳоҷиркунии Тоҷикистонро низ вазифадор кард, ки шахсан якчанд коркунони масъулро ҳам ба вилояти Ғарм, макони баромади муҳоҷирон ва вилояти Қӯрғонтеппа ҷову макони нави фотеҳони заминҳои бекорхобида то дами ба охир расидани ҷараёни кӯчокӯч равон намояд ва бевосита оид ба сари вақт ва бе олоиш гузаронидани ин чорабинӣ саҳмгузор бошанд.[167]

Дар зарфи соли 1946 ба хоҷагиҳои пахтакори заминҳои нав азхудкардашудаи вилояти Кӯлоб 23 колхози начандон калон ва аз лиҳози захираи иқтисодӣ ниҳоят сусти ноҳияҳои Сари Хосор, Ховалинг ва Балҷувон муҳоҷир карда шуданд,[168] ки ин ҷараён солҳои минбаъда низ идома ёфт. Муншии аввали Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Б.Ғ. Ғафуров дар нахустин Пленуми ҲК Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баъд аз ба сари қудрат омаданаш (сентябри соли 1946) доир гардида буд, дар радифи масъалаҳои муҳимми ҷумҳурӣ мавзуи аз ноҳияҳои кӯҳсори камзамину сераҳолӣ ба водиҳо кӯчонидани деҳқононро баррасӣ намуд.[169] Форуми ҳизбӣ тибқи нишондоди Б.Ғ Ғафуров қарор қабул кард, ки минбаъд муҳоҷирати деҳқонон ба заминҳои навкорам маҳз аз ҳисоби аҳолии худи ҷумҳурӣ сурат гирад, зеро қувваи корӣ дар ин ҷо кофӣ буда, ба

---

[167] БМД ҶТ. -Ф.288, р. 9. Д.23, в. 26.
[168] БДТН ҶТ. -Ф. 1609 р. 3, д.1187, в.14
[169] БДТН ҶТ. - Ф. 3,р.4 д.976, в. 136.

кӯчонда овардани одамон аз дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ зарурате нест.

Мақомоти ҳизбию давлатии ноҳияҳои водии Вахш баъзан ба ҳалли мусбат ва сариваќтии сиёсати муҳоҷиргардонӣ бепарво ва беэътиноӣ зоҳир мекарданд. Масалан, кумитаи ҳизбӣ ва кумиҷроияҳои ноҳияҳои водии Вахш дар зарфи соли 1947 ҳатто боре ҳам дар маҷлисҳои худ масъалаи рафти муҳоҷиргардониро мавриди муҳокима қарор надода буданд. Дар натиҷа рӯйдодҳои ба макони пешинаи худ бозгаштани қисми муайяни муҳоҷирон рух медод, ки ин амал барои ҷамъият ҳам зарари моддӣ ва ҳам маънавӣ меовард. Масалан, соли 1947 аз 2772 хоҷагиҳои муҳоҷиргардида 450-тояшон боз ба вилояти Суғду водии Ғарм баргашта рафтанд.[170]

Дар қарори Ҳукумат ва Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон “Оид ба соли 1947 дар колхозҳои вилояти Сталинобод ҷойгир кардани муҳоҷирони дохилӣ” ба мақомоту ташкилотҳои болоиву поёнӣ супориш дода шуда буд, ки мувофиқи дархости маҳалҳо муҳоҷирон ба мавзеъҳои ин вилоят чунин тақсим карда шавад: ба 9 ноҳияи вилояти Сталинабод, аз ҷумла ба Ҷилликӯл, Кировобод, Колхозобод, Шаҳртус, Октябр аз вилояти Ғарм 1230 хоҷагии деҳқон муҳоҷир карда шаванд.[171]

Бо мақсади сари вақт иҷро кардани вазифаҳои минбаъда инкишоф додани соҳаи пахтакорӣ ва вилоятҳои Кӯлобу Сталинободро бо қувваи корӣ таъмин кардан Пленуми апрелии соли 1947 дар қарори худ Шурои Вазирони ҷумҳуриро вазифадор кард, ки дар зарфи солҳои 1947-1949 аз ноҳияҳои кӯҳии вилоти

---

170 БДТН ҶТ. - Ф. 3,р.70,д.9, в. 118.
171 БМД ҶТ. - Ф.288, р. 9. Д. 23, в. 26.

Суғд, Ғарм ва Кӯлоб 7800 хоҷагии деҳқонон муҳоҷир карда шаванд.[172]

Танҳо дар зарфи соли 1948 аз 16 ноҳияҳои кӯҳиву баландкӯҳ наздики 5000 хоҷагӣ ба водиҳо муҳоҷир гардида, қариб ҳамаи онҳо сари вақт бо заминҳои назди ҳавлигӣ, ки зиёда аз 1,2 ҳазорӣ гектар ташкил мекард, таъмин гардиданд.[173]

Тобистони соли 1949 ба сари халқи кӯҳистони тоҷик, ки асрҳои аср ҷафо мекашид, мусибати бисёр ҳам сангине бор шуд. Бар асари зилзилаи сахти якчандрӯза ноҳияи Ҳоити водии Қаротегин ба харобазор табдил гардид, халқи тоҷик талафоти азиме дод. Бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи Б.Ғ.Ғафуров комиссияи давлатии рафъи оқибатҳои зилзила таъсис ёфт. Ба ҳайати он ба ҷузъ олимону мутахассисон М. Шогадоев чун Раёсати Олии Шурои Олии Тоҷикистон, ки худ зодаи ин ноҳияи офатзада буда, монанди ҳазорон ҳамдиёриёнаш аз хешу табори наздикаш маҳрум гардид, дохил карда шуд. Ҷои шубҳа набуд, ки дар шароити онвақта, ки мамлакат дар паси тармими харобиҳои ҷанг қарор дошт, бо тезӣ барқарор кардани ноҳия ғайриимкон буд. Барои азоб накашидани мардуми зиндамонда бо тавсияи Б.Ғ. Ғафуров ва М. Шогадоев дар як муддати кӯтоҳ аз тамоми имконият истифода бурда, аҳолии боқимондаи ноҳияи харобгаштаи Ҳоит ба вилояти Сталинобод, қабл аз ҳама водии Вахш кӯчонида шуданд. Ин муҳоҷират аз рӯйи зарурат сурат гирифта, ба муҳоҷирати пешакӣ ба нақша гирифта, ҳамроҳ шуд, соли 1949 қариб 5,5 ҳазор

[172] Коммунист Таджикистана, 1947, 30 апрел.
[173] БДТН ҶТ.- Ф.3.-Н.100.-Б.92.-В. 27.

хоҷагӣ расид, ки аз он зиёда аз 4,3 ҳазораш ба14 ноҳияҳои вилояти Сталинобод тақсим шуданд.[174]

Дар ҳамин муддат ҷараёни муҳоҷирати дохилии деҳқонон бо тадриҷ идома меёфт. Бо маълумоти профессор Абдурашитов Ф.М. соли 1950-ум аз ноҳияҳои кӯҳии Кангурт, Данғара, Тоҷикобод, Оби Гарм 7-колхоз ба ноҳияи Ҷилликул муҳоҷир карда шуданд. Аз ноҳияҳои вилояти Ғарм ба ноҳияҳои вилояти Сталинобод 40 – колхоз, аз ҷумла ба ноҳияи Шаҳртӯс -15, Кировобод-8, Микоянобод-8, Ҷиргатол-3 ва ноҳияи Куйбешев -1 колхоз муҳоҷир шуданд [175].

Дар миёнаи солҳои 50-ум масъалаи ба таври нақшавӣ сифатноку саривақт ҳаётӣ гардонидани сиёсати муҳоҷирати дохилиҷумҳурӣ, вобаста ба азхудкунии даштҳои Дилварзину Самғор аҳаммияти зиёдеро пайдо кард. Маҳз дар он давра нисбат ба солҳои пешина шаклу усулҳои муҳоҷиргардонии дохилӣ такмил ёфта, миқёси он доманадор мегардад ва муҳоҷирон дар баланд бардоштани иқтисодиёт ва ҳаёти маданиву маишии деҳқонон саҳмгузор гаштанд.

Мувофиқи қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 25 январи соли 1956 "Дар бораи нақшаи муҳоҷиргардонӣ ва интихоби муташаккилонаи коргарон дар соли 1956 барномаи муҳоҷиргардонии колхозчиён" ва дигар қисми аҳолии ноҳияҳои кӯҳиву баландкӯҳ ба колхозу совхозҳои пахтакорӣ ҷумҳурӣ чунин ба чашм мерасид: дар вилояти Ленинобод соли 1956 (аз ноҳияи Масчоҳи кӯҳӣ) мувофиқи ин нақша ба даштҳои Дилварзин 1200 хоҷагӣ муҳоҷир мешуданд.

---

[174] БМД ҶТ. - Ф.1566, р,1.д. 124, в.24.

[175] Абдурашитов Ф. Исторический опы переселеческой политики в Таджикистане (1934-1990 гг.) С.165.

Ба ҷузъ ин, дар ин вилоят ба нақша гирифта шуда буд, ки 1000 хоҷагие, ки маконашон дар натиҷаи сохтмони неругоҳи барқи обии Қайроққум ба зери об мемонд, низ ба даштҳои Дилварзин кӯчонида шаванд. Инчунин, аз ноҳияҳои Даштиҷум, Ховалинг, Ғарм, Тоҷикобод, Ҷиргатол ба ноҳияҳои Фархор ва Маскав кӯчонидан низ ба нақша гирифта шуда буд.[176]

Маълум, ки колхозҳои ноҳияи баландкӯҳи Масчоҳ дар миқёси ҷумҳурӣ хоҷагиҳои аз лиҳози иқтисодӣ сусту дорои соҳаҳои камдаромади хоҷагии кишоварзӣ буданд. Сабаби асоии ин вазъият дар он буд, ки ноҳияи баланкӯҳи номбурда камзамин буда, дар он ҷо ҳамон солҳо имконияти истифодаи техникаи хоҷагии кишоварзӣ вуҷуд надошт, тамоми корҳои заҳматталаби саҳрой бо қувваи дасту бозу иҷро карда мешуд.

Дар ноҳияи Масчоҳ саноату сохтмон вуҷуд надошт, ягон техникаи хоҷагии кишоварзӣ набуд, мардуми ин мавзеъ каме бо зироаткориву чорводорӣ машғул буданд. Аз ин ҷо қисми асосии аҳолӣ ба кор таъмин набуд. Дар хусуси даромади иқтисодии колхозҳо ҳоҷати гап ҳам нест. Даромади умумии солонаи кохозҳо танҳо 4427 ҳазор сӯмро (бо пули онвақта) ташкил мекард. Арзиши як рӯзи меҳнати колхозчиён дар миқёси ноҳия ҳамагӣ 1 сӯму 80 тин буд.[177]

Оқибатҳои манфии сохтмони иншооти Қайроққумро барои Тоҷикистон Б.Ғ.Ғафуров оқилона дарк карда, норизоиашро ба дастгоҳҳои дахлдор изҳор намуд. Амру дастури Маскавро дар он замон касе наметавонист рад кунад. Бинобар ин, бо супориши

---

176 БМД ҶТ. -Ф. Р-1566, р.1,д.193, в. 342.

177 БДТН ҶТ.- Ф.116, р. 116 д.138, в. 68.

Б.Ғ.Ғафуров Ҳукумати Тоҷикистон дар доираи комиссияи номбурда ва ба тавассути он бо Ҳукумати Иттиҳод ин мавзуъро баррасӣ сохта, тақозо кард, ки ба ивази заминҳое, ки зери обанбори Қайроққум мемонанд, аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаи Ӯзбекистон, ки ба вилояти Ленинобод ҳамсарҳад ҳаст, як миқдор замин ҷуброн гарданд ва аҳолии аз манзилашон ҷудошуда ба заминҳои обёришудаву ҳамвор ва киштбоб кӯчонида шаванд.[178]

Ин талабу дархостҳои Б.Ғ.Ғафуров аз ҷониби Ҳукумати Иттиҳод ва Ҳукумати Ӯзбекистон бо таъхир амалӣ мешуданд. Бо супориши Ҳукумати Иттиҳод Ҳукумати Ӯзбекистон соли 1958 аз минтақаи Мирзочӯл ба Тоҷикистон мебоист зиёда аз 50 ҳазор гектар замини бекорхобида ҷудо мекард.[179]

Аммо дар амал Ӯзбекистон аз ҳисоби талу теппаҳои ноҳияҳои Бегобод, Боёвут ва Ховости вилояти Тошканд барои Тоҷикистон танҳо бештар аз 40 ҳазор гектар замин ҷудо карду халос.

Масъалаи аз кадом ноҳияи кӯҳсор ба дашти Дилварзини тоҷик кӯчониданро дар сатҳи мақомоти ҷумҳурӣ ва вилоят (Ленинобод) ҳаллу фасл мекард. Б.Ғ. Ғафуров чун роҳбари хирадманд назару тавсияҳои ашхоси мухталифро роҷеъ ба ин масъала ба инобат мегирифт ва дар мизони ақл месанҷид, пасон натиҷагирии интиҳоӣ мекард ва он писанди ҳамагон мешуд. Ӯ бо дарназардошти бисёр омилҳо масъалаи ба дашти ташналаби Дилварзин муҳоҷир кардани аҳолии ноҳияи кӯҳистони Масчоҳро пеш гузошт. Ин ноҳия бидуни кӯҳсору рудҳояш бо тамоми сохти маъмурӣ, номҳои ҷуғрофӣ, хоҷагиҳои коллективӣ, мактабу

---

[178] БМД ҶТ. - Ф.18,р. 6, д.76, в. 9.

[179] Коммунист Таджикистана,1958, 5 июн.

муассисаҳои маданию маърифатӣ коргузориро пурра ба дашти Дилварзин кӯчонида шуд.

Пас аз муҳокимаҳои доманадор меҳнаткашони колхозҳо ба хулосае омаданд, ки ба таври мутташаккилона ба заминҳои бекорхобида ва нав азхудкардашуда кӯчида, барои ҳалли вазифаҳои муҳимми аграрӣ ва минбаъд баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва беҳтар кардани некуаҳволии мардуми дар гузашта азияткашидаи Масчоҳи кӯҳӣ тамоми қувваву ғайрат ва истеъдоди истеҳсолиашонро сарф хоҳанд кард. Дар рафти маҷлисҳои умумии колхозчиён чунин роҳбарони пешқадами хоҷагиҳо ва колхозчиёни пуркору пуртаҷриба, ба мисли И. Оқилов, А. Фатҳуллоев, Н. Раҷабов, Х. Ашӯров ва бисёр дигарон баромад карда, сиёсати муҳоҷирати дохили ҷумҳуриро дастгирӣ карданд. Онҳо ба хулосае омаданд, ки барои азхуд ва обшор кардан ва ба боғу бӯстон табдил додани заминҳои бекорхобидаи тоҷикон ҳатман ба ноҳияи навбунёди Дилварзин- Бӯстон хоҳанд кӯчид.[180]

Масоили дар солҳои 50-ум азхудкунии дашти Дилварзин, махсусан дар нимаи дувуми он хусусияти муҷтамеъ гирифт, яъне тамоми кору боре, ки ба он дахл дошт, дар самтҳои гуногун баробар бурда мешуданд. Инчунин, дар баробари иншооти ирригатсионӣ ва мелиоративӣ, дигар ҷабҳаҳои муҳимми азхудкунии заминҳои нав, аз ҷумла сохтмони хонаву ҷой барои муҳоҷирон, ки дар он намояндагони меҳнаткашони Масчоҳи кӯҳӣ бомуваффақият ширкат меварзиданд, низ мунтазам ҷараён дошт. Танҳо дар зарфи солҳои 1957-1959 дар дашти Дилварзин 2284 хонаи истиқоматӣ барои хонаводаҳои колхозчиён - муҳоҷирони Масчоҳи

[180] БМД ҶТ. - Ф. 1566, р. 2, д. 4 в. 191.

кӯҳӣ сохта шуданд. Бояд тазаккур дод, ки дар замини тамоман холӣ ва янтоқзор бо кӯшишу ғайрати коргарон ва муҳандисон дар муддати на чандон тулонӣ маркази ноҳияи нави заминкушоён - Янтоқ бо 4 мактаби сохти замонавӣ, беморхона бо таҳҷизоти навтарин ва бисёр дигар манбаъҳои маданӣ-маишӣ, ки то ин дам мардуми Масчоҳӣ кӯҳӣ надида буданд, бунёд шуданд.[181]

Аз солҳои 1946 то 1960 ташкилоти ҳизбӣ ва Ҳукумати Тоҷикистон, дар зарфи даҳ соли он, бо сарварии Б.Ғ. Ғафуров ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мақомоти хоҷагии кишоварзӣ, раёсати муҳоҷиргардонӣ корҳои зиёдеро оид ба ноҳияҳои пахтакор кӯчонидани аҳолии ноҳияҳои камзамини кӯҳиву баландкӯҳ ба анҷом расониданд, ки он натиҷаи мусбат дод. Масалан, танҳо дар зарфи солҳои 1953-1960 аз ноҳияҳои вилояти Ленинобод (қабл аз ҳама аз ноҳияҳои кӯҳсори он) ба ноҳияҳои пахтакор 5069 хоҷагӣ, ё худ 24077 нафар, ки аз он 12482 нафар ашхоси қобили меҳнат буданд, муҳоҷир гардонида шуданд. Аз ВМБК 833 хоҷагӣ ё худ 4775 нафар, ки аз он 2289 нафар қобили меҳнат буданд, ба водиҳои ҷумҳурӣ муҳоҷир карда шуданд. Дар ҳудуди ҷумҳурӣ дар ин муддат, (ба ҷуз аз муҳоҷирати дохилии ноҳияҳои Маскаву Фархор) 17218 хоҷагӣ ё 92936 нафар, ки аз он 44473 нафар қобили меҳнат буданд, аз ноҳияҳои кӯҳиву баландкӯҳ ба водиҳо кӯч бастанд.[182]

Ҳамин тавр, дар зарфи солҳои баъдиҷангӣ (1946-1960) сиёсати муҳоҷиргардонии дохилии ҷумҳурӣ, ки вазифаи дар он вақт ниҳоят зарурии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба шумор мерафт, ба иҷро расид. Даҳҳо ҳазор

---

[181] БДТН ҶТ.- Ф.5741,р.6,д. 74,в.187.
[182] БМД ҶТ.- Ф. Р-1566,р.1, д. 55,в.65.

деҳқонони камзамин ва бекор ба ноҳияҳои пахтакор, ки муҳтоҷи қувваи корӣ буданд кӯчонида шуда, масъалаи бо коргарон таъмин кардани заминҳои навкорам ва иншооти ирригатсионӣ-мелиоративӣ як дараҷа ҳалли мусбати худро ёфт.

Чун пештара масъалаи дигари ҷараёни муҳоҷирати дохилиҷумҳурӣ ин сари вақт бо хонаву ҷой таъмин кардани диловарони азхудкунии заминҳои бекорхобида дар ҷову макони нав маҳсуб мебошад. Бо мақсади бо тезӣ ба роҳ мондани таъмири хонаҳои истиқоматии муҳоҷирон Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон раисони кумитаҳои иҷроияи вилоятҳои Қӯрғонтеппа, Сталинобод ва Кӯлобро вазифадор кард, ки дар ҳар колхозҳое, ки дар он муҳоҷирон кору зиндагӣ мекунанд, бригадаҳои доимии сохтмонӣ барпо карда шаванд. Вазорати заминдорӣ ва маданияти техникӣ вазифадор дониста шуд, ки ба муҳоҷирон ҷудо карда додани замини назди ҳавлигиро сари вақт анҷом диҳанд. Дар баробари ин, барои азхудкардани ин қитъаҳо ба муҳоҷирон ёрии моддиву техникӣ расонида шавад.

Вазорати тандурустӣ низ вазифадор шуд, ки хизмати тиббӣ -санитарӣ ба муҳоҷирон чӣ дар макони баромад ва чӣ дар ҷойҳои зисти нав сари вақт ва бенуқсон расонида шавад.

Ҳар сол барои баланд бардоштани дараҷаи иқтисодӣ-иҷтимоии муҳоҷирон дар шароити нав аз ҷониби давлат ғамхорхории молиявӣ расонида мешуд. Масалан, соли 1947 барои хоҷагиҳои муҳоҷир гашта, 160 ҳазор сӯм ҷудо карда, 103 хонаи истиқоматӣ бунёд гардиданд. Дар ноҳияҳои вилояти Сталинобод барои хоҷагиҳои муҳоҷиргашта 1064 моли калони шохдор ва 369 моли майда харида шуд.[183]

---

[183] Абулхаев Р.А. Развития ирригации и освоение новых земель в Таджикистане. -Душанбе: “Дониш”, 1988. - С.188.

Бесабаб набуд, ки 11 марти сли 1948 Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ва КМ ҲК ҷумҳурӣ қарори махсусро "Дар бораи аз ҷиҳати хоҷагӣ ва меҳнатӣ ҷойгиршавии муҳоҷирон, аз лиҳози ташкилӣ ва хоҷагӣ мустаҳкам гардидани колхозҳои муҳоҷиргашта"-ро қабул карданд. Дар ин ҳуҷҷат аз ҷумла омада буд, ки то 20 марти соли 1948 ба ҳамаи хоҷагиҳои муҳоҷирон заминҳои киштбоби назди ҳавлӣ ҷудо карда шавад ва дар онҳо ҳатман кишти зироатҳо ба роҳ мондан лозим аст.

Деҳқононе, ки соли 1947 муҳоҷир гардида буданд, бо 149 хонаҳое, ки махсус барои онҳо сохта шуда ва хонаҳои маҳаллии дар колхозҳои пештара бунёдёфта таъмин гардиданд. Аз 300 ҳазор қарзи бароиривоҷи чорводорӣ ҷудо кардаи давлат 270 ҳазораш барои эҳтиёҷоти колхозҳои муҳоҷиргашта сарф карда шуд.[184]

Дар шароити душвори баъдиҷангӣ, ба ҷойгиршавии хоҷагиҳои муҳоҷиргардида мавқеи лозимӣ муҳайё карда шуда буд, ки он барои баланд бардоштани ҳаёти иқтисодию мадании фотеҳони заминҳои нав мусоидат мекард. Хоҷагиҳои муҳоҷиргардида ва колхозҳое, ки онҳо ба он ҷо вобаста карда шуда буданд, аз супурдани андози хоҷагии кишоварзӣ ва умуман андози давлатӣ ба муддати 5 сол озод карада шуда буданд. Барои сохтмони хонаву ҷой ба ҳар як хоҷагӣ дар зарфи 10 сол ба миқдори 8 ҳазор сӯм қарзи давлатӣ дода мешуд. Баргардонидани қарзи давлатӣ бошад, пас аз чор соли муҳоҷиршавӣ муқаррар буд.

---

184 Абулхаев Р.А. Развития ирригации и освоение новых земель в Таджикистане. -Душанбе: "Дониш", 1988. - С.188.

Ба ғайр аз ин, ба ҳар як хоҷагии муҳоҷиргардида ба миқдори 3 ҳазор сӯм ба муддати 5 сол, бо мақсади таъмири хона ва сарой қарзи далатӣ дода мешуд. Инчунин, ба замми ҳамаи ин сабукиҳо 50% хароҷоти сохтмону таъмири хонаву ҷойро давлат ба зиммаи хеш гирифта буд[185]. Ба ҳар як хоҷагии муҳоҷиргардида 3 сентнерӣ маводи хӯрокворӣ ба муддати се сол қарз дода мешуд. Ба замми ин барои соҳиби чорвои хонагӣ гаштан давлат қарзи махсус ҷудо мекард. Аз муҳоҷирон музди роҳ гирифта намешуд ва ҳар як хоҷагӣ ҳуқуқ дошт, ки то ду тонна борро бо нақлиёти давлатӣ ба макони зиндагонии наваш барад.

Пас аз барқароршавии хоҷагии халқ аз ибтидои солҳои 50-ум дар раванди бунёди хоҷагӣ ва таъмин бо ҷои кори муҳоҷирон давраи нав оғоз мегардад. Зеро дар натиҷаи инкишофи иқтисодиёти Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон сол аз сол барои эҳтиёҷоти хоҷагиҳои муҳоҷиргашта фоизи маблағҷудокунӣ меафзояд. Вобаста ба ин дар макони нав шароитҳои маишӣ - мадании муҳоҷирон сол аз сол беҳтару хубтар мегардад. Танҳо соли 1951 дар заминҳои нав 3745 хоҷагиҳои колхозчиёни муҳоҷиргашта соҳиби хонаҳои сохти аврупоӣ ва маҳаллӣ шуданд. Зиёда аз 4000 хоҷагиҳои муҳоҷиргашта соҳиби қитъаҳои заминҳои обӣ шуданд, ки ин заминҳо бо супориши давлат ва ёрии Пойгоҳҳои мошину тракторӣ (ПМТ) коркард шуда, дар онҳо зироатҳои ғалладона, сабзавот ва полезӣ парвариш карда мешуданд. Ба ғайр аз ин дар ин муддат 1779 оилаи муҳоҷир ба воситаи қарзи давлатӣ соҳиби чорвои хонагӣ шуданд. Зиёда аз 2700 оилаи муҳоҷир аз давлат дар шакли қарз ғалладона гирифтанд.[186]

---

185 Коммунист Таджикистана, 1950, 11апрел.

186 БМД ҶТ. - Ф. Р-1566,р.1, д.1215,в.52.

Барои саривақт ҳаллу фасл кардани ин масъалаи муҳимми иқтисодӣ-иҷтимоӣ ҳар сол маблағи зиёде ҷудо карда мешуд. Масалан, солҳои 50-ум танҳо барои дар ноҳияи Мастчоҳ дар колхозҳо, сохтани хонаҳои истиқоматӣ, иншооти гидротехникӣ, каналҳо миллионҳо сӯм маблағ ҷудо карда шуд[187] .

Дар солҳои 50-ум барои ҳамаҷониба мустаҳкаму доро кардани колхозу совхозҳои дар заминҳои нав аз ҳисоби муҳоҷирон ташкилёфта диққати доимӣ дода мешуд. Бахри аз ҳисоби ташкиливу хоҷагӣ мустаҳкам кардани онҳо аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ва ташкилоту идораҳои салоҳиятдор назорати доимӣ бурда мешуд. Ба чунин хоҷагиҳо имтиёзҳои махсус муайян шуда, ҳавасмандии моддӣ ва маънавӣ таъмин мегардид. Соли 1957 ба он колхозҳое, ки ба ҳайаташон муҳоҷиронро қабул мекарданд, андозро аз ҳисоби даромад ва маҳсулоти ба давлат мефурӯхтаашон озод карданд. Аз ҳисоби даромади андоз ба колхозҳои ноҳияҳои навбунёди Маскав 737 ҳазор сӯм ва Фархор 92 ҳазор сӯм имтиёз дода шуд.[188]

Дар солҳои 50-ум, дар ҶШС Тоҷикистон чун дар дигар ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ, дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ меҳнати бунёдкорона идома меёфт. Махсусан, дар ин солҳо раванди азхудкунии заминҳои наву бекорхобида ба таври васеъ идома меёфт ва дар ҳамин асос марказҳои нави маъмурии ноҳияҳо, шаҳрчаҳои коргарнишини колхозу совхозҳо бунёд меёфтанд. Дар асоси ба роҳ мондани сохтмони иншооти бузург ва азхудкардани қисми тоҷикистонии Мирзочӯл ду маркази калони маъмурӣ- ноҳияи Масчоҳи нав ва Хуҷанд барпо гардиданд. Ба ғайр аз

---

[187] БДТН ҶТ. - Ф.5441, р.б,д.61, в.178.

[188] БМД ҶТ. - Ф. Р-1566,р.1, д.209,в. 24.

ин, якчанд колхозҳои калону муттаҳидгардида созмон дода шуда, чорабинии ба макони нав кӯчонидани оилаҳои мавзеъҳои кӯҳиву баландкӯҳ, ки қувваи асосии кориро ташкил мекарданд, амалӣ карда шуд.

Ба муносибати аз худ кардани даҳҳо ҳазор гектар заминҳои наву бекорхобидаи қисми шимолии Тоҷикистон ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, дар солҳои 50-ум истеҳсоли пахта ва умуман пахтакорӣ хеле пеш рафт. Натиҷаи ҳамин чорабиниҳои муҷтамеъӣ андешида буд, ки майдони кишти пахта дар зарфи 5 сол ба 8,6 ҳазор гектар зиёд шуда, ҷамъоварии умумии пахта соли 1958 нисбат ба соли 1953 зиёда аз 30% афзуд.[189]

Инкишофи минбаъдаи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ, махсусан соҳаи пахтакорӣ барои афзудани даромади умумии колхозҳо имконияти калон фароҳам овард. Масалан, соли 1959 даромади умумии колхозҳои ноҳияи Масчоҳ 70 миллион сӯмро ташкил карда, дар ин давра қариб ҳамаи хоҷагиҳо миллионер шуда буданд. Нисбат ба соли 1953 фондҳои тақсимнашавандаи колхозу совхозҳои ин ноҳия зиёда аз 10 маротиба афзуд. Агар соли 1953 ин фондҳо 881 ҳазор сӯмро ташкил карда бошад, соли 1958 ба 8 миллиону 657 ҳазор сӯм расид.[190]

Дар кишвари кӯҳӣ ва камзаминии Тоҷикистон омили асосии равнақи соҳаҳои кишоварзӣ аз худ кардани заминҳои наву бекорхобида, ҳамвор кардани фарозу нишебиҳои замин, ривоҷи ҳамаҷонибаи мелиоратсия ба ҳисоб мерафт. Вобаста ба ҳамаи ин, аз ноҳияҳои кӯҳии камзамин қувваи кории изофӣ ба водиҳои азхудкардашуда, ба таври ихтиёрӣ ва муташаккилона кӯчонида шуд. Ин раванд дар солҳои

---

[189] БДТН ҶТ. -Ф.3.,р. 129, д. 35, в.15.
[190] БДТН ҶТ.- Ф. 5741, р.6, д.74, в.196.

60-80-уми асри XX ҷараёни муҳоҷиргардонии дохилии ҷумҳуриро тезтар ва ниҳоят босамартар гардонид. Чорабинии муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳатто сиёсӣ, яъне муҳоҷиргардонии дохилии ҷумҳурӣ дар тӯли нимаи дуюми асри XX ба шакли гуногун сурат мегирифт. Яке аз шаклҳои маъмули он муҳоҷирати ба нақшагирифтаи хоҷагии кишоварзӣ аст. Зарурияти чунин муҳоҷирати дохили ҷумҳурӣ ҳангоми азхуд кардани заминҳои бекорхобида ва навкорам зоҳир гардид. Зеро табиист, ки барои сари вақт киштукор кардани ин заминҳо қувваи изофаи корӣ шарт ва зарур буд.

Муҳоҷирати дохили ҷумҳурӣ ва тарҳрезии соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 60- 90-уми асри XX хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар солҳои 40-50 дар баробари имкониятҳои дохилӣ, муҳоҷирати хоҷагии кишоварзӣ ба ноҳияҳои пахтакор, чун ёрии дӯстона аз ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия ташкил карда шуд. Дар ниммаи дувуми асри XX муҳоҷирати дохили ҷумҳурӣ аз ҳисоби захираҳои дохилӣ, алалхусус чун солҳои қаблӣ, аз мавзеъҳои кӯҳиву доманкӯҳ ба роҳ монда шуд. Ин омил ифодагари ҳисси ватанпарварии деҳқонони ноҳияҳои кӯҳиву наздикӯҳӣ маҳсуб буд, ки ихтиёран ба заминҳои нав азхудкардашуда кӯч бастанд. Ба душвриҳои маҳаллӣ-ҷуғрофӣ ва маданиву маишӣ нигоҳ накарда, онҳо баҳри минбаъд ривоҷу равнақи соҳаи кишоварзӣ ва қабл аз ҳама, соҳаи дар он вақт сердаромади пахтакорӣ саҳми арзандаи худро гузоштанд. Солҳои 40-50-ум кӯчонидани на танҳо оилаҳои алоҳида, балки гурӯҳи хоҷагиҳои аз лиҳози иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маданӣ-маишӣ заифи ноҳияҳои дурдасти кӯҳӣ ба мушоҳида гардид.

Агар охири соҳои 50 -ум ва ибтидои 60-уми асри XX тамоми аҳолии ноҳияи кӯҳсори Айнӣ ба заминҳои

навкорами Зафаробод кӯчонида мешуд, дар он ҳолат имрӯз, ки нақшаҳои азими бунёди хоҷагии халқи дар пеш истода, онҳоро бо қувваи кории маҳаллӣ таъмин кардан амри маҳол буд.

Бояд зикр намуд, ки дар давраҳои минбаъда низ аз ҷониби ташкилотҳот ҳизбӣ, шуравӣ ва хоҷагии ҷумҳурӣ оид ба ташкили муҳоҷирати хоҷагии кишоварзӣ ва аз лиҳози хоҷагӣ, меҳнатӣ ва маданӣ-маишӣ ҷойгир кардани муҳоҷирон чун ҳарвақта нуқсонҳо рух медод, ки сабабҳои объективӣ ва субъективӣ доштанд.

Бинобар ин, аз лиҳози таърихӣ ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ кардани таҷрибаи ғании раванди муҳоҷиргардонии ба нақша гирифтаи дохилиҷумҳурӣ на танҳо ба минтақаи Осиёи Марказӣ, инчунин ба минтақаҳои дуру наздик аҳаммияти зиёди амалӣ дорад. Таърихи муҳоҷирати дохилиҷумҳуриро ба таври шартӣ ба ду давра тақсим кардан мумкин аст.

Давраи аввали муҳоҷирати дохилиҷумҳурӣ солҳои 1961-1975 ва давраи дувум солҳои 1976-1991-ро дарбар мегирад. Ин давраҳо аз якдигар бо вазъиятҳои мушаххаси таърихӣ ва суръати сомони вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар назди соҳаи кишоварзии собиқ иттиҳод ва Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуда буданд, фарқ мекарданд. Дар таҳрезиҳои минбаъда, дар назди мақомоти салоҳиятдор, вазифаҳои муҳимми тараққиёти хоҷагии кишоварзӣ, қабл аз ҳама соҳаи асосии он пахтакорӣ гузошта шуда буд.

Дар миқёси ҷумҳурӣ охири солҳои 50-ум раванди муҳоҷират асосан аз ноҳияи кӯҳии Масчоҳ ба даштҳои беканори Дилварзин сурат мегирифт. Зеро дар он давра ҷараёни коркаду обёрии замин босуръат идома дошт. Масалан, соли 1959 то январи соли 1960 аз 2200 хоҷагии банақшагирифташудаи ноҳияҳои кӯҳиву доманакӯҳ

1550 хоҷагӣ аз ноҳияи Масчоҳи кӯҳӣ буданд. Хоҳишмандони муҳоҷират мувофиқи маълумоти расмӣ ба 3485 хоҷагӣ расид, ки аз он 1991 оила аз ноҳияи Масчоҳи кӯҳӣ буданд. Амалан, дар миқёси ҷумҳурӣ 2243 хоҷагии деҳқонӣ ба заминҳои навкорам муҳоҷир карда шуданд, ки аз онҳо 5755 нафар қувваи кориро ташкил мекарданд. Шумораи умумии муҳоҷиршудагон ба 11654 расида буд.[191]

Таҷрибаи таърихӣ исбот кард, ки дар натиҷаи кору назорати сусти ташкилотҳои ҳизбиву шуравӣ ва хоҷагӣ қисми муайяни муҳоҷироне, ки мустақилона ба заминҳои нав кӯч баста, соҳиби имтиёзҳои моливу иҷтимоии давлатӣ гардида буданд, худсарона колхозу совхозҳои навбунёдро тарк карда, боз ба макони пншина баргаштанд. Онҳо аз беҳокимиятии ноҳияҳои муҳоҷиршуда истифода бурда, молу маводи ҷамъиятиро ба фоидаи хеш истифоида мебурданд. Ба давлат андоз намесупуриданд. Чунин кирдор ба он муҳоҷирон, ки дар вазъияти душвори заминкушоӣ кору зиндагонӣ мекарданд, таъсири азими манфӣ мерасонид.

Тобистони соли 1963 шумораи оилаҳои аз заминҳои нав ба ҷойҳои пешина баргашта аз ноҳияи Ваҳдат-986, Рашт-583, Данғара-396, Ҷиргатол-96, собиқ Даштиҷум ва Шуробод-292, Масчоҳи кӯҳӣ-156, собиқ ноҳияҳои Ховолингу Мӯъминобод-206-ро ташкил мекарданд[192].

Агар ба маводҳо дурустар назар кунем, дар он сурат бараъло аён мешавад, ки камбудиву норасоиҳо ҳам дар колхозу ҳам дар совхозҳо ба чашм мерасанд.

---

[191] БМДҶТ.- Ф.1566,р.1, д.217, в. 5.
[192] БМДҶТ.- Ф.1566,р.2, д. 22, в.122.

Чун ҳамавақта масъалаи асосии иҷтимоӣ дар заминҳои нав сари вақт бо манзил таъмин кардани муҳоҷирон буд. Ин масъалаи иҷтимоӣ ҳеҷ вақт пурра ҳаллу фасл карда намешуд. Масалан, сохтмони хона дар колхозу совхозҳо дар муддати муайян гардида иҷро намешуд. Мувофиқи нақша соли 1966 бояд 920 хонаи истиқоматӣ ба истифода дода мешуданд. Дар амал бошад, ҳамагӣ 330 хонаи истиқоматӣ ба истифода дода шуд, ки аз онҳо 179 ба колхоз 151 адад ба совхозҳо тааллуқ доштанд.[193]

Аз 720 ҳазор қарзе, ки бонки давлатӣ ба колхозҳо барои сохтмони хонаҳои муҳоҷирон ҷудо карда буд, ҳамагӣ 301,6 ҳазораш сарф гардида буд. Аммо ҳамаи ин камбудиву норасоиҳо ҳеҷ гоҳ садди роҳи раванди муҳоҷиргардонии муҳоҷирони дохилӣ шуда наметавонист. Сол аз сол нақшаи ба колхозу совхозҳои ҷумҳурӣ муҳоҷир кардани деҳқонон афзун мегардид.

Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 22 феврали соли 1968 "Дар бораи муҳоҷиргардонидани колхозчиён ва қисми дигари аҳолии ноҳияҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ ба колхозу совхозҳои ноҳияҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ" қарор қабул кард. Мувофиқи қарори мазкур нақшаи муҳоҷиргардонии 585 хоҷагӣ тасдиқ карда шуд. Аз ин шумора мебоист ба совхозҳо 535 ва ба колхозҳо-50 хоҷагӣ муҳоҷир карда мешуд. Дар ин қарор Шурои Вазирони Тоҷикистон, Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об, Вазорати хоҷагии кишоварзӣ, "Таджикцелинстрой" ва 194 кумитаи иҷроияи Шурои вакилони мардумӣ чанде аз ноҳияҳоро

---

[193] БМДҶТ.- Ф.1566,р.2,3,д.79, в.1.

вазифадор кард, ки ҳатман муҳоҷиронро сари вақт бо хонаву ҷой таъмин намоянд.[195]

Охири солҳои 60 -ум ва ибтидои солҳои 70-ум дар қисми ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон мавзеи асосии ҷойгир кардани хоҷагиҳои муҳоҷир водиҳои Ёвону Обикиик ва Вахш ба ҳисоб мерафтанд. Зеро дар ин мавзеҳо ҷараёни корҳои мелиоративӣ-ирригатсионӣ ва азхудкунии заминҳои нав босуръат идома дошт. Муҳоҷиркунии он давра бо баъзе хусусиятҳои хеш аз муҳоҷиргардонии солҳои қаблӣ тафовут дошт. Ихтиёран ба ин водиҳо на танҳо хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ноҳияҳои кӯҳиву наздикӯҳӣ, балки муҳоҷирати оилаҳои алоҳида аз дигар ноҳияву шаҳрҳои Тоҷикистон, ҳатто аз ҷумҳуриҳои беруна низ имконпазир буд.

Соли 1968 ба совхозҳои набунёди ноҳияи Ёвон зиёда аз 980 оила, ба Мирзочӯл ва ноҳияи Зафаробод бештар аз 600 оила аз ноҳияҳои кӯҳиву наздикӯҳӣ ва дигар шаҳру деҳаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он кӯчиданд. Ба колхозу совхозҳои ноҳияи Вахш низ муҳоҷирони зиёде омаданд. Танҳо соли 1971 666 хоҷагӣ аз кӯҳистон ба водиҳо омада, баҳри ба кор андохтани заминҳои бекорхобида камари ҳиммат бастанд.[196]

Мувофиқи нақшаи пешбинӣ шуда соли 1968 аз 25 ноҳияҳои кӯҳиву доманкӯҳ ба водиҳо ва заминҳои навкорам ва обёришаванда 3222 нафар, аз он 1292 нафар қувваи қобили корӣ буд, муҳоҷир гардиданд ва ин муваффақияти калон ба ҳисоб мерафт.[197]

3-юми январи соли 1969 қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон "Дар бораи нақшаи

---

[195] БМДҶТ.- Ф.1566,р.2,3,д.79, в.1.
[196] Комсомоли Тоҷикистон, 16 дек.. соли 1971.
[197] БМД ҶТ.- Ф. 1566,р.3,д.79, в.22.

муҳоҷиргардонидании колхозчиён ва дигар аҳолии ҷойҳои кӯҳиву наздикӯҳӣ ба колхозу совхози обёришавандаи ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи соли 1969” ба табъ расид. Мувофиқи ин ҳуҷҷати боэътимоди давлатӣ ташкилотҳои салоҳиятдорӣ маҳаллӣ дар байни аҳолии муҳоҷиршаванда ва муҳоҷиргашта фаъолияти тарғиботӣ густурданд.

Дар охири соли 60-ум ва ибтидои солҳои 70-ум корҳои обёриву мелиоративӣ ва истифодаи заминҳои нав дар Ёвону Обикиик, Зафаробод ва Масчоҳи нав бо суръат мерафт. Ба таври муҷтамеъ сохтмони муассисаҳои иҷтимоӣ-маишӣ ва маданӣ-маърифатӣ сурат мегирифт. Вобаста ба чунин ҷараён гирифтани кор, дар зарфи солҳои 1968-1970, ба совхозҳои Ёвон 670 хоҷагӣ аз деҳаҳои гирду атроф ва ноҳияҳои кӯҳиву доманакӯҳ муҳоҷир карда шуданд.[198]

Дар охири солҳои 60 ва ибтидои 70-уми қарни XX обёрӣ ва истифодаи қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯл дар назди идораҳои салоҳиятдори ноҳияҳои шимолии ҷумҳурӣ яке аз вазифаҳои муҳимми рӯз ба ҳисоб мерафт. Барои иҷрои чунин масъалаи пурмасъулият дарёфти манбаи қувваи зиёди корӣ шарт ва зарур буд.

Бо ҳамин мақсад Кумитаи давлатии Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон оид ба истифодаи заминҳои меҳнатӣ бо мактуби худ аз 9 октябри соли 1969 ба ба КМ ҲК ва Шурои Вазирон дар бораи натиҷаи тафтишоти вазъи зиндагии мардуми Яғноб маълумот дод ва пешниҳод кард, ки аҳолии Яғнобро ба совхозҳои навбунёди Зафаробод муҳоҷир гардонанд, ки ин пешниҳод пазируфта шуд. Моҳи марти соли 1970 сокинони деҳоти Думҷой, Пискон ва Коши водии

198 БМДҶТ.- Ф. 1566,р.4, 8,д.427, в.6.

Яғноб (ҳамагӣ 68 хоҷагӣ) хоҳиши ба совхозҳои ноҳияи Зафаробод кӯчидан карданд.

Аммо соли 1970 Кумитаи давлатӣ оид ба истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ масъалаи ба Зафаробод кӯчонидани аҳолии (қариб 600 хоҷагӣ) Яғнобро ба нақша гирифта буд.

Масъалаи ба ноҳияи Зафаробод бурдани аҳолии водии Яғноб, аз ҷониби роҳбарияти онвақтаи ноҳияи Айнӣ низ бардошта шуда буд. Ташкилоти ҳизбӣ ва кумитаи иҷроияи ноҳияи Айнӣ ба унвони КМ ҲК Тоҷикистон ва Шурои Вазирони ҷумҳурӣ дар ин бора муроҷиатнома фиристоданд. Дар он изҳор шуда буд, ки "дар мавзеъи Яғноб аз сабаби кам будани замини кишт, шароити равнақи хоҷагии кишоварзӣ вуҷуд надорад. Набудани шароитҳои зарурии ҳаётро ба эътибор гирифта, ба водиҳои васеи ҷумҳурӣ муҳоҷир кардани аҳолии Яғнобро муҳим мешуморем".[199]

Бо ин роҳбарияти ноҳия онро дар назар доштанд, ки мувофиқи хулосаи Идораи гелогии ҷумҳурӣ деҳаҳои Яғноб дар минтақаи хавфноки кӯҳлағжӣ ҷойгиранд.

Кумитаи иҷроияи вакилони меҳнаткашони ноҳияи Айнӣ бо мақсади иҷро кардани қарори Раёсати Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 9 декабри соли 1969 ва дар асоси хулосаи Идораи геология "Дар бораи кӯчонидани баъзе истиқоматкунандагони деҳоти мавзеи Яғноб, аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф" аз 27 феврали соли 1970 қарор қабул кард. Мувофиқи ин қарор Кумитаи давлатӣ оид ба истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ ҳамроҳ бо роҳбарияти ноҳияи Айнӣ дар зарфи солҳои 1970-1971 аз 27 деҳаҳои водии Яғноб ба совхозҳои навбунёди ноҳияи Зафаробод 567

[199] БМД ҶТ.- Ф. 1566, р.3, д.107, в.136.

хоҷагиро, шомили 3020 одам, аз ҷумла 1251 ашхоси қобили меҳнат, муҳоҷир карданд.[200]

Дар ин ҷо зикр кардан ҷоиз аст, ки мувофиқи қарори мазкур танҳо он деҳаҳои водии Яғноб ба Зафаробод бояд кӯчонида мешуд, ки дар мавзеъи кӯҳлағж қарор доштанд. Аммо дар амал ҳамаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ба ноҳияи Зафаробод кӯчонида шуданд. Ин амал як дараҷа ба тарзи зиндагонии яғнобиҳо-ёдгори нажоди суғдиҳо халал расонид. Аз ҷониби дигар, вақте ки яғнобиҳоро ба ноҳияи Зафаробод муҳоҷир карданд, онҳоро дар хонаҳои бисёрошёнаи замонавӣ ҷой доданд. Ин намуди хонаҳои истиқоматӣ ба тарзи зиндагонии яғнобиҳо рост намеомад, зеро онҳо ба ҳаёти кӯҳистонӣ одат карда буданд. Барои ҳамин ҳам, онҳо дар муддати кӯтоҳ хонаҳои бисёрошёнаро тарк карда, ба хонаҳои заминӣ гузаштанд. Ба ин камбудиҳо роҳ додани ташкилотҳои салоҳиятдор сабаби масрафу вақту маблағи зиёди давлатӣ гардид.

Ба ин норасоиҳо нигоҳ накарда, таҷрибаи таърихӣ бармалло собит кард, ки зодагони Яғноб дар истифодаи заминҳои нави ноҳияи Зафаробод ва рушди хоҷагии кишоварзӣ саҳми арзандаи худро гузоштанд.

Дар давраи солҳои 1967-1971 дар миқёси ҷумҳурӣ, 3372 хоҷагии деҳқонӣ, бо 20521 нафар аҳолӣ, ки аз он 8272 нафар қувваи кориро ташкил медод, ба заминҳои наву бекорхобида ба таври ихтиёрӣ муҳоҷир карда шуданд. Аз ҷумла, ба совхозҳои навбунёди ноҳияҳои Зафаробод 1086 хоҷагӣ, Ёвон-880, Вахш-299, Фархор-237, Колхозобод-102 ба колхозҳои ноҳияҳои

[200] БМД ҶТ.- Ф. 1566, р.3, д.107, в. 136.

Масчоҳ-185 ва Қумсангир-135 хоҷагиҳо муҳоҷир карда шуданд.[201]

Тавре, ки ин далелу рақамҳо шаҳодат медиҳанд, назар ба дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ муҳоҷирон дар ноҳияи Зафаробод зиёдтар ҷойгир карда шуда буданд. Зеро дар ин ноҳия корҳои ирригатсионӣ-мелиоративӣ ва азхудкардани заминҳои нав дар қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯл бошиддат ҷараён мегирифт.

Дар охири солҳои 60 ва ибтидои 70-уми асри XX дар натиҷаи ба раванди обёрӣ омода кардан ва истифода бурдани заминҳои асрҳои аср ташналаби Ёвону Обикиик, қисми тоҷикистонии дашти Мирзочӯл ва дигар мавзеъҳои бекорхобида шумораи муҳоҷирон аз ноҳияҳои кӯҳӣ ва кӯҳистон ба заминҳои нав ниҳоят зиёд мегардад. Ба ин раванд далелу рақам ва санадҳои зиёд шаҳодат медиҳанд. Масалан, агар соли 1969 аз ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳ ба водиҳо 3222 нафар муҳоҷир гардида бошад, пас аз як сол, яъне соли 1970 ин шумора ба 6215 нафар расид, яъне дар зарфи як сол ин миқдор қариб ду маротиба афзуд.[202]

Сабаби ингуна афзудани шумораи муҳоҷирон дар зарфи як сол аз муҳоҷиргардонии ногаҳонии Яғноб ба ноҳияи Зафаробод буд.

Дар натиҷаи баррасии ҳуҷҷату маводи зиёди раднопазир ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар он солҳо ба дашти ташналаби Мирзочӯл муҳоҷир кардани аҳолии на он қадар зиёди Яғноб, ҳам аз лиҳози иқтисодӣ, ҳам аз ҷиҳати таърихӣ-этнографӣ ва этникӣ амали нодуруст ва хато буд. Маълум, ки дар он солҳо ба ингуна хатоиҳо кам ашхосе буданд, ки аҳаммият

---

[201] БМД ҶТ.- Ф. 1566, р.3, д.96, в. 73.

[202] Тоҷикистони Советӣ,1971. 25 авг

медоданд ва аз ин рӯ як норасоӣ пайи дигараш такрор мешуд.

Аз он даме, ки мардуми Яғноб ба даштҳои Мирзочӯл муҳоҷир карда шуданд, солиёни зиёде сипарӣ гаштанд. Имрӯз дар замони истиқлолият ҳар як фарди озодфикр метавонад, нуқтаи назари хешро оид ба бурду бохти ин ва ё он воқеаҳои ҷамъиятӣ иброз намояд. Барои ҳамин ҳам, на танҳо аҳли илму фарҳанг, балки тамоми ҷумҳурӣ ба хулосаи дуруст омаданд, ки ба ноҳияи Зафаробод пурра муҳоҷир гардонидани аҳолии Яғноб амали бетаҳаммулона ва хато буд.

Мо бо боварии комил гуфта метавонем, ки мардуми Яғнобро ба даштҳои синабурёни Мирзочӯли тоҷик набурда, роҳҳои минбаъд баланд бардоштани иқтисодиёти ин кишварро дарёфт кардан мушкиле надошт. Яке аз сарчашмаҳои баланд бардоштани истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ ин минбаъд рушд додани соҳаи сердаромади чорводорӣ ва қабл аз ҳама моли майда аст. Зеро барои равнақи ин соҳаи хоҷагии кишоварзӣ дар водии Яғноб шароити мувофиқ ва имконияти васеъ вуҷуд дорад. Бино бар ахбори сарчашмаҳо пеш аз инқилоби Октябр дар чарогоҳҳои Яғноб, дар фасли тобистон, то 2000 сар гӯсфанд парвариш карда мешуд.

Сарчашмаи дигари болоравии иқтисодиёти водии Яғноб ин бегуфтугӯ соҳаи сайёҳат аст. Алалхусус имрӯз, ки нақби “Истиқлол” кушода аст, имконияти ба даст даровардани даромади соф аз ҳисоби табиати зебои ин кишвар ба миён омад. Инчунин, дурнамои бунёди истироҳатгоҳҳои ҷомеъ ва муолиҷавӣ, лагерҳои ҷавонон ва дигар марказҳои фароғатӣ омадааст. Ҳамаи инро ба назари эътибор гирифта, роҳбарони имрӯзаи ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ пас аз пошхӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти

Тоҷикистон, барои эҳёи шароити хуби зиндагӣ ва ҳифзи забони суғдӣ ҳамаи чораҳои заруриро андешидаанд. Умед аст, ки иқтисодиёти ин гӯшаи кӯҳан ва кӯҳии Тоҷикистон ободу зебо гардида, макони сайёҳони олам ва манбаи омӯзиши забони суғдӣ мегардад.

Дар солҳои 60 ва 70-уми қарни XX раванди коркарди заминҳои нав ва аз ноҳиҳои кӯҳиву доманакӯҳ ба водиҳои фаррох муҳоҷир гардонидани деқонони камзамин идома дошт. Дар он замон аз шумори мавзеъҳои навбунёд водиҳои Ёвону Обикиик буданд, ки барои баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии кишоварзии ин мавзеъҳо қувваи корӣ ҳатмӣ буд. Бо ҳамин мақсад дар охири солҳои 60 ва нимаи аввали 70 Кумитаи давлатии истифодаи захираҳои меҳнатӣ бо ҳамбастагии ташкилотҳои ҳизбӣ ва Шуравӣ барои муташаккилона гузаронидани раванди муҳоҷиргардонидани хоҷагии кишоварзии дохили ҷумҳурӣ корҳои зиёди ташвиқӣ ба сомон расонидааст. Дар натиҷа аз соли 1968, яъне соле, ки маҷрои дарёи Вахш тариқи нақби обӣ ба самти даштҳои ташналаб ва бирёни Ёвону Обикиик гардонида шуд, то соли 1974 ба заминҳои навкорами ҷумҳурӣ аз ноҳияҳои кӯҳистонӣ 3950 хоҷагӣ иборат аз 24 568 нафар муҳоҷир гардонида шуданд.[203]

Вале ҳангоми боздидҳои давраи Кумитаи Давлатии истифодаи захираҳои меҳнатии назди Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз чигунагии вазъи зиндагӣ ва фаъолияти муҳоҷирон, хатоиҳову норасоиҳо рӯ мезаданд.

Яке аз сабабҳои асосии боз ба кӯҳистон рӯ овардани муҳоҷиршудагон он буд, ки аз ҷониби

---

[203] БМД ҶТ. - Ф.1566, р, 3, д.105, в. 94.

раисони шуроҳои шаҳракҳо ва деҳаҳо ба эҳтиёҷоти аввалиндараҷаи эшон эътибор дода намешуд. Ғайр аз ин, намояндагони ин ташкилотҳои дар он замон бонуфузи маҳаллӣ ба вазъи хоҷагиву маишии муҳоҷирон таваҷҷуҳ зоҳир намекарданд, Масалан, соли 1974 Кумитаи Давлатии назди Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон роҳбарони шурои маҳаллӣ Ёвонро вазифадор карда буд, ки барои 75 хоҷагии деҳқонӣ аз деҳаи Работи ноҳияи Айнӣ шароити мусоид фароҳам оварад. Роҳбарияти водии Ёвон ва совхози рақами 2-и он ҷо, гӯё бо баҳонаи бениёзӣ аз қувваи корӣ, барои қабули муҳоҷирон тайёр набуданд. Новобаста ба огоҳиҳои роҳбарияти ҷумҳурӣ ва ташкилотҳои салоҳиятдор муҳоҷирон бо гази табиӣ, манзил, оби ошомиданӣ, нуқтаҳои савдо ва ҳифзи ҳуқуқи хеш таъмин набуданд.

Тамоми камбудиву норасоиҳе, ки дар солҳои 60 ва ибтидои 70-уми қарни XX перомуни раванди муҳоҷиргардонӣ содир гардида буданд, ба назару эътибор гирифта, баҳри рафъи онҳо Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон дар таърихи 24 октябри соли 1974 "Дар бораи норасоиҳои ҷиддӣ оид ба мустаҳкам кардани хоҷагиҳои ба ноҳияи Ёвон, Фархор ва Восеъ муҳоҷиргардида" қарор қабул кард. Дар ин ҳуҷҷати расмӣ, дар асоси маводи муътамад зикр шуда буд, ки Кумитаи Давлатӣ оид ба истифодаи захираҳои меҳнатӣ бо ҳамбастагии ташкилотҳои ҳизбӣ, шуравӣ ва Вазорати кишоварзӣ барои муҳоҷиргардонии деҳқонони ноҳияҳои кӯҳӣ ва назди кӯҳӣ ба заминҳои навазхудкарда шуда корҳои зиёдеро ба сомон расонида буд. Масалан, танҳо дар тули соҳои 1968-1973 ба

заминҳои нав 3950 хоҷагӣ иборат аз 24568 нафар муҳоҷир гардонида шудаанд.[204]

Дар муддати солҳои 1965-1975 истиқоматкунандагони дараи Ромит, ки аз сабаби камзаминӣ ва зиёд будани қувваи корӣ ба водиҳо муҳоҷир карда шуда буданд, борҳо заминҳои фарохро тарк карда, боз ба макони аслӣ бармегаштанд, ки шумораи онҳо ба 700 хоҷагӣ расида буд. Ба ном хоҷагиҳои муҳоҷиргардида баъд аз хароҷотҳои молии зиёди давлатӣ ва истифодаи чандин имтиёз аз ноҳияҳои пахтакори Шаҳртус, Панҷ, Куйбишев ва Ёвон бепурсу пос ба дараи Ромит баргашта, зиндагии "ихтиёрона" ба сар бурда, аз ҳаёти ҷамъиятӣ дар канор монданд. Дар натиҷа фарзандони навраси онҳо, ба ин иллат аз таҳсил маҳрум гардида буданд.

Чунин ҳаводис дар ноҳияҳои навбунёди Фархору Маскав низ ба назар мерасид. Дар натиҷаи беназоратии ташкилотҳои маҳаллии ҳизбӣ, шуравӣ ва масъулони Кумитаи давлатии назди Шурои вазирони ҷумҳурӣ оид ба истифода бурдани захираҳои меҳнатии муҳоҷирон бо ихтиёри хеш ба ноҳияҳои Сари Хосор, Дашти Ҷум, Ховалинг, Мӯъминобод бармегаштанд.

Ҳамаи ин ва дигар норасоиҳои муҳоҷиргардонӣ ба ноҳияҳои пахтакорро ба назари эътибор гирифта, соли 1974 Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон "Дар бораи камбудиҳои ҷиддӣ оид ба масъалаи муҳоҷиргардонӣ ва аз лиҳози хоҷагиву маишӣ ва меҳнатӣ ҷойгир кардани онҳо дар ноҳияҳои Ёвону Восеъ" қарори махсус баровард.[205] Дар ин ҳуҷҷат ташкилотҳои салоҳиятдор вазифадор карда шуда

---

[204] БМД ҶТ.- Ф. 1566, р. 3, д. 105, в. 105.

[205] БМД ҶТ.- Ф. 1566, р. 3, д 107, в. 128.

буданд, ки хоҷагиҳои аз заминҳои навкорам рафтаро боз баргардонанд.

Мувофиқи қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 1975 “Оид ба нақшаи давлатии рушди хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1976” колхозу совхозҳои пахтакор мебоист 670 хоҷагиҳои деҳқонони ноҳияҳои кӯҳиву наздикӯҳӣ ва камзаминро муҳоҷир гардонанд. Дар асл нақшаи пешакӣ муайян шуда барзиёд иҷро гардид. Ба он хоҷагиҳои пахтакор, ки ба қувваи корӣ эҳтиёҷ доштанд қариб 680 оила муҳоҷир карда шуданд.[206] Махсусан ин чорабинии муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ноҳияҳои Ёвону Масчоҳи нав, Ашт, Файзобод, Вахш, Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) ба таври муташаккил сурат гирифт.

Дар охири солҳои 60-ум ва нимаи аввали 70-ум дар қисми шимолии Тоҷикистон мавзеи асосии азхуд кардани заминҳои наву бекорхобида ва иҷрои раванди муҳоҷират аз ҷойҳои кӯҳсору камзамин ноҳияи Зафаробод буд. Баробари ноҳияи Зафаробод ин раванд дар ноҳияҳои Масчоҳу Ашт низ дида мешуд. Барои бо қувваи корӣ таъмин кардани ин ноҳияҳо иҷрои корҳои зиёди тарғиботӣ, дар байни аҳолии кӯҳсор ҳам бамаврид буд. Ва чунин корҳо аз ҷониби ташкилотҳои мутасаддӣ карда шуданд, ки дере нагузашта натиҷааш равшан гардид. Масалан, дар зарфи солҳои 1968-1974 аз ноҳияҳои камзамини сарҳадӣ, хосса дорои қувваи қобили меҳнат, ба ноҳияҳои номбаршуда 1575 хоҷагӣ иборат аз 8085 нафар одам ва аз он 3255 кас ашхоси қобили заҳмат муҳоҷир гардонда шуданд. Аз онҳо 1051 хоҷагӣ бо шумораи 5797 одам, ки 2382 нафари онҳо

---

[206] Ҳамон ҷо.- д.109, в. 23.

ашхоси қобили заҳмат буда, ба ноҳияи Зафаробод муҳоҷир гардиданд.[207]

Ин рақам ба он шаҳодат медиҳад, ки қисми беҳтари қувваи корӣ ба ноҳияи Зафаробод муҳоҷир гардонда шуданд.

Дар нимаи дуюуми солҳои 70 ва нимаи аввали солҳои 80-уми асри XX гузашта аз норасоиҳои замони рукуд дар раванди муҳоҷир гардонидани қувваи кории изофӣ аз кӯҳистон ба водиҳову паҳнои навкорам корҳои назарраси тадорукотиву тарғиботӣ анҷом пазируфтанд. Ҷараёни муҳоҷиргардонии хоҷагии кишоварзӣ ва дохилиҷумҳурии ин давра нисбат ба солҳои қаблӣ услубу мазмуни хоса дошт. Яъне, муҳоҷиргардонии он солҳо аҳолии ноҳияҳо ва маҳалҳои яклухти аҳолинишинро дарбар намегирифт. Он муҳоҷиргардонӣ асосан аз ҳисоби хоҷагиҳои алоҳида ва гурӯҳи хоҷагиҳое, ки ихтиёрӣ ба заминҳои нав майли рафтан доштанд, омода карда мешуд. Хусусияти дигари он раванд аз он иборат буд, ки муҳоҷиргардонӣ дар дохили ҳар як вилоят ташкил мегардид. Зеро дар ин давра дар дохили ҳар як вилоят ҷараёни афзудани аҳолӣ ва аз он бархостани қувваҳои изофии корӣ ба назар мерасид. Барои ҳамин ҳам, зарурияти муҳоҷиргардонӣ на танҳо аз ҷумҳурияҳои собиқ иттиҳод балки аз дигар вилоятҳои худи Тоҷикистон низ ба миён омад.

Аз ин рӯ, минбаъд дар нақшаи муҳоҷиргардонии ҷумҳурӣ танҳо имконияти дохилии ин ва ё он вилоятро ба эътибор гирифта, аз ҳисоби дуруст ҷойгир кардан ва дуруст истифода бурдани қувваи изофаи кории худӣ ин масъала ҳаллу фасли хешро меёфт. Масалан, дар давраи солҳои 1976-1980 дар собиқ вилояти Ленинобод

---

[207] БМД ҶТ.- Ф. 1566, р. 4, д. 449, в. 11.

накшаи муҳоҷиргардонидани дохили вилоят ба 2528 хоҷагӣ ва миқдори қарзи давлатӣ ба 12 640 ҳазор рубли онвақта мерасид.[208]

Инчунин, дар он солҳо омода кардани муҳоҷиргардонии дохили вилояти Кӯлоб ба нақша гирифта шуда буд. Аз рӯйи лоиҳа шумораи умумии оилаҳои муҳоҷиршаванда дар вилоят ба 1056 хоҷагӣ мерасид. Мувофиқи тарҳи рехташуда барои онҳо 838 хонаҳои истиқоматӣ, аз ҳисоби 4128 ҳазор сӯм қарзи дарозмуддат, мебоист бунёд мегардид. Аз он шумораи умумии муҳоҷирон ба ноҳияҳои Кӯлоб-336, Восеъ-269 ва Ленинград (ҳоло Мӯъминобод)-451 хоҷагӣ мебоист кӯчонида мешуданд.

Дар солҳои пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ муншии аввали ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Б.Ғ. Ғафуров дар сатҳи давлатӣ масъалаи манъ кардани муҳоҷиргардониро аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба Тоҷикистон ба миён гузошт. Аммо касоне пайдо шуданд, ки ба чунин ақида зид баромаданд. Б.Ғ. Ғафуров ва дигар фарзандони фарзона ва рӯшанфикри халқи тоҷик исбот карданд, ки дар дохили Тоҷикистон ва алалхусус дар ноҳияҳои назди кӯҳӣ ва баландкӯҳ қувваи зиёди корӣ маҳфуз аст ва онро барои азхудкардани водиҳои бобой, ки замоне ба амри таърих қавмҳои кӯчманчӣ ғасб карда, мардуми бумиро ба кӯҳистон ба танг сохта буданд, самаранок истифода бурдан лозим аст. Баъзеҳо дар он фикру андеша буданд, ки агар имрӯз мо мардуми кӯҳистонро барои азхудкардани водиҳо сафарбар кунем, дар он сурат ноҳияҳои кӯҳиву баланкӯҳ беодам монда, вайрону хароб хоҳанд шуд. Воқеан дар як давраи муайян чунин воқеаи ногувор рух дод. Аммо баъди азхудкардани

[208] БМД ҶТ.- Ф. 1566, р.3, д.108, в. 19.

заминҳои бекорхобида ва зиёд шудани миқдори аҳолӣ чараёни боз ба ноҳияҳои кӯҳиву баландкӯҳ рӯ овардани қисми муайяни хоҷагиҳои собиқ муҳоҷир амри таърих гардид. Таҷрибаи таърихӣ нишон дод, ки дар натиҷаи чунин раванд ноҳияҳои кӯҳиву кӯҳдоман боз аз нав эҳё гардида, рӯ ба нуму ниҳоданд. Ва ҳақ ба ҷониби академик Б.Ғ. Ғафуров буд, ки раванди мусбати ин воқеаро пешакӣ муайян карда буд.

Дар аксари ноҳияҳои вилояти Кӯлоб дар натиҷаи азхудкардани на танҳо заминҳои фарохи водиҳо балки заминҳои мавзеъҳои кӯҳиву доманакӯҳ шакл ва хусусияти муҳоҷирати дохилӣ нисбатан тағйир ёфта буд. Вақти он расида буд, ки на танҳо заминҳои нав азхудкардашудаи водиҳо, балки заминҳои кӯҳиву наздикӯҳӣ низ ба қувваи корӣ ниёз доштанд. Заминҳои нав азхудкардашудаи мавзеъҳои кӯҳиву кӯҳдоман аз ҳисоби муҳоҷирони ихтиёрӣ ва ашхоси аз водиҳо ба ин ҷо баргашта, бо қувваи корӣ таъмин мегардиданд. Масалан, аз он ҷумла ноҳияи Ленинград (ҳоло Мӯъминобод) буд. Аз ибтидо дар натиҷаи муҳоҷир гардидан аҳолии ин ноҳия саҳми арзандаи хешро дар сохтмони иншооти обёрикунандаву мелиоративӣ ва азхудкардан заминҳои нав дар водиҳо гузошт. Ва пас аз ба макони пешинаашон баргаштан боз дар ободу зебо гардидани ноҳияи кӯҳӣ ва азхуд кардани заминҳои бекорхобида заҳматҳои зиёде кашиданд.

Дар тӯли муҳоҷират дар заминҳои навкорами водиҳо кӯҳистониён таҷрибаи бой аз коркарди пахта ва дигар соҳаҳои кишоварзӣ андӯхта буданд. Дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо дигаргуниҳои назаррас ба вуқуъ пайваста буданд. Аз байни муҳоҷирон як зумра мутахасисони соҳаи инженерӣ - техникӣ, коркунони пуртаҷрибаи хоҷагидорӣ, омӯзгорону табибон ба воя расиданд. Пас аз бозгашт

ба кӯҳистон онҳо таҷрибаи ғании ғункардаи хешро барои инкишофи ҳамаҷонибаи соҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ ва баланд бардоштани дараҷаи моддӣ ва мадании деҳотиён истифода бурданд.

Дар он давра ҳам раванди азхудкунии заминҳои дашту водиҳо ва ҳам ноҳияҳои наздикӯҳию кӯҳӣ идома дошт. Дар нимаи аввали солҳои 80-уми асри XX дар вилояти Ленинобод яке аз мавзеъҳои асосӣ босамар истифода бурдани ҳазорҳо гектар заминҳои ташналаби Ашти Калон ба ҳисоб мерафт. Корҳои зиёди обёриву мелиоративӣ ва азхудкардани заминҳои Ашти Калон дар навбати худ ҳалли масъалаи таъминот бо қувваи кориро талаб мекард.

Чун солҳои қаблӣ дар кори муҳоҷиргардонии аҳолии кӯҳсор мушкилоти ҳалталаб, ин таъмини муҳоҷирон бо манзил маҳсуб мешуд. Гап дар сари он буд, ки идораҳои сохтмонӣ сари вақт маблағи ҷудо кардаи давлатро мебоист сафакорона истифода бурда, манзили муҳоҷиронро созанд. Аммо ин кор сари вақт ба иҷро намерасид. Чунин амали бинокорон дар навбати худ ба раванди рушди истеҳсолоти кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонид.

Муҳоҷирон алайҳи душвориҳои иҷтимоӣ-маишӣ тамоми қувват ва имконияти хешро дар роҳи сари вақт анҷом додани сохтмони иншоти обёрикунанда, мелиоративӣ ва истифодаи заминҳои обёрикунандаи Ашти Калон сарф карда, дар ҳалли он мушкилот ба комёбиҳо мушарраф гардиданд. Бо ёрии пахтакорони пуртаҷриба ва кӯшиши хеш муҳоҷирон роҳу равиши истеҳсоли ин зироати қиматбаҳоро азбар карда, ҳосили дилхоҳро ба даст оварданд.

Дар як муддати кӯтоҳ аз байни муҳоҷирони кӯҳистонӣ пахтакорони варзида ба мисли Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Худойқул Назаров, устоди соҳаи

пахтапарварии ҷумҳурӣ Абдусалом Қурбонов, Шокир Ҳошимов ва бисёр дигарон ба воя расиданд. Истифодаи замини Ашти Калон симои ноҳия ва деҳаву шаҳракҳои коргарништнро ба куллӣ тағйр дод. Дар майдони корзори Ашти Калон корҳои зиёди душвори сохтмону васлкуниро қофилаи сайёри муттаҳидаи "Таджиксовхозстрой" пеш мебурд. Дар он солҳо дар шаҳраки Шайдон чандин хонаҳои бисёрқабатаи истиқоматӣ, корхонаҳои тиҷоратӣ, нуқтаи телефону телегром, муассисаҳои томактабӣ қомат афрохтанд. Сохтмони ин ва дигар шаҳракҳо дар асоси лоиҳаи куллии меъморҳои ҷумҳурӣ ба сомон мерасиданд.

Дар нимаи дувуми солҳои 80-уми қарни XX дар истеҳсолоти соҳаи хоҷагии кишоварзӣ фузунии истифодаи қувваи корӣ ба назар мерасид. Дар шароити имрӯза ҳам имконияти қувваи изофии кории деҳотро ба манфиати баланд бардоштани ҳосил ва зиёд кардани ҳаҷми умумии маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ самаранок истифода бурдан ба манфиат мувофиқ аст.

Мо ба ин андешаем, ки имрӯз вақти он расидааст, ки минбаъд баҳри баланд бардоштани дараҷаи зиндагии аҳолии Тоҷикистони соҳибистиқлол минтақаҳои кӯҳиву наздикӯҳиро сариштакорона азхудкарда, истеҳсоли соҳаҳои мухталифи хоҷагии кишоварзиро ғанӣ гардонем. Ба ҳамагон маълум аст, ки солиёни пеш бар асари ба водиҳо кӯчондани аҳли деҳоти ноҳияҳои кӯҳиву кӯҳдоман заминҳои кишт ва боғу роғ муддате хароб гашта буданд. Ҳолати мелиоративии собиқ заминҳои корам хароб ва корношоям шуда буданд, ки дар шароити Тоҷикистони кӯҳӣ онҳоро имрӯз ба киштзорҳои сабзу хуррам табдил додан талаботи замон аст. Тавре ки дар боло ишора рафт, ҳоло қисми аҳолии изофии водиҳои азхудшуда, рӯ ба ноҳияҳои кӯҳиву доманкӯҳ ниҳодаанд, ки ҳамчун қувваи асосии эҳёи ин мавзеъҳои ҷумҳурӣ мансубанд.

Муҳоҷиргардонии дохилиҷумҳурии ихтиёрӣ дар охири солҳои 70 ва ибтидои солҳои 80-уми қарни XX ҳамчун омили муҳимми пешбурдани корҳои обёрӣ ва

тахту ҳамвор кардани заминҳо ва азхуд кардани ин мавзеъҳо бо шаклу мазмуни гуногун ва ба худ хос гузаронида мешуд. Махсусияти муҳоҷиргардонии ин давра нисбат ба солҳои пешин аз он иборат буд, ки ин раванд дар дохили ҳар як вилоят амалӣ карда мешуд, ба ҷузъ Яғнобдара, ноҳияҳои яклахт ва гурӯҳи деҳаҳои аҳолинишинро дарбар гирифта, хоҷагиҳои алоҳида ва баъзе маҳалҳои аҳолинишинро фаро мегирифт. Дар кори амалӣ кардани ин сиёсати дар он вақт муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва салоҳиятдор ба камбудиву норасоиҳо роҳ дода шуда буданд, ки зарари моддӣ ва маънавиро ба бор оварда буд. Масалан, танҳо солҳои 1960-1962 нақшаи муҳоҷиргардонӣ дар ҷумҳурӣ шумораи 2249 хоҷагӣ иҷро карда нашуд. Агар ба таври мушаххас гирем, ин нақша дар ноҳияи Орҷоникидзеобод-750, Ленинобод-335, ноҳияи Шӯробод -274, ноҳияи Ӯротеппа-170 ва ноҳияи Ғарм -80 хоҷагӣ иҷро шуду халос.

Дар Тоҷикистон нақшаи давлатии муҳоҷирати дохилӣ дар солҳои  60-80-уми асри XX бо якҷоягии сохтмонҳои ирригатсионӣ ва азхуд кардани заминҳои нав амалӣ карда мешуд.[209]

Дар охир бояд таъкид кард, ки аз ибтидои солҳои 90-уми асри XX, яъне пас аз пош хӯрдани мамлакати абарқудрати  Иттиҳоди Шуравӣ ва пас аз сарзадани ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ, Тоҷикистон, махсусан ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии он, ки майдони задухӯрдҳои хунини тарафҳои ба ҳам муқобил буданд, зарари ниҳоят азиму сангини моддӣ ва маънавӣ диданд. Вобаста ба сарзадани ҷунин воқеаҳои ҳарбӣ-сиёсӣ ҷараёни муҳоҷирати дохилӣ муваққатан ҳам боздошта шуд.

---

[209] Абдурашитов Ф. Исторический опы переселенческой политики в Таджикистане (1934-1990 гг.).- С.181.

# БОБИ V.

## Тайёр намудани кадрҳои хоҷагии об.

Тайёр кардани кадрҳои ихтисосманди соҳаи хоҷагии об дар ҳама минтақаҳо, махсусан дар ҷойҳои заминҳои обёришаванда, ки ба ҷараёни инкишофи хоҷагии қишлоқ ва корҳои ирригатсия ва мелиоратсия алоқаи ногусаста доранд, яке аз шартҳои муҳим ва омили зарарурии пешравии соҳа мебошад. Ба таври амалӣ ҳаллу фасл кардани ин масъалаи ниҳоят муҳимми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва инкишофи минбаъдаи хоҷагии қишлоқ ва об асосан аз дараҷаи омодагӣ ва тахассусии кормандони соҳа вобастагии амиқ дошт.

Шакл ва усулҳои омода ва баланд бардоштани инхтисоси кадрҳои соҳаи обу хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ба сатҳи инкишофи иқтисодӣ ва пойгоҳи моддӣ- техникӣ муассисаҳои таълимӣ алоқаи зич дорад. Бояд зикр намуд, ки дар ҳамин давра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи муҳимми хоҷагии кишоварзӣ, яъне иншооти ирригатсионӣ ва мелиоративӣ, ба баъзе дастовардҳо нигоҳ накарда, якчанд масъалаҳои ҳалталаб вуҷуд доштанд, ки оид ба таъмини пурраи саноат бо ашёи хом ва аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрока мамониат мерасониданд. Ҳама вақт ва дар ҳама давру замон сабаби калидии инкишофи хоҷагии кишоварзӣ, дуруст ва сарфакорона истифода бурдани боигарии мамлакат, яъне захираи заминҳои корам маҳсуб аст. Бояд зикр намуд, ки ҳамаҷониба аз нуқтаи назари техникаи кишоварзӣ истифода бурдани захираҳои замини корам ба кадрҳои баландихтисос ва эҷодкор вобастагии ҳамешагӣ дорад. Таҷрибаи таърихӣ нишон дод, ки ҳарчанд ташкилотҳои ҳизбӣ, шуравӣ ва хоҷагии об ба ин масъала диққати доимӣ

дода бошанд ҳам, дар он камбудиҳои ҷиддӣ низ вуҷуд доштанд.

Ҷараёни тайёр ва баланд бардоштани тахассуси кадрҳои хоҷагии обро дар ҶШС Тоҷикистон ба ду давра тақсим кардан ба мақсад мувофиқ аст. Давраи аввал, ба ақидаи мо, аз аввали солҳои 60-ум то нимаи аввали солҳои 70-ум, давраи дуюм аз нимаи дуюми солҳои 70-ум то нимаи аввали соҳои 80-умро дарбар мегирад. Ҳар кадоми ин давраҳо аз лиҳози шароити таърихӣ, пояи моддӣ - техникӣ, иқтидори маданӣ - фарҳангӣ гуногун буда, ба худ хусусиятҳои махсус доранд.

Дар давраи нисбатан пештар (солҳои 40-50-уми асри XX) тайёр кардани кадрҳои маълумоти миёнаи соҳаи ирригатсия ва мелиоратсия умуман бо чунин роҳу воситаҳо ҷараён мегирифт: асосан ба воситаи муассисаҳои таълимии маълумоти миёнаи махсуси на он қадар калон, курсҳои кӯтоҳмуддати баланд бардоштани ихтисос ва мактаби шогирдӣ, дар назди муассисаҳои истеҳсолӣ ба роҳ монда мешуд. Дар он солҳо, ки дар ҷумҳурӣ шумораи мактабҳои махсуси соҳаи тайёр кардани кадрҳои хоҷагии об ва иншооти гидротехникӣ дар ҷумҳурӣ камчин буд, шумораи асосии мутахассисони ин соҳа хатмкунандагони техникум ва дигар муасисаҳои таълимии аз шаҳрҳои мамлакат ва, махсусан қисмҳои марказии Федератсияи Россия даъват карда шуда буданд. Бинобар ин, дар ин давра гарчанде ки Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аграрӣ буда, хоҷагии кишоварзӣ асосан ба обёрии сунъӣ такя мекард ва худи ҷумҳурӣ ба кадрҳои зинаи миёнаи ирригаторӣ эҳтиёҷ дошт, асосан ба мутахассисони аз дигар ҷумҳуриҳо даъватшуда такя мекард. Танҳо дар нимаи дуюми солҳои 50-ум дар ҷумҳурӣ ба вуҷуд омадани шароитҳои зарурии иқтисодӣ ва иқтидори

таълимӣ имконият дод, ки баҳри аз байни мардуми маҳаллӣ тайёр ва баланд бардоштани ихтисоси касбии кадрҳои хоҷагии об шумораи муассисаҳои махсуси таълимӣ инкишоф дода шавад.

Роҳбарони шуравӣ ва ташкилотҳои хоҷагии об ба ҷои истифодаи роҳҳои фоидабахши ҳалли маъалаҳои иҷтимоӣ, ба роҳи осон ва на онқадар оянддор рафтанд. Тавре ки таҷрибаи таърихӣ равшан нишон дод, чунин роҳи пешгирифтаи тайёр кардани мутахассисони хоҷагии об оқибати аз кор рафтан ва боиси ҷараёни васеи муҳоҷирати кадрҳо аз хоҷагии кишоварзӣ ва хоҷагии оби ҷумҳурӣ гардиданд, ки ба хоҷагии халқи кишвар зарари калон расонид.

Солҳои 60-ум то нимаи аввали соҳои 70-ум аз давраҳои пешина бо он фарқ мекард, ки дар ин муддат чӣ дар шаҳрҳо ва чӣ дар маҳалҳо якчанд муассисаҳои махсуси тайёр кардани кадрҳои соҳаи ирригатсия ва мелиоратсия ташкил карда шуданд, ки дар онҳо беш ва пеш аз ҳама зиёдтар кадрҳои таҳҷоӣ таҳсил мекарданд. Ин ҷараён ба он оварда расонд, ки дар миқёси ҷумҳурӣ корҳои бузурги ирригатсионӣ ва азхудкунии заминҳои нав дар авҷ буд.

Дар натиҷаи дар муддати солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-ум зарурати васеъ гардидани корҳои иригатсионӣ-мелиоративӣ ва азхудкунии заминҳои нав масъалаи дар ҷумҳурӣ ба таври васеъ тайёр кардани кадрҳои хоҷагии об ба амал омад. Дар ҳамин муддат ба солҳои пешина шумораи муассисаҳои миёнаи махсус, курсҳои баланд бардоштани ихтисос ва тайёр кардани кадрҳо афзоиш ёфт.

Дар солҳои 60-ум барои сохтани муассисаҳои махсуси миёнаи таълимӣ барои тайёр кардани кадрҳои хоҷагии кишоварзӣ ва ирригатсионӣ дар маркази ноҳияҳо, бевосита дар совхозу колхозҳо талабот ба

миён омад. Барои иҷрои чунин масъалаи муҳим омилҳои зерин аз ҷумла, қисми муайяни хароҷотро барои сохтани муассисаҳои таълимӣ колхозу совхозҳо ва идораи сохтмону васлкуниро ба уҳда гирифтанд.

Аз сабаби он ки дар солҳои 60-ум дар ноҳияҳои Шимолии Тоҷикистон сохтмони иншооти ирригатсионӣ ва мелиоративӣ дар авҷ буд, маҳз барои ин мавзеъҳо ташкили муассисаҳои таълимии маълумоти миёнаи махсус ва ба воситаи онҳо тайёр кардани кардрҳои хоҷагии кишоварзӣ ниҳоят зарур ба назар мерасид. Масалан, соли 1963 дар Ӯротеппа техникуми сохтмон барпо карда шуд, ки дар он 68 мутахассиси ояндаи "механикҳои хоҷагии кишоварзӣ, ҷангал" ва 62 нафар ҳамчун мутахасисони ояндаи "электрикунонии хоҷагии кишоварзӣ" қабул гардиданд.[210]

Доир ба масоили бо кадрҳо таъмин кардани ташкилотҳои сохтмонии ноҳияҳои Шимолии Тоҷикистон мавқеи техникумҳои маълумоти миёнаи номбаргардида ҷои муайянро ишғол менамоянд. Инчунин, дар ҳамин сол дар ноҳияи Зафаробод техникуми сохтмонӣ таъсис дода шуд, ки яке аз шуъбаҳои асоси он гидротехникӣ буда, ҳар сол 60 нафар довталабро қабул мекард.[211]

Ба ҷуз ин дар ноҳияи Масчоҳ Совхоз - техникуми ба номи В.И.Ленин амал мекард, ки дар муассисаи мазкур низ коргарони баландихтисос, кадрҳои соҳаи хоҷагии кишоварзӣ ва обёридиҳанда тайёр карда мешуданд.

Аммо чунин муассисаҳои махсуси таълимӣ ва курсҳои баланд бардоштани сатҳи касбӣ, ҳоло ҳам

---

[210] БМД ҶТ.- Ф.288, р.14, д.1169, в. 12.
[211] БДТН ҶТ. - Ф. 224,д.120, в. 25.

талаботи хоҷагии кишоварзӣ ва обёришавандаро бо кадрҳои зарурӣ қаноат карда наметавонистанд.

Бинобар ин, бо мақсади ҳалли масъала Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 7 апрели сли 1965 қарори "Доир ба ёрии бевосита ба совхозҳои "Таджикцонинстрой" ирсол намуд. Ҳаҷми калони корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративиро ба эътибор гирифта, барои ҳалли масъалаҳои бо кадрҳои хоҷагии об таъмин кардан, ҳукумати ҷумҳурӣ дар назди Кумитаи давлатӣ оид ба маълумоти техникии назди Шурои Вазирони Тоҷикикистон вазифа ба пеш монд, ки ба ноҳияи навбунёди Зафаробод 300 - механизатор ва 200 - коргари баландихтисоси сохтмончӣ фиристонида шаванд.

Ба ҷуз ин, Вазорати маорифи халқ, кумитаи шаҳрии Ӯротеппа ва кумитаи иҷроияи ноҳияи Ғончӣ вазифадор карда шуда буд, ки ба совхозҳои "Таджикценинстрой" аз ҳисоби хатмкунандагони мактаби миёна, ки оид ба механикунонидани хоҷагии кишоварзӣ таҷрибаи корӣ гузашта буданд, фиристонида шаванд. [212]

Ба чорабиниҳои қабул карда нигоҳ накарда, аз ҳисоби аз як ҷой ба ҷои дигар рафтани кадрҳо дар тресті "Таджикценинстрой" нокифоягии доимии мутахассисон, махсусан коркунони инженерӣ- техникӣ ҳис карда мешуд. Бояд қайд кард, ки дар байни онҳо коргарони баландихтисоси сохтмончӣ низ кам набуданд. Барои ҳамин ҳам дар назди мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси ҷумҳурӣ вазифаи ҳарчи зиёдтар ва бо дараҷаи баланди касбӣ барои хоҷагии халқ, қабл аз

---

[212] БДТН ҶТ. - Ф.3, р. 210, д. 29, в, 142.

ҳама ирригаторҳо, мелиоратор, муҳандисон-сохтмончиён тайёр карда шаванд.

Вазифаҳои ниҳоят муҳим оид ба тайёр кардани кадрҳои хоҷагии кишоварзӣ, хоҷагии об, мелиоратсия, баҳри баланд бардоштани дараҷаи касбии онҳо дар нимаи дуюми солҳои 60-ум кушодашавии якчанд муассисаҳои таълимии касбӣ, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва курсҳои баланд бардоштани ихтисосҳои кадрҳо хизмат мекарданд.

Воситаи асосии тайёр кардани кадрҳо доир ба сохтмончиён, кадрҳои хоҷагии кишоварзию хоҷагии об чун қаблан омӯзишгоҳи политехникии Душанбе буд, ки сол аз сол пояи моддӣ-техникӣ, ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни муассисаи мазкур ҳам аз лиҳози сифат ва ҳам шумора тағйир меёфт, васеъ мегардид. Масалан, дар соли хониши 1965-1966 дар он 79 омӯзгори доимӣ, ки қисми асосии онҳо дорои маълумоти олӣ буданд, кору фаъолият доштанд. Дар соли хониши 1965/66 нақшаи қабули довталабон танҳо дар шуъбаҳои рӯзона дар 15 гурӯҳҳои таълимӣ 450 нафар одам дар назар дошта шуда буд. Дар байни ин гурӯҳҳо аз ҳама бештар шуъбаи гидромелиоративӣ калон буд, ки дар он 120 донишҷӯ машғули таҳсил буданд.[213] Дар ин давра дар техникум диққати асосӣ ба тайёр кардани кадрҳои ҷабҳаи мелиоратсия ва механизатсияи хоҷагии кишоварзӣ дода мешуд.

Дар солҳои 60-ум дар натиҷаи азхудкардани заминҳои нав ва васеъ гардидани корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ дар водии хушку беоби Ёвон, яке аз масоили зарурии иҷтимоӣ дар ноҳияҳои марказии Тоҷикистон масъалаи тайёр кардан ва баланд бардоштани ихтисоси кадрҳои хоҷагии кишоварзӣ ва

---

[213] БМД ҶТ.- Ф.1756, р. 1, д. 136, в.5.

хоҷагии об маҳсуб буд. Бояд зикр кард, ки ҳалли ин масъалаи муҳим дар муддати кӯтоҳ бениҳоят душвор буд, зеро танҳо аз ҳисоби хатмкунандагони маълумоти миёнаи махсус, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, умуман мутахассисони аз дигар ҷумҳуриҳо даъват карда шуда, кор ба анҷом намерасад. То ба як дараҷа сохтмонҳоро бо кадрдҳои зарурӣ таъмин карда намешуд, иншооти ба нақша гирифта, ки ба он давлат маблағи калон ҷудо карда буд, сари вақт бунёд намешуданд. Бинобар ин, дар он вақт яке аз роҳҳои босуръат тайёр кардани кадрҳои хоҷагии кишоварзӣ ва ирригатсияву мелиоратсия дар назди совхозҳо ва колхозҳо кушодани курсҳои кӯтоҳмудат ба ҳисоб мерафт. Роҳу методҳои самараноки ҳалли ин масъала фикр меравад, ки маълумоти назариявие, ки кадрҳо дар ҷараёни таълим ба даст овардаанд, бо роҳи дар истеҳсолот бевосита амал кардани коркунони минбаъдаи ирригатсияву мелиоратсия ба даст оварда мешавад. Моҳи ноябри соли 1968 пленуми кумитаи ҳизбии ноҳияи Ёвон сарварони колхозу совхозҳо ва роҳбарони хоҷагиро вазифадор намуд, ки аз моҳи ноябри ҳамин сол курси семоҳаи тайёр кардани кадрҳои механизаторӣ таъсис намоянд[214].

Аввали декабри соли 1968 дар назди техникуми касбии техникии №48 курси яксолаи тайёр намудани кадрҳои механизатории самти гуногун кушода шуд. Дар ин техникум кадрҳои аз ҷиҳати назариявӣ ва таҷрибавӣ собиқадори механизатсияи хоҷагии кишоварзӣ таълим медоданд. Дар муассиса садҳо ҷавонписару ҷавондухтар таълим гирифта, минбаъд ҳамчун механизаторони номӣ ба воя расиданд. Метавонем, номи Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ

---

214 БДТН ҶТ. -Ф.36,р. 14. Д.193, в.5.

механизатори номдори ҷумҳурӣ тоҷикдухтар Гавҳар Пираковро, ки дар колхози ба номи В.И. Ленини ноҳияи Восеъ кору зиндагӣ мекард, ифтихормандона ба забон гирем.[215] Дар натиҷаи заҳмату кӯшиши роҳбарият ва коллективи омӯзгорони техникум дар як муддати нисбатан кӯтоҳ шумора ва касби меҳнатии механизаторон баланд бардошта мешавад. Масалан, агар соли 1965 дар хоҷагиҳои ноҳияи Ёвон 130 механизатор кор карда бошанд, соли 1969 шумораи онҳо ба 387 нафар мерасад.

Яке аз хусусиятҳои тайёр кардани кадрҳои механизаторӣ дар ин ҷо аз он иборат буд, ки дар курсҳо ба ғайр аз писарон, инчунин духтарони мардуми маҳалӣ, агарчанде ки нисбатан кам бошад ҳам, таҳсил мекарданд. Масалан, соли 1965 дар хоҷагиҳои ноҳияи Ёвон 12 нафар механизатор кору заҳмат мекашиданд.[216]

Тавре ки дар боло зикр гардид, дар зарфи солҳои 60-ум ва нимаи аввали солҳои 70-ум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ бурда мешуд, ки бегуфтугӯ тайёр кардани мутахасисон қабл аз ҳама аз байни халқи маҳаллӣ ба назар гирифта мешуд. Тавре ки таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи солҳои дароз ба ин масъалаи муҳимми иҷтимоӣ нисбат ба дигар ҷумҳурияҳои Осиёи Миёна кам аҳаммият дода мешуд. Дар трестҳои гуногуни системаҳои обёришаванда ва дигар иншооти сохтмонӣ асосан намояндагони халқу миллатҳои мамлакати шуроҳо кору фаъолият мекарданд.

Дар ин ҷо метавон якчанд далелҳо овард, ки таркиби бисёрмилатии кадрҳои хоҷагии кишоварзиро

---

215 БДТН ҶТ. -Ф.36,р. 14. Д.193, в.6.

216 Ҳамон ҷо.- Ф.331, р.5, д.5, в.78.

нишон медиҳад, аз ҷониби дигар маълум мешавад, ки дар чунин коллективҳо намояндагони халқи тоҷик ақалиятро ташкил медиҳад. Масалан, соли 1967 дар трести "Вахшстой" 78 мутахассиси маълумоти миёнадор кор мекард, ки онҳо намояндаи зиёда аз даҳ миллат буданд. Дар байни онҳо 51-рус, 7 -ӯзбек, 7 - немис, 11 - намояндагони дигар халқҳо ва танҳо 2 - нафар тоҷики дорандаи маълумоти миёнаи махсус кор мекард. Намояндагони дигар ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ хатмкунандагони техникумҳои хоҷагии кишоварзии Маршинск, Посадский, техникуми кӯҳии Масинский, техникуми умумиитифоқии молиявии ғоибона, Техникуми ҷангалии Брянск, Техникуми хоҷагии кишоварзии Шушинский, Техникуми сохтмонии Брянский ва Техникуми гидротехникии Ставропол буданд.[217]

Соли 1967 дар идораи корҳои механизатсия кардашудаи трести "Таджикцелинстрой" 426 нафар кору фаъолият мекарданд, ки аз онҳо 360 нафар коргар, 47 нафар корманди муҳандис-технолог ва 19 нафар хизматчӣ буданд. Ихтисоси асосии онҳо мошиннист ва ёрдамчии ронандаи экскаватор, булдозерист, тракторчиҳо ва дигар техникаи хоҷагии кишоварзӣ буданд.

Дар муддати солҳои 60-ум ва ибтидои 70-ум, ки давраи карахтӣ дар мамлакат ҳукмрон буд, акси он ба истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ низ расида буд ва дар натиҷа ин воқеа ба хоҷагии кишоварзӣ низ таъсири манфӣ расонд, ки дар кори истифода намудани он дар системаҳои обёрӣ ва мелиоративӣ норасоиҳо ҳис карда мешуд. Ин ҷараён бевосита ба интихоб ва ҷо ба ҷо

---

[217] БМД ҶТ.- Ф.1747, р.2. д.2, в. 1823.

намудани кадрҳо - механизаторҳо, самаранок истифодаи маблағи ҷудошуда вобастагии ногусастанӣ дошт.

Дар қарори КМ ҲКИШ аз 16 июли соли 1970 "Дар борай беҳтар намудани истифодаи дурусти заминҳои системаи мелиоративӣ ва истифода заминҳои обёришаванда ва хушкшаванда" зикр шудааст, ки маблағи ба ин мақсад ҷудошуда самаранок истифода бурда нашудааст.

Ибтидои солҳои 70-ум корҳои мелиоративӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят авҷ гирифт, ки он шумораи зиёди кадрҳоро талаб мекард. Бинобар ин, масъалаи муҳимми рӯз дар қарори КМ ҲК Тоҷикиистон ва Шурои Вазирони ҷумҳурӣ аз 9 июни соли 1971 "Доир ба чораҳои минбаъд инкишоф додани мелиоратсияи замин ва дар солҳои 1971-1975 азхуд намудани заминҳои нав" бахшида шуда буд. Дар он оид ба масъалаи тайёр кардани кадрҳо чунин вазифаҳо гузошта шуда буд: "Кумитаи ба нақша гирифтаи маълумоти касбӣ - техникии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии Шурои Вазирони ҷумҳурӣ доир ба таълими касбӣ-техникӣ пешбинӣ намуда буд, ки дар солҳои 1971-1975 сохтмони омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, аз ҳисоби маблағҳои ба хоҷагии кишоварзӣ ҷудо карда шуда, кадрҳои баландихтисос барои корҳои мелиоративӣ тайёр карда шаванд. Соли 1972 – 900, соли 1973 – 1080, соли 1974-1140 ва соли 1975 - 1200 нафар тайёр карда шаванд.[218]

Дар ҳамин давра дар ҷумҳурӣ ба таври васеъ шумораи омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникии маҳаллӣ зиёд гардида, ҳамчун манбаи асосии тайёр ва баланд бардоштани савияи дониши кадрҳои хоҷагии

[218] БДТН ҶТ. -Ф.3,р.264, д. 26, в.3.

кишоварзӣ ва хоҷагии об хизмат мекарданд. Дар кори бо маблағ таъмин кардани онҳо ба ҷуз давлат, инчунин колхозу совхозҳо низ ширкат меварзиданд. Танҳо соли 1971 ба истеҳсолот тобеи Вазорати хоҷагии кишоварзӣ 3005 хатмкунандаи омӯзишгоҳи касбӣ-техники ба деҳот фиристонида шуд. Ба ҷуз ин, дар ҳамин муддат аз хатмкунандагони курсҳои кӯтоҳмуддат 1934 касбҳои гуногун ба колхозу совхозҳои ба кор равон карда шуданд.[219]

Дар нимаи аввали солҳои 70-ум чун пештара манбаи асосии тайёр кардани кадрҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ ва баланд бардоштани ихтисоси онҳо омӯзишгоҳи политехникуми шаҳри Душанбе маҳсуб буд. Дар он сол аз сол пойгоҳи моддӣ-техникиаш қавитар мешуд. Ба ин муассисаи таълимӣ ҳар сол бештар ҷавонписарону ҷавондухтарони деҳот, ки ба корҳои хоҷагии кишоварзӣ дилбастагӣ доштанд, қабул мешуданд.

Дар солҳои 1974-1975 дар омӯзишгоҳи техникӣ 4 корпуси таълимию озмоишӣ бо 120 утоқ, аудитория ва озмоишгоҳ, ки онҳо имконият медоданд, ки дарс дар як баст гузаронида шавад, 110 нафар омӯзгори доимӣ кор мекард, ки аз онҳо 100 нафар дорои маълумоти олӣ буд, ду нафар маълумоти олии нопурра ва чор нафар маълумоти миёнаи махсус дошт.[220]

Ин омӯзгорон мунтазам касби худро асосан дар курсҳои макотиби олии Киев, Новочеркаск, Волгоград, Ленинград, Масква, Тошканд ва дигар шаҳрҳои Иттиҳод баланд мебардоштанд.

Сол аз сол шумораи хатмкунандагони омӯзишгоҳи техникӣ меафзуд. Масалан, солҳои

---

[219] БМД ҶТ.- Ф.1613, р.3, д. 460, в. 45.
[220] БМД ҶТ.- Ф.1613,р.1,д.167, в.2-3.

таълимии 1974-1975 танҳо аз шуъбаи рӯзона 580 лоиҳаи дипломии донишҷӯён оид ба ҳафт тахассус ба ҳимоя гузошта шуда буд, ки аз онҳо 130 нафар гидромелиоратор, 238 нафар механизатори хоҷагии кишоварзӣ, 23 нафар мутахассис оид ба заминтахткунӣ ташкил мекард.[221]

Бо роҳи мутташаккилона танҳо шуъбаи “Тоҷиккишоварзтехника»-и вилояти Ленинобод дар солҳои 1971-1972 қариб 2000 механизатор тайёр кард[222].

Дар вилояти Кӯлоб тайёр кардани кадрҳои механизаторӣ дар техникуми касбии хоҷагии деҳоти Панҷ №15, ки ҳанӯз нимаи дуюми солҳои 60-ум ташкил ёфта буд, амалӣ мегардид. Дар зарфи панҷ сол ин муассисаро 777 механизатор хатм кард,ки онҳо ба колхозу совхозҳои заминҳои нави ноҳияҳои Панҷу Фархор ба кор фиристонида шуданд.

Дар солҳои панҷсолаи нӯҳуми инкишофи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ аз ҷониби Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об 1200 нафар тахассуси худро баланд бардоштанд ва 700 коргари сохтмончӣ соҳиби тахассус гардиданд.

Дар муддати даҳ соли пас аз пленуми майии КМ ҲКИШ Омӯзишгоҳи техникии Душанбе барои хоҷагии об зиёда аз 300 мутахассисро тайёр намуд. Ҳар сол омӯзишгоҳи гидромелиоративии ноҳияи Зафаробод зиёда аз 150 мелиораторро тайёр мекард.[223]

---

221 БМД ҶТ.- Ф.1613,р.1,д.167, в.3.

222 Сельское хозяйство Таджикистана. 1976. № 12. -С. 16.

223 Расулов Д.Р. Новый этап в развитии мелиорации.// Планы партии по мелиорации воплащаются в жизнь. -М. 1976. -С. 144.

Дар нимаи аввали солҳои 70-ум манбаи асосии тайёр кардани кадрҳо ва баланд бардоштани савияи касбии онҳо дар самти хоҷагии кишоварзӣ, барои системаи мелиоратсия ва хоҷагии оби ҷумҳурӣ омӯзишгоҳи касбӣ-техникии ноҳияи Зафаробод ба ҳисоб мерафт. Дар ҳамин айём давраи аввали тайёр ва баланд бардоштани савияи аввали касбии кадрҳои хоҷагии кишоварзӣ ва хоҷагии оби ҷумҳурӣ ба итмом мерасад.

Давраи дуюми тайёр ва баланд бардоштани савияи касбии кадрҳои хоҷагии кишоварзӣ ва хоҷагии оби дараҷаи боло ва миёна сар мешавад, ки он солҳои 1975 то соли 1985-ро дарбар мегирад, ки ба солҳои ба ном карахтӣ рост меояд. Албатта, он фикру андеша, ки гӯё дар солҳои карахтӣ ба ин масъалаи дар ҳаёти ҷамъиятии халқи тоҷик ниҳоят муҳимми иҷтимоӣ пешравие дида намешуд, аз ҳақиқати таърихӣ дур аст.

Дар ин давраи таҳқиқот сарчашмаи асосии тайёр ва азнавтайёркунии кадрҳои дараҷаи миёна дар самти хоҷагии кишоварзӣ ва кадрҳои ирригатсионӣ ва мелиоратсияи замин чун пештара мактабҳои миёнаи махсус ва омӯзишгоҳҳои касбӣ-теҳникии маҳалҳо, инчунин кадрҳое, ки ба Тоҷикистон аз дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттифоқ равон карда мешуданд ба ҳисоб мерафтанд.

Масъалаи асосии самаранок ва саривақт амалӣ намудани ин ва ё он масоил, ба ақидаи мо дар ташкилотҳои сохтмонӣ ва иншооти калон муътадил намудани шароити маданӣ-маишӣ ва истеҳсолии коргарон ва коркунони инженер-техникӣ ба ҳисоб мерафт. Аммо таҷриба нишон медод, ки на ҳама вақт чунин масъалаҳои маданӣ- маишӣ дар ҷараёни истеҳсолот сари вақт ва босифат ба иҷро мерасид. Танҳо дар иншооти алоҳидаи ҷумҳурӣ маъмурият ба ин масъалаи зарурӣ диққат медоду халос. Аз ин рӯ воқеаҳои аз кор ба мавзеъҳои дигар кӯчида рафтани

коргарону инженер-техникҳо дида мешуд, ки ин амал ба ҷараёни кор ва ҳосилнокии меҳнат зараровар буд.

Баъди он ки роҳбарони ҷумҳурию маҳалҳо ба ин масъала диққат дода, мутасаддиёнро ҷиддӣ вазифадор карданд, дере нагузашта дар баъзе мавзеъҳо пешравии ҷорабиниҳо ва самаранокии кору амал ба чашм мерасид. Масалан, дар трестҳои "Кулябводстрой" ва "Вахшводстрой", ки мутахассисони ҷавон ба кор меомаданд, маъмурият фавран барои онҳо шароитҳои муътадили иҷтимоӣ ва истеҳсолиро муҳайё мекард. Таҷриба нишон дод, ки дар ин трестҳо сифату самаранокии кор ва истесолот нисбат аз пештара хеле пеш рафта буд.

Ниҳоят дар кори баланд бардоштани сатҳи касбии истеҳсолии ҷавонони хоҷагии кишоварзӣ ва хоҷагии обу мелиоратсияи замин корҳои назаррас андешида шуд. Пешсафони истеҳсолот аз байни ҷавонони пешқадам барои таҳсил ва баланд бардоштани савияи худ ба муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ва берун аз он фиристонида шуда, аз ҳисоби истеҳсолоти корхона бо стипендия таъмин мешуданд.

Яке аз воситаҳои дигари тайёр кардани кадрҳо ва баланд гардидани касби тахассуси онҳо ин ба ҷараёни истеҳсолот бевосита вобаста кардани ҷавонон ба ҳисоб мерафт.

Бояд махсус таъкид кард, ки дар ин давра шумораи омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникии деҳот ва дигар мактабҳои миёнаи махсус, курсҳои тайёр кардани мелиораторон босуръат пеш мерафт. Ба ҷуз сарчашмаи дохилиҷумҳуриявии тайёр кардани кадрҳо, инчунин мутахассисони самти ирригатсия ва мелиоратсия, ки мактабҳои миёнаи махсуси дигар ҷумҳуриҳоро хатм карда, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор меомаданд, ба ҳисоб мерафт.

Масалан, техникуми сохтмони шаҳри Тошканд барои соҳаҳои хоҷагии халқ кадрҳои маълумоти

миёнаи касбӣ тайёр мекард. Бояд таъкид кард, ки дар Тоҷикистон ҳам омӯзишгоҳи сохтмон амал мекард, аммо фарқаш дар он буд, ки барои на ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ кадр омода менамуд. Аз ҷумла, барои кадрҳои соҳаи азхуд кардани заминҳои нав, ирригатсия ва мелиоратсия кам дар кам кадр мебаровард. Барои ҳамин ҳам ҳукумати Тоҷикистон аз дигар ҷумҳурияҳо дархост мекард, ки ба масъалаи таъмини кадрҳои хоҷагии об мадад расонанд. Дар байни омӯзишгоҳои сохтмонӣ аз ҳама зиёдтар омӯзишгоҳи сохтмони Тошканд сарчашмаи асосии таъмини кадрҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ дар Тоҷикистон маҳсуб буд. Масаллан, соли 1980 ба трестҳои ""Вахшводстрой" ва "Ёвонводстрой" аз шаҳри Тошканд як гурӯҳ ҷавонон фиристонида шуданд, ки дар байни онҳо Бӯриев Ф., Амируллоев Н., Ёрмаков Ш., Турсунова А. ва дигарон шомил буданд.

Дар нимаи аввали солҳои 80-ум дар ҳайати кадрҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ дигаргуние ба вуҷуд омад, яъне қисми асосии онҳо аз намояндагони миллатҳои маҳаллӣ буданд. Чунин дигаргунӣ дар тамоми корхонаҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ ба назар мерасид. Масалан, мувофиқи маълумоти оморӣ дар соли 1981 дар водии Ҳисор дар идораҳои шабакаи обёришаванда танҳо мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус 198 нафар кор мекарданд, ки аз байни онҳо 197 нафар маълумоти миёнаи техникӣ доштанд. Аз байни онҳо 59 - тоҷик, 31 - рус, 27 - ӯзбек ва намояндаи дигар халқу миллатҳо буданд.[224]

Дар идораи истеҳсолии мелиоратсия ва хоҷагии оби вилояти Қӯрғонтеппа шумораи коркунони инженер-техникӣ ва хизматчиён соли 1981 2180 нафар, аз онҳо 743 нафар коркунони инженер- техникӣ буданд. Аз шумораи умумии коркунони инженер-техникии

---

[224] БВХО ва М.ҶТ - Ф. 27, р.12,д.2449, в. 59.

системаҳои обёришаванда 73 нафар маълумоти олӣ, маълумоти миёнаи техникӣ, 301 ва 369 нафар таҷрибаи бойи истеҳсолии истифодаи шабакаҳои обёрӣ доштанд.[225]

Ба ҳамаи ин нишондодҳо нигоҳ накарда, дар самти Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби ҷумҳурӣ боз норасоии кадрҳои соҳибмаълумот дида мешуд, дар он мавриде, ки корҳои васеи азхудкардани заминҳои нав, дар соҳаи ирригатсия инкишофи обёрии сунъӣ, сохтмонҳои неругоҳҳои пуриқтидори обкашӣ босуръат пеш мерафт. Дар шароите, ки ҳолати мелиоративии заминҳо коста мегашт, системаҳои ирригатсионӣ кӯҳна мешуд ва барои таъмири онҳо мутахассисони таҷрибанок, ки пешравии илмӣ-техникии замонро дуруст истифода бурда метавонанд, зарур буданд. Мувофиқи маълумоти оморӣ соли 1982 дар низоми Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об 3194 нафар кор мекарданд, аммо аз он дар амал 2734 нафар машғули кор буд, яъне 460 нафар намерасид. Дар байни коркунон 1335 нафар корманди касбҳои гидромелиораторӣ, 636 нафар мелиоратор, 163 нафар сохтмончӣ ва 89 нафар мутахассиси дигар буданд.[226]

Дар ҳамин давра масъалаи муҳимми дигар тайёр ва ҷалб кардану ҷой ба ҷой кардани кадрҳо барои хоҷагии кишоварзӣ ва ирригатсия, ки дорои маълумоти олӣ ҳастанд, ба ҳисоб мерафт. Дар шароити Тоҷикистон ин масъала ҳам хусусияти махсуси худро дошт. Зеро дар роҳи тайёр кардани онҳо Тоҷикистон аз дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ақиб монда буд. Зеро то ин дам дар Тоҷикистон барои тайёр кардани кадрҳои дорои маълумоти олӣ мактаби олӣ вуҷуд надошт. Дар ибтидои солҳои 60-ум ягона мактаби олие, ки кадрҳои маълумоти олидори муҳандис-

[225] БВХО ва М.ҶТ - Ф. 27, р.12,д.687, в. 1.

[226] Коммунист Таджикистан. 1959. 6 июл.

гидромелиораторон тайёр мекард, Донишгоҳи хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб мерафт. Дар он айём хатмкунандони ин муассисаи таълими олӣ талаботи иншооти ирригатсионӣ-мелиоративиро таъмин карда наметавонист, зеро шумораи хатмкунандагон кам буд, аз дигар тараф қисми муайяни онҳо масъалаи бо кадрҳои баландихтисос таъмин кардани иншооти ирригатсиониро баҷо намеоварданд.

Дигар душвории ин масъалаи иҷтимоӣ аз он иборат буд, ки кадрҳои гидротехникие, ки аз дигар ҷумуҳурияҳои иттифоқӣ омада, на ҳама вақт ба шароити маҳал, хусусан дар обу ҳавои хушку гарми водии Вахш тоб меоварданд ва ба ҷою макони дигар кӯч мебастанд. Бинобар ин, барои шароитҳои Тоҷикистон, ки инкишофи хоҷагии кишоварзӣ ба обёрии сунъӣ асос ёфта буд, таъсиси донишгоҳи махсуси тайёр кардани кадрҳои азхудкунии заминҳои наву обёрии онҳо шарт ва зарур маҳсуб буд.

Дар ин давраи таҳқиқот дар ҷумҳурӣ ба масъалаи бо кадрҳои баладихтисоси соҳаи ирригатсия, мелиоратсия ва азхудкунии заминҳои нав ба таври зарурӣ диққату эътибор дода намешуд, ки он ба зарари кор буд, зеро кадрҳои маҳаллӣ чун мутахассисони аз дигар ҷумҳуриҳо омада, ҷои корро гузошта, ба дигар мавзеъҳои ба худ маъқул кӯч набардошта, дар ватани худ муқим буданд. Ба замми ин, бояд ба назар гирифт, ки қисме аз ҷавонони тоҷик аз сабаби надонистани забони русӣ кам ба макотиби олии Федератсияи Россия барои таҳсил мерафтанд.

Барои ҳалли чунин масъалаи муҳимми иҷтимоӣ роҳбарияти ҷумҳурӣ тадбирҳои заруриро пеш монданд. Масалан, ҳалли мусбии ин масъала дар назди Донишгоҳи давлатии дар он вақт ба номи В.И. Ленин ва Донишкадаи политехнии Душанбе, ки соли 1956 таъсис ёфта буд, ба таври ҷиддӣ гузошта шуд. Масалан, дар ДДТ доир ба ихтисосҳои гидрогиология ва

геологияи муҳандисӣ, ки онҳо барои корҳои ирригатсионӣ ва азхуд кардани заминҳои нав ниҳоят зарур буданд. Донишкадаи политехникии ҷумҳурӣ дар соҳаи архитекторӣ, муҳандисони сохтмонҳои саноатӣ ва шаҳрвандҳо, таъмини обу коррезҳо мутахассисон доир ба иқтисодиёт ва ташкили сохтмон тайёр мекард.

Бояд зикр намуд, ки доир ба соҳаи тайёр кардан ва баланд бардоштани савияи дониши ихтисоси кадрҳои хоҷагии кишоварзӣ ва ирригатсияю мелиоратсия номутаносибӣ дида мешуд. Дар натиҷа дар ҷумҳурӣ шумораи зиёди кадрҳои соҳаи хоҷагии кишоварзӣ тайёр шуда буд, аммо доир ба масъалаи замину хокшиносӣ ҳамагӣ чанд мутахассис дида мешуду халос. Аз рӯи маълумоти Вазорати хоҷагии қишлоқ ҳар сол барои ҷумуҳурӣ 20-25 хокшинос тайёр кардан зарур буд.[227]

Бинобар сабаби дар ҷумҳурӣ тайёр карда нашудани мутахассисон, зарурат пеш меомад, ки онҳоро берун аз ҷумҳурӣ даъват кунанд.

Аз солҳои 60-уми асри XX сар карда, дар ҷумҳурӣ корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ ба таври васеъ ва комплексӣ ба роҳ монда шуда буд, ки он кадрҳои зиёди баландихтисоси муҳандисиро талаб мекард. Ба чунин ихтисосҳо қабл аз ҳама ташкилотҳои сохтмонӣ ва истеҳсолӣ сахт муҳтоҷ буданд. Аз сабаби он ки таркиби муҳандисон гуногунранг набуда, намояндаи халқҳои маҳаллӣ ниҳоят кам дида мешуд, аз ин лиҳоз дар байни онҳо ҷараёни муҳоҷират ба вуҷуд меомад, ки дар натиҷа сафашон коста мегардид. Масалан, соли 1960 дар ташкилотҳои хоҷагии оби ҷумҳурӣ 49 муҳандис ба кор қабул шуда, 34 нафар аз кор рафт.[228]

---

[227] Коммунист Таджикистан. 1959. 6 июл.

[228] БДТН ҶТ. - Ф.3,р. 151, д. 63, в. 44.

Дар он давра дар натиҷаи аз соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маданӣ-маишӣ аз ҳаёти шаҳр ақиб мондани деҳот, дар байни муҳандисон ва мутахасисони ирригатсионӣ ва мелиоративӣ майли хоҳиши аз деҳот ба шаҳр рафта, кору зиндагӣ кардан, ҳеҷ набошад ба маркази ноҳия рафтан пайдо шуда буд. Аз ин рӯ, ягона роҳу воситаи ҳалли ин масъала дар макотиби олӣ кушодани шуъбаю факултаҳои тайёр кардани кадрҳои хоҷагии об қабл азнамояндагони мардуми таҳҷоӣ буд.

Дар ҳамин давра ягона мактаби олие, ки кадрҳои баландихтисои муҳандисӣ техникӣ, ирригатсионӣ ва мелиоративӣ ин Донишкадаи хоҷагии кишоварзӣ ба ҳисоб мерафт, ки он ҳанӯз аввали солҳои 30-юми асри сипаришуда, дар заминаи факултети хоҷагии кишоварзии ДДОМ, ки дар аввал номи Донишгоҳи хоҷагии қишлоқи Осиёи Миёна ном дошт ба ҳисоб мерафт. Баъд соли 1931 аз он Донишкадаи меваю сабзавоти Осиёи Миёна ташкил гардида, тобистони соли 1931 аз Тошканд ба Ленинобод кӯчонда шуд. Мактаби олии ҷавон аз ДДОМ ва Донишгоҳи хоҷагии кишоварзии Осиёи Миёнаи таҷҳизот ва коркунони илмӣ-омӯзгориро гирифт.

Дар соли аввали ташкил шудани мактаби олии хоҷагии кишоварзӣ дар Тоҷикистон олимони машҳури ҳамон замон, ба мисли профессорон Н.Г. Жуков, М. А. Тупиков, М.А. Ховренко, Н. К. Ярошевич, В.Ф. Чалий ва дигарон кору фаъолият мекарданд.[229]

Барои он ки Тоҷикистон ба кадрҳои баландихтисои хоҷагии кишоварзӣ эҳтиёҷи зиёд дошт, ба ҳамин хотир моҳи октябри соли 1934 Институти меваю сабзавоти Осиёи Миёна ба Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон бо факултаи аграномӣ ва меваю сабзавот табдил дода шуд. Барои он ки ин муассисаи таълимӣ бо мавзеъҳои пахтакори водии Вахш ва

---

[229] БМД ҶТ.- Ф.1493, р.1, д. 62, в. 3.

Ҳисори ҷумҳурӣ  наздик шавад, соли 1944 ба шаҳри Душанбе оварда шуд.

Пас аз ба итмом расидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҳаёти донишкада давраи рушду нумӯ оғоз меёбад. Баҳри ҳамаҷониба тайёр кардани кадрҳои лаёқатманд олимон, ба мисли профессорон А. Б. Трайвас, Б.А. Дошкевич, А.И. Толмачев, Я. Д. Нагибин ва дигарон сафарбар карда шуданд. Барои тайёр кардани муҳандисон - гидротехникҳо соли 1951 дар назди Донишкадаи хоҷагии кишоварзӣ факултаи гидромелиоративӣ кушода шуд, ки ҳамагӣ 50 довталаб қабул мекард.[230]

Махсусан шумораи донишҷӯёни факултет пас аз пленуми майии (1966) КМ ҲКИШ,ки дар он масъалаи мелиоратсияи замин васеъ мавриди муҳокима қарор гирифт, ба афзудан оғоз намуд. Аз соли 1968 сар карда, қабули довталабон дар факултаи номбаршуда ба 125 нафар расид.[231]

Донишкадаи хоҷагии кишоварзӣ дар муддати мавҷудияти хеш, то соли 1964 қариб 4 ҳазор мутахассиси хоҷагии кишоварзӣ, аз он ҷумла 342 нафар муҳандис - гидротехникро барои хоҷагии халқ ва қабл аз ҳама ба системаи ирригатсия ва мелиоратсияи замин тайёр намуд. Танҳо соли 1965 донишгоҳ ба истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ 450 мутахассиси касбҳои гуногунро омода намуд.[232]

Умуман, дар зарфи солҳои 60-ум манбаи асосии тайёр кардани кадрҳои хоҷагии кишоварзӣ ва хоҷагии об, ба ҷуз факултаҳои алоҳидаи ДДТ ба номи В.И. Ленин ва Донишкадаи политехникии Тоҷикистон,

---

230 Холджураев Х.Х., Шагалов Е.С. Таджикскому сельхозинституту 50 лет.- Душанбе, 1981.- С. 154.

231 Ҳамон ҷо.

232 БМД ҶТ.- Ф.1493, р.1, д. 62, в. 3.

танҳо Донишкадаи хоҷагии кишоварзии ҷумҳурӣ ҳисоб меёфт.

Ба ғайр аз ин, дар нимаи дуюми солҳои қабл манбаи асосии тайёр кардани кадрҳои маълумоти олидор барои хоҷагии кишоварзӣ ва хоҷагии об макотиби олии Иттиҳоди Шуравӣ ба ҳисоб мерафт. Хатмкунандагони чунин макотиби олӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ду роҳ ворид мешуданд:

1. бо роҳи ихтиёран интихоб кардани макони кору зиндагӣ;
2. бо роҳхати Кумитаи ба нақшагирии Иттиҳоди Шуравӣ аз рӯи талаботи Тоҷикистон фиристонида мешуданд. Масалан, танҳо соли 1966 ба тресте “Таджикводстрой” 40 мутахассис, мактабҳои олии собиқ Иттифоқро хатм карда буданд, фиристода шуд, ки онҳо ба шуъбаҳои трест тақсим карда шуданд. Онҳо хатмкунандагони Донишгоҳи политехникии Душанбе, Донишгоҳи хоҷагии кишоварзӣ, ДДТ ба номи В.И. Ленин, Донишгоҳи умумииттифоқии роҳи мошин, Донишгоҳи политехникии Ленинград, Донишгоҳи гидромелиоративии Маскав, Донишгоҳи политехникии Гурҷистон, Институти хоҷагии кишоварзии Қазоқистон ва ғайра мебошанд.[233]

Бояд махсус қайд намуд, ки таркиби кадрҳои дараҷаи олии хоҷагии об гуногун буда, намояндагони миллату халқиятҳои гуногун ба камбудиҳои иҷтимоӣ-маишӣ нигоҳ накарда, даст ба даст дар мавзеҳои душворгузар монда нашуда, кор мекарданд. Масалан, метавон тресте “Вахшводстрой”-ро ном гирифт, ки дар он соли 1967 49 мутахассиси маълумоти олидор ва намояндаи даҳ миллату халқият, аз ҷумла 21 русзабон ва даҳ тоҷику 5 ӯзбек кор мекарданд.[234]

---

[233] БМД ҶТ.- Ф. 1747, р.2,д. 2, в. 12-13.
[234] Ҳамон ҷо.- В.24-27.

Дар байни мутухассисони тресги “Вахшводстрой” хатмкунандагони гуногуни макотиби олии Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла Донишгоҳи мелиоративии Новочеркасск, Донишгоҳи гидромелиоративии Маскав, Донишгоҳи муҳандисии истеҳсоли хоҷагии кишоварзӣ, Донишгоҳи муҳандисии хоҷагии об, Донишгоҳи ирригатсия ва хоҷагии об, Донишгоҳи политехникии Гурҷистон, Донишгоҳи хоҷагии кишоварзии Воронеж, Донишгоҳи муҳандисии ирригаторҳои Тошканд, Донишгоҳи сохтмони манзилии Харков, Институти механизатсияи хоҷагии кишоварзии Саратов ва ғайра буданд.

Аз мисолу далелҳои оварда шуда, хулосае бармеояд, ки аз солҳои 60-ум ва минбаъд дар мамлакат оид ба кушодани мактабҳои олии тайёр кардани кадрҳои соҳаи хоҷагии кишоварзӣ ва хоҷагии об на ҳама вақт шароитҳои маҳаллӣ тайёр кардани кадрҳои номбаршуда ҳамаҷониба бо фикру андешаи илмӣ асоснок карда шуда буд. Чунин макотиби олии давр асосан дар муассисаҳои таълимии шаҳри Маскав ва шаҳрҳои саноатӣ кушода мешуд. Яъне ҷойгиршавии макотиби олии махсусгардонидашуда, мувофиқи усули мутамарказонидани имкониятҳои зеҳнӣ ва ғоявӣ ҷойгир карда мешуд, ки ин рафтор принсипи кооператсияи истеҳсолии мактабҳои олиро бо сектори аграрӣ ба вайронӣ оварда мерасонд. Дар натиҷа ҳам кормандони профессорону омӯзгорон ва мутахассисони ояндаи соҳаи хоҷагии кишоварзӣ ва хоҷагии об гӯё аз ҳаёти деҳот канда буданд, дониши назариявии худро бо таҷриба, яъне бевосита дар истеҳсолот мустаҳкам карда наметавонистанд.

Барои ҳамин ҳам дар ҷараёни тайёр кардани кадрҳои хоҷагии оби дорои маълумоти олидор умуман, дар Иттиҳоди Шуравӣ ва дар маҳалҳо ба камбудию нофаҳмӣ роҳ дода шуда буд. Ин макотиби олӣ дар наздикии иншооти хоҷагии кишоварзӣ ва хоҷагии об

кушода мешуд, ба мақсад мувофиқ мебуд. Дар чунин ҳолат мутахассиси ҷавон дониши назариявии дар макотиби олӣ гирифтаро бо таҷрибаю малакаи истеҳсолӣ қавӣ мекарданд.

Ҳамин мавқеъро бояд ёдовар шуд, ки роҳбарони ҳизбию давлатӣ дар он замон ҳалли мусбии масъалаи дар боло зикр кардаро бо роҳи дар Тоҷикистон кушодани макотиби олии тайёр кардани кадрҳои ирригатсионӣ ва хоҷагии обро сари вақт ҳал карда натавонистанд.

Ба камбудиҳою норасиҳои ҷой доштаи тайёр кардани кадрҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ нигоҳ накарда, мутахассисони ҷабҳаи обёрии заминҳо дар ҷараёни кор меҳнати фидокоронаро нишон дода, ба муваффақиятҳо ноил гардиданд. Сохтмони иншооти ирригатсионӣ-мелиоративӣ якчанд пешқадамони истеҳсолот, кадрҳои муҳандис-навоварон ва ихтироъкоронро ба саҳнаи корзор пешниҳод кард. Бисёр мутахассисон бо меҳнати ҳалолу фидокоронаи худ унвони ирригатори хизматнишондодаи ҷумҳуририро соҳиб шуданд. Ба қатори онҳо, аз ҷумла Котов Ф.И. Назаров О., Акимкина А.А. Кутжан М., Штиряев В.А. Ҷӯраев А.,Романенко Т.Я. ва дигарон дохил мешаванд.[235]

Шумораи зиёди кадрҳои касби маълумоти олидор дар атрофи омӯзишгоҳи лоиҳакашӣ-кофтуковии "Таджикгидроводхоз", ки дар ибтидои солҳои 50- уми асри XX ташкил шуда буд, гирд омаданд. Дар ибтидои фаъолияти хеш ин мактаби олӣ ташкилоти на он қадар ташаккулёфта ба ҳисоб мерафт, дар ҳайаташ шумораи ночизи мутахассисони гидротехникҳо ва ирригаторон мавҷуд буданд, дар самтҳои дигари лоиҳакашӣ техникаи заминканӣ ва озмоишгоҳи заминсанҷӣ мавҷуд набуд. Дар ибтидои

[235] БМД ҶТ.- Ф. 27. Р.12, д. 1576, в. 80.

солҳои 60-ум донишгоҳ ба ташкилоти калони лоиҳакашӣ ва кофтуковӣ мубаддал гашта, дар ҳайати худ доир ба тамоми соҳаҳои сохтмонӣ мутахассисони лаёқадмандро гирд оварда буд.

Дар солҳои 60-ум дар донишгоҳ ба таври комплексӣ масъалаи дар заминҳои нав шароитҳои мураккаби топографию геологӣ ҳаллу фасл карда мешуд. Дар таҷриба обёрии мошинӣ ба воситаи пурра истифода бурдани неругоҳҳои насосии электрикунонидашуда ва иншооти мураккаби гидротехникӣ ва тарзи нави роҳу воситаи обёрӣ васеъ ба кор бурда мешуд.

Дар натиҷаи инкишофи корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ сол аз сол барномаи солонаи донишгоҳ афзун мегардид. Масалан, агар соли 1960 барномаи солона аз ҷиҳати маблағ ҷудокунӣ 1107 ҳазор сӯмро ташкил карда бошад, пас аз даҳ сол ин маблағ ба 2180 ҳазор сӯм омада расид.[236]

Бо ҳамин шумораи кадрҳои соҳибкасб сол то сол, махсусан аз ҳисоби ҷӯяндагон афзуда буд. Агар соли 1960 шумораи онҳо 468 нафарро ташкил карда бошад, соли 1970 ин адад ба 900 нафар расид, яъне шумораи онҳо дар муддати даҳ сол зиёда аз ду маротиба зиёд гардид. Дар ҳамин муддат шумораи коркунони муҳандисӣ-техникӣ ба 387 ва дар соли 1970 ба 519 нафар омада расид.[237]

Донишгоҳи лоиҳакашиву ҷустуҷӯии “Таджикгипроводхоз”, ки дар он ҷо асоси кадрҳои мутахассисони дараҷаи олӣ кор мекарданд, бечунучаро дар масъалаи инкишофи сохтмонҳои хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми худро гузошт. Дар солҳои 70-ум масъалаи тайёр ва ҷо ба ҷо кардан ва тарбияи кадрҳои дараҷаи баландихтисос доир ба масъалаи

---

[236] БМД ҶТ.- Ф. 27. Р.12, д. 324, в. 130.

[237] Ҳамон ҷо.- В.131.

зикргардида, яке аз масоили муҳимми хоҷагии халқ маҳсуб буд. Ин масъала, ки ба соҳаи васеъ кардани ирригатсия ва мелиоратсия, азхудкардани заминҳои нав, ҳаҷми обёрии сунъиро зиёд кардан, кадрҳои баландихтисоси соҳаи гидротехникиро тарбия намудан алоқаманд буд. Масалан, танҳо дар солҳои панҷсолаи нӯҳум дар трести “Вахшводстрой” талабот барои мутахассисони маълумоти олӣ зиёда аз 100 нафарро ташкил мекард, аз ҷумла 20 нафар сохтмончии гидромелиоративӣ,19 нафар барои саноатӣ шаҳрвандӣ, боз 19 нафар барои сохтмонҳои гидротехникӣ, 16 нафар барои механизатсия хоҷагии кишоварзӣ лозим буд.[238]

Барои трести ”Таджикводстрой” дар ин муддат изофатан 769 нафар мутахассиси дорои маълумоти олӣ лозим буд, ки аз он 150 нафар барои гидромелиоратсия 150 нафар барои сохтмони гидротехникию гидромелиоративӣ лозим буд.[239]

КМ ҲК ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 9 июни соли 1971 қарори муштаракро “Доир ба чорабиниҳои инкишофи минбаъдаи мелиоратсия ва азхудкунии заминҳои навро дар солҳои 1971-1975” қабул намуданд. Дар он, аз ҷумла гуфта шуда буд: “Ба госплани Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад, ки бо якҷояигии вазоратҳову идораҳои ҷумҳурӣ тавассути зиёд кардани шумораи довталабони рӯзона ва ғоибонаи факултаи гидромелиоративии Донишгоҳи хоҷагии кишоварзӣ доир ба ихтисосҳои гидротехника ва гидромелиоратсия раванди омода кардани кадрҳои зарурии ин соҳа ҷоннок намоянд”[240].

Ибтидои солҳои 70-ум дар натиҷаи бо суръати тез дар Тоҷикистон икишофи обёрии мошинӣ дар соҳаи

---

238 БМД ҶТ.- Ф. 1747, р. 1, д. 15, в. 49.

239 БДТН ҶТ. - Ф.3,р. 264,д. 26, в. 3.

240 БВХО ва М.ҶТ. - Ф.27, р.12, д. 7. В. 208-209.

хоҷагии об бахши аграрӣ масъалаи зудтар тайёр, ҷобаҷогузорӣ ва тарбияи мутахасисони обёрии сунъӣ ба миён омад. Барои сари вақт ҳал кардани чунин масъалаи зарурии иҷтимоӣ дар ҳамон замон ҷумҳурӣ тайёр набуд, зеро суръати обёрии мошинӣ аз суръати тайёр кардани кадрҳо хеле пеш рафта буд. Саволе ба миён меояд, ки чаро дар ҳалли чунин масъалаи муҳимми иҷтимоӣ нобаробарӣ рух дод? Ба ақидаи мо барои дар макотиби олӣ кушодани факултаҳои махсуси гидротехникӣ маблағи зарурӣ вуҷуд надошт.

Дуюм, ин ки дар ин макотиби олӣ пойгоҳи моддӣ-техникии зарурӣ дида намешуд. Инчунин, дар ин ҷо аз байни мардуми маҳаллӣ профессор-муаллимони кадрҳои маҳаллӣ ниҳоят камшумор ба назар мерасид. Ба ҷуз ин роҳбарони ҷумҳурӣ ва хоҷагӣ сари вақт шароитҳои камзаминии ҷумҳуриро ба назару эътибор намегирифтанд. Барои сари вақт тайёр кардан кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ аз ҷониби роҳбарият ҷорабиниҳои фаврӣ андешида намешуд.

Ҳамин тавр, ҷумҳурӣ ва роҳбарияти он барои бо тезӣ истифода бурдани имкониятҳои пешрафти илмӣ-техникӣ ва самаранок истифодаи шабакаҳои бо зуддӣ пешрафтаи неругоҳҳои пуриқтидори ҳозиразамони истгоҳҳои насосиро самаранок истифода бурда натавонистан, ба соҳаи молиявӣ зарар меоварданд. Дар хусуси сари вақт нарасидани кадрҳои инженерӣ-техникӣ дар соҳаи идора ва истифодаи системаи обёрикунанда дар нимаи аввали солҳои 70-ум чунин маводи оморӣ шаҳодат медиҳанд. Аз ҷумла, аз 40 нафар сарварони истгоҳҳои насосӣ ҳамагӣ 4 нафар маълумоти олӣ, 16 нафар маълумоти миёна доштанд, 20 нафари дигар умуман бемаълумот буда, танҳо таҷрибаи корӣ доштанд.[241]

[241] Комсомолец Таджикистана. 1975. 25 июня.

Норасоии дигар ин раванди тайёр кардани кадрҳои соҳаи обёрии мошинӣ ин буд,ки дар факултаи энергетикии Донишкадаи политехникии Тоҷикистон курси пурраи омода кардани мутахссисон доир ба неругоҳҳои насосӣ мавҷуд набуд. Дар шароити Тоҷикистон аз солҳои 60- ум ва 70-ум сар карда, бо суръати ниҳоят тез корҳои обёрии мошинӣ ба роҳ монда шуд. Аз ин рӯ, на танҳо дар ин муассиса курси пурра оид ба бо истифода бурдани неругоҳҳои насосӣ, балки факултаи махсусе кушодан лозим буд, ки дар он кадрҳои мардуми маҳаллӣ чун мутахассиони соҳибмаълумот тайёр карда шаванд. Афсӯс, дар ҳамон солҳо факултаи номбурда бо якчанд сабабҳо кушода нашуд, ки ин амал барои тайёр кардани кадрҳои ҷиддии баланихтисоси соҳаи обёрии мошинӣ як хатоии ислоҳнашаванда маҳсуб буд.

Бояд зикр намуд, ки дар зарфи солҳои 60-ум ва 70-уми асри сипаришуда дар ҷумҳурӣ оиди тайёр кардани кадрҳои хоҷагии об ягон пешбинии ҷиддӣ дида намешуд. Ҳол он ки дар ин муддат дар назди ташкилотҳои салоҳиятдори болоӣ, масъалаи дар назди макотиби олии ҷумҳурӣ кушодани шуъбаи махсус ва ё факултаи тайёр кардани кадрҳои ирригаторӣ ва мелиоративӣ гузошта шуда буд. Дар ин давра сарчашмаи асосии тайёр кардани чунин кадрҳо чун пештара факултаи гидромелиоративии Донишкадаи хоҷагии кишоварзии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт, ки мунтазам оид ба интихоби довталабони дараҷаи олии ихтисос корбарӣ мекард. Агар дар аввали солҳои 50-ум дар ин факултет 25-50 донишҷӯ қабул карда бошанд, соли 1975 ин шумора ба 150 нафар расид.[242]

Дар давраи мавҷудияти худ ин факултет зиёда аз ҳазор мутахасисони хоҷагии обро баровarда, ба

[242] Комсомолец Таджикистана. 1975. 25 июня.

истеҳсолот равона кард, ки қисме аз онҳо аз истеҳсолот ҷудо нашуда, маълумоти олиро соҳиб гардиданд.

Солҳои 70-ум сарчашмаи асосии афзудани шумораи баладихтисоси кадрҳои хоҷагии об чанде аз макотиби олии ҷумҳурӣ, махсусан аз дигар шаҳрҳои Иттиҳод дар ҳамон замон ҳисоб мешуд. Қисми асосие, ки кадрҳои аз дигар ҷумҳуриву шаҳрҳои собиқ Иттифоқ ба Тоҷикистон меомаданд, таҷрибаи калони истеҳсолӣ ва малакаи зиёди таҷрибавӣ доштанд. Танҳо дар зарфи соли 1976 ба низоми ирригатсия ва мелиоратсия Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрҳои мухталифи Иттифоқӣ 68 нафар сохтмончиёни хоҷагии об бо маълумоти олӣ ба кор омада буданд, 54 нафар механикҳои корҳои мелиоративӣ, сохтмончиёни шаҳрвандӣ ва саноатӣ буданд.[243]

Дар ташкилотҳои обу хоҷагии ҷумҳурӣ барои баланд бардоштани савияи касбии мутахассисон корҳои умедбахш гузаронида мешуд. Соли 1978 бо мақсади мунтазам баланд бардоштани савияи ихтисоси коркунони роҳбарикунандаи инженер - техникӣ дар назди Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби ҷумҳурӣ комбинати таълимӣ кушода шуд. Дар як муддати кӯтоҳ дар назди ин комбинати таълимӣ 700 нафар коркунони инженер-техникӣ савияи ихтисоси худро баланд бардоштанд.[244] Ғайр аз ин кадрҳои роҳбарикунанда ва мутахассисон бавоситаи мактабҳои олии мамлакат ва донишгоҳи хоҷагии кишоварзии ҷумҳурӣ савияи касбии худро баланд мебардоштанд.

---

[243] БВХО ваМ. - Ф.27, р.12, д. 12. Д. 6, в. 18.
[244] БВХО ваМ. - Ф.27, р.12, д. 12. Д. 6, в. 18.

# ХОТИМА

Дар натиҷаи инкишофи ҷомеа ва суръати тези прогресси илмӣ- техникӣ ва афзудани талабот ба истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ, зарурияти васеъ намудани корҳои мелиоративӣ, минҷумла сохтмонҳои калони обёришаванда ба пеш омад. Дар солҳои нақшаи ҳафтсолаи инкишофи хоҷагии халқ дар мамлакат ба ҷуз масъалаи рушди хоҷагии кишоварзӣ, инчунин диққати асосиро ба пешравии ҳамаҷонибаи минбаъдаи обёрӣ дода мешуд.

Дар ибтидои солҳои 60-уми асри XX бо сохтмони иншооти калони энергетикӣ обёришавии заминҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба давраҳои пеш дар миқёси васеъ инкишоф меёфт. Хусусияти хосаш аз он иборат буд, ки агар дар солҳои 50-ум иншооти ирригатсионӣ дар қисми Шимолии Тоҷикистон бо суръати тез ва миқёси калон гузашта бошад, аз аввали солҳои 60-уми сар карда, бо сабаби ташаккул ёфтани комплекси территориявӣ-истеҳсолии ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон ин ҷараён бо суръат рӯикор меояд. Бояд зикр намуд, ки дар солҳои 60-ум ва 70-ум дар ин ноҳияҳои Тоҷикистон корҳои намоёни ирригатсионӣ асосан дар водиҳои Ёвону Обикиик, Бешкент, Вахш ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ идома меёфт.

Водии Ёвон дербоз диққати мутахассисони соҳаи хоҷагии кишоварзӣ ва хоҷагии обро ба худ ҷалб мекард, зеро он ҳам аз лиҳози фаровонии замин ва ҳам аз лиҳози ҳосилнокии он аз дигар водиҳои ҳамсоя қафо намеистод. Баҳри ҳалли чунин мақсаду маром, яъне обшор гардонидани водиҳои Ёвону Обикиик қарор карда шуд, ки ҳатман дар назди дарёи Вахш, дар деҳаи Бойғозӣ нақби обгузар бунёд карда, садҳо километрҳо канал ва шабакаҳои пӯшидаи обгузар ва бо шумораи зиёд иншооти гидротехникӣ бунёд карда шавад.

Дар иншооти чунин гидроузели калон коллективҳои бисёр ташкилотҳо, заводу корхонаҳои мамлакати шуроҳо ширкат варзиданд. Бо ҳамин

гидроузели Бойғозӣ дар назди дарёи Вахш ҳамон солҳо ҳамчун сохтмони умумихалқӣ ном гирифта буд.

Меҳнаткашони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ёриву мадад ва дастгирии доимии намояндагони ҳалқҳои Иттиҳоди Шуравӣ сохтмони асосии шабакаи ирригатсионии Вахшу Ёвон ва Ёвону Обикиик, яъне нақбҳои ирригатсионӣ ва каналҳои асосии обгузарро бунёд намуданд.

Аз нимаи дуюми солҳои 60-уми асри XX дар ҷумҳурӣ дар соҳаи сохтмони иншооти ирригатсионӣ давраи нав оғоз ёфт. Дар ин давра бо истифодаи техника ва технологияи навтарин нақбҳои калони ирригатсионӣ бунёд гардиданд, ки онҳо на танҳо дар таҷрибаи корҳои обёрии заминҳои бекорхобидаи ватанӣ, балке байналмилалӣ ҳамто надоранд. Дар иншооти хурду калони гидротехникии водии Вахш намояндагони тамоми халқияту миллатҳаи мамлакати шуроҳо сари вақт ёрии ҳамаҷонибаи худро расониданд.

Сохтмонҳои ирригатсионӣ ва азхуднамудани заминҳои нави Мирзочӯл ба роҳи саноаткунонӣ ворид карда шуда, имконият фароҳам овард, ки дар муддати нисбатан кӯтоҳ чунин як иншооти ҳаҷман калон ва масъулиятнок амалӣ гардад.

Ибтидои солҳои 80-ум дар Тоҷикистон оид ба нақшагирии сохтмони иншооти бузурги хоҷагии об дар миқёси васеъ ба роҳ монда шуд. Ба чунин иншоот метавон сохтмони поёноби Кофарниҳон, ки он моҳияти муҳимми хоҷагии халқро доро буд ва метавонист бисёр масоили хоҷагии оби ҷанубии Тоҷикистонро ҳаллу фасл намояд, ба забон бояд гирифт. Яке аз хусусияти махсуси сохтмони хоҷагии об дар ҷумҳурӣ дар ин давра инкишофи неруи барқ, обёрии мошинӣ ва сохтмони обанборҳои ҳаҷман калон мебошад, ки онҳо метавонанд масъалаҳои зиёди ирригатсионӣ ва мелиоративиро ҳаллу фасл намоянд.

Иншооти азими хоҷагии об инчунин яке аз қисмати асосии ташаккули самтҳои территориявӣ-истеҳсолии ноҳияҳои ҷанубӣ ва маркази ҷумҳуриро

хизмат мекунад. Дар миқёси ИЧШС нақби ирригатсионии Данғара яке аз калонтарин иншооти гидротехникӣ ба ҳисоб мерафт. Нақби ирригатсионии Дарғара бо нодирии хеш диққати мутахассисонро ба худ ҷалб намуд. Дар таърихи сохтмонҳои гидротехнкии ватанӣ ба ин монанд иншоот дида намешуд.

Сохтмони нақби Данғара, ба ҷуз якчанд вазифаҳои хоҷагиву иқтисодӣ, барои ҳаллу фасли чандин вазифаҳои иҷтимоӣ ва техникиро низ иҷро намуд. Сохтмони канали магистралии Бешкент дар шароити ниҳоят вазнини табиӣ пеш бурда мешуд. Дар ин давра дар самти сохтмони иншооти бузурги ирригатсионӣ ва гидротехникӣ муваффақиятҳои чашмрас дида мешуд.

Аз солҳои 60-уми асри XX дар Тоҷикистон нисбат ба ҷумҳуриҳои номбаршуда қариб захираи заминҳои обёришавандаи табиӣ тамом шуда буд. Дар ин маврид ягона роҳ ва шаклу методҳои баланд бардоштани истеҳсолоти хоҷагии кишоварзии Тоҷикистон,ки ба он эҳтиёҷоти зиёд дошт, ба талу теппа, доманакӯҳҳо бо роҳи техникӣ ва қувваи барқ баровардани об заминҳои наву бекорхобида азхуд ва обёрӣ карда мешуд.

Таҷрибаи таърихӣ комилан дуруст ва ҳамаҷониба исбот намуд, ки дар ҳамон айём азхудкардани заминҳои наву бекорхобида дар доманакӯҳу талу теппа бе инкишофи гидроэнергетика ва бе таъмини обу барқ аз имкорун берун буд. Каналҳои худҷоришавии об мунтазам ҷои худро ба обёрии сунъӣ медоданд.

Чунин шароитро ба назар гирифта дар охири солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-ум корҳои ҷамъбастии хоҷагии об, бо иншооти неругоҳҳои бузурги насосӣ, ки қудрати ҳалли якчанд вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-маданиро доштанд, оғоз гардид.

Дар ҷараёни корҳои ирригатсионӣ-мелиоративӣ ва азхудкунии заминҳои нав дар назди сохтмончиён якчанд масъалаҳо меистоданд, ки яке аз онҳо тез-тез аз

кор рафтани кадрҳо ба ҳисоб мерафт, ки он бегуфтугӯ ба ҳалли саривақтии вазифаҳои ба миён монда, таъсири манфӣ мерасонид.

Дигар сабаби нарасидани кадрҳо ба корҳои ирригатсионӣ-мелиоративӣ бо ҳар гуна сабабҳо аз кор рафтани мутахассисон, аз ҷумла муҳандисони баъд аз хатми Институти хоҷагии кишоварзии Тоҷикистон мебошанд, зеро баъзе аз онҳо гирифтани роҳхати ба ноҳияҳо рафтанро рад мекарданд. Қисме аз онҳо дар шаҳр монда бо корҳои ғайриихтисос машғул мегаштанд. Дар маҳалҳо бошад ташкилотҳои обу хоҷагӣ барои мутахасисони ҷавон шароитҳои маданӣ ва маиширо на ҳама вақт ба таври лозимӣ ва сари вақт муҳайё мекарданд.[245]

Ҳар сол аз ҷониби давлат барои корҳои ирригатсионӣ ва мелиоративӣ, азхудкунии заминҳои наву бекорхобида маблағи зиёд ҷудо карда мешуд. Аммо онро ташкилотҳои хоҷагии об на ҳама вақт ба ҷои истифодашаванда ва ба таври сарфакорона истифода мебурданд.

Ба дастовардҳои нисбат ба солҳои пешин зиёд нигоҳ накарда, дар ҷараёни азхудкунии қисми тоҷикистонии даштҳои Мирзочӯл аз ҷониби ташкилотҳои ҳизбӣ, шуравӣ ва хоҷагии об ба камбудиву норасоиҳои авфнопазир роҳ дода мешуд, ки ин амал ба рафти ҳаракати иншооти ирригатсионӣ ва мелиоративӣ, истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ таъсири манфӣ нарасонида наметавонист.

Дар солҳои 60-ум ва минбаъд яке аз омилҳои ба таври васеъ ба кор бурдани корҳои ирригатсионӣ, мелиоративӣ ва онро бо техникаи навтарини замонавӣ таъмин кардан маҳсуб буд. Таҷриба инчунин нишон дод, ки дар ин солҳо ва минбаъд на ҳама вақт азхудкуниин заминҳои нав ба таври комплексӣ ба иҷро мерасид.

---

[245] БТНҶТ.- Ф. 3,р.151,д. 63, в. в. 40.

Масъалаи муҳимми дигари азхудкунии заминҳои хоҷагии кишоварзӣ ҷо ба ҷо кардани кадрҳои механизаторӣ ва пеш аз ҳама намояндагони меҳнаткашони маҳаллӣ маҳсуб буд, зеро аз байни онҳо аз кор рафтан кам дида мешуд.

Дар солҳои 70-ум масъалаи обёрӣ ва азхудкунии заминҳои водиҳои Ёвону Обикиик ҳамчун солҳои қаблӣ дар маркази диққати сохтмонҳои хоҷагии оби Тоҷикистон меистод.

Совхозҳои заминҳои навазхудшуда, ки дар ихтиёри Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об буданд, пас аз бунёд ба тобеияти Вазорати хоҷагии кишоварзӣ гузаронида шуд. Комиссияи ин вазорат баъд аз дида баромадани вазъияти кор дар системаи хоҷагии оби водиҳои Ёвону Обикиик камбудиҳоро ошкор карда, чораҳои аз байн бурдани онҳоро нишон дод. Аммо дар солҳои рукуд ин чорабиниҳо дар бисёр маврид дар рӯи коғаз монданд.

Дар охири солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-ум азхудкунӣ ва обшор намудани дашти Данғара гузаронида шуд, ки аз лиҳози аҳаммияти хоҷагии халқ ва миқёс аз сохтмони водии Вахш кам нест. Дар дашти Данғара минбаъд қариб 80 ҳазор гектар заминҳои наву бекорхобида азхудкардашуданд. Мувофиқи нақша дар ин ҷо бояд 24 совхози нав бунёд карда мешуд.

Нимаи аввали солҳои 80-ум дар вилояти Қӯрғонтеппа наздики 220 ҳазор гектар замин обшор гардид ва дар натиҷа водии Вахш ба комплекси бузурги агросаноатӣ табдил ёфт.

Аз рӯи гуфтаҳои боло мо ба андешае омадем, ки агар камбудиҳои зикршуда, яъне қувва ва маблағи ҷудо карда, ба корҳо ва роҳҳои ғайримақсаднок сарф карда намешуд, сари вақт вазифаи иншооти нақби ирригатсионӣ ва азхудкунии хоҷагии кишоварзии дашти Дилварзин асосан дар панҷсолаи ёздаҳум ба анҷом мерасид.

Масъалаи барқароркунии хоҷагии кишоварзӣ бо масъалаи ташкил кардани муҳоҷирати дохилӣ алоқаи

қавӣ ва ҷудонашаванда дорад. Зеро маълум, ки дар солҳои ҷанг ҷараёни муҳоҷирати дохилӣ асосан хомӯш монда буд, зеро барои ҳалли ин масъалаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шароитҳои мусоид вуҷуд надошт. Танҳо пас аз ҷанг баробари ба миён омадани масъалаи барқароркунии хоҷагии кишоварзӣ, масъалаи эҳё кардани ҷараёни муҳоҷирати дохилӣ низ ба миён омад. Ин масъала дар нақшаҳои кашидаи роҳбарияти ҷумҳурӣ ба таври мушаххас ба инобат гирифта шуда буд.

Шурои вазирони ҷумҳурӣ сарвари шуъбаи муҳоҷиркунии Тоҷикистонро низ вазифадор кард, ки шахсан якчанд коркунони масъулро ҳам ба вилояти Ғарм, макони баромади муҳоҷирон ва вилояти Қӯрғонтеппа ҷову макони нави фотеҳони заминҳои бекорхобида то дами ба охир расидан ҷараёни кӯчокӯч раванд ва бевосита оид ба сари вақт ва беолоиш гузарнидани ин чорабинӣ саҳмгузор бошанд.[246]

Ҳамин тавр, дар зарфи солҳои баъдиҷангӣ сиёсати муҳоҷиргардонии дохилии ҷумҳурӣ, ки вазифаи дар он вақт ниҳоят зарурии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба шумор мерафт, ба иҷро расид. Даҳҳо ҳазор деҳқонони камзамин ва бекор ба ноҳияҳои пахтакор, ки муҳтоҷи қувваи корӣ буданд, кӯчонида шуда, масъалаи бо коргарон таъмин кардани заминҳои навкорам ва иншооти ирригатсионӣ-мелиоративӣ як дараҷа ҳалли мусбати худро ёфт.

Муҳоҷирати дохилиҷумҳурӣ ва тарҳрезии соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 60-90 асри XX хусусиятҳои хоси худро доро буд. Дар солҳои 40-50 -ум дар баробари имкониятҳои дохилӣ, муҳоҷирати хоҷагии кишоварзӣ ба ноҳияҳои пахтакор, чун ёрии дӯстона аз ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия ташкил карда шуд. Дар нимаи дувуми асри XX муҳоҷирати дохили ҷумҳурӣ аз ҳисоби захираҳои дохилӣ, алалхусус чун

---

[246] БМД ҶТ. - Ф.288, р. 9. Д.23, в. 26.

солҳои қаблӣ, аз мавзеъҳои кӯҳиву доманакӯҳ ба роҳ монда шуд.

Ҷараёни тайёр ва баланд бардоштани тахассуси кадрҳои хоҷагии обро ба ду давра тақсим кардан ба мақсад мувофиқ аст. Ба ақидаи мо, давраи аввал аз аввали солҳои 60-ум то нимаи аввали солҳои 70-ум, давраи дуюм аз нимаи дуюми солҳои 70-ум то нимаи аввали солҳои 80-умро дар бар мегирад. Ҳар кадоми ин давраҳо аз лиҳози шароити таърихӣ, пойгоҳи моддӣ - техникӣ, иқтидори маданӣ - фарҳангӣ гуногун буда, ба худ хусусиятҳои махсус доранд.

**РАҚИБ АБУЛҲАЕВ**

# ИНКИШОФИ ОБЁРӢ ВА АЗХУДКУНИИ ЗАМИНҲОИ БЕКОРХОБИДА ДАР ТОҶИКИСТОН
**(СОЛҲОИ 1961-1991)**

Ба чоп 16. 06. 2026 Имзо шуд.
Андозаи 60х84 1/16. Қоғази офсетӣ.
Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсетӣ.
Ҷузъи чопии шартӣ 12,5. Адади нашр 100.

Дар ҶДММ «Бебок» чоп шуд.